# Стандарти байналмилалии ҳисоботи молиявӣ 15
# *“Даромад аз фурӯш тибқи шартнома бо харидорон”*

## Мақсад

1 **Мақсади Стандарти мазкур аз муқаррар намудани принсипҳое иборат мебошад, ки корхона бояд ҳангоми пешниҳоди иттилооти муфид барои истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ дар бораи хусусият, маблағ, муҳлат ва номуайянии даромад аз фурӯш ва воситаҳои пулӣ, ки тибқи *шартномаҳо* бо *харидорон* қайду шарт шудаанд, татбиқ намояд.**

### Ноил гардидан ба мақсад

2 Барои ноил гардидан ба мақсади дар банди 1 пешбинишуда принсипи асосии Стандарти мазкур аз корхона эътирофи даромад аз фурӯшро барои инъикоси интиқоли мол ё хизматрасонии ба харидор ваъдашуда, ба андозаи маблағе, ки ҷубронро инъикос карда, корхона ҳуқуқ ба онро эҳтимолан бар ивази чунин мол ё хизматрасонӣ ба даст оварад, талаб менамояд.

3 Ҳангоми татбиқи Стандарти мазкур корхона бояд шартҳои шартнома ва ҳама далелу ҳолатҳои дахлдорро ба инобат гирад. Корхона бояд Стандарти мазкур, аз ҷумла, истифодаи ҳама гуна соддагардонии хусусияти амалидоштаро ба таври пайваста дар робита ба шартномаҳои дорои хусусиятҳои ҳаммонанд ва дар ҳолатҳои мушобеҳ татбиқ намояд.

4. Дар Стандарти мазкур баҳисобгирии шартномаи алоҳида бо харидор баррасӣ мешавад. Аммо метавонад ба сифати соддагардонии хусусияти амалидошта корхона Стандарти мазкурро нисбат ба портфели шартномаҳои дорои хусусиятҳои ҳаммонанд (ё *уҳдадориҳо барои иҷро*) татбиқ намояд, агар корхона ба таври асоснок итминон дошта бошад, ки аз нуқтаи назари ҳисоботи молиявӣ натиҷаҳои татбиқи Стандарти мазкур нисбат ба портфели шартномаҳо, аз натиҷаҳои татбиқи Стандарти мазкур нисбат ба шартномаҳои алоҳида (ё уҳдадориҳо барои иҷро) дар доираи чунин портфел моҳиятан фарқ намекунанд. Ҳангоми баҳисобгирии портфели шартномаҳо корхона бояд арзёӣ ва фарзияҳоеҳоро истифода барад, ки андоза ва таркиби чунин портфелро инъикос мекунанд.

## Доираи татбиқ

5 Корхона бояд Стандарти мазкурро нисбат ба ҳама шартномаҳо бо харидорон, ба истисноии шартномаҳои зерин, татбиқ намояд:

(а) шартномаҳои иҷора, ки ба доираи татбиқи СБҲМ 16 *“Иҷора”* мансубанд;

(б) шартномаҳое, ки ба доираи татбиқи СБҲМ 17 *“Шартномаҳои суғурта”* мансубанд. Аммо тибқи банди 8-и СБҲМ 17 корхона ҳуқуқ дорад тасмим гирад, ки Стандарти мазкурро нисбат ба шартномаҳои суғуртаи дорои ҳадафи асосии пешниҳоди хизматрасонӣ бар ивази подошпулии собитшуда татбиқ намояд;

(в) воситаҳои молиявӣ ва дигар ҳуқуқҳо ё уҳдадориҳои шартномавӣ, ки дар доираи татбиқи СБҲМ 9 *“Воситаҳои молиявӣ”*, СБҲМ 10 *“Ҳисоботи молиявии маҷмуӣ”*, СБҲМ 11 *“Соҳибкории муштарак”*, СББМ 27 *“Ҳисоботи молиявии алоҳида”* ва СББМ 28 *“Сармоягузорӣ ба ассосиатсияҳо ва корхонаҳои муштарак”* қарор мегиранд;

(г) мубодилаи ғайрипулӣ байни корхонаҳои як соҳаи тиҷорат барои мусоидат ҷиҳати амалиёти фурӯш ба харидорон ё харидорони билқувва (билқувва). Масалан, Стандарти мазкур дар мавриди шартномаи байни ду ширкати нафтрасон, ки қарор мебанданд нафтро саривақт мубодила кунанд, то талаботи харидорони худро дар минтақаҳои гуногуни мушаххасшуда таъмин кунанд, татбиқ намегардад.

6 Корхона бояд Стандарти мазкурро нисбат ба шартнома (ба истисноии шартномаҳои дар банди 5 номбаршуда) танҳо дар ин сурат татбиқ намояд, агар контрагент тибқи шартнома харидор бошад. Харидор - тарафе, ки бо корхона барои ба даст овардани мол ё хизматрасонии аз фаъолияти муқаррарии корхона бавуҷудоянда ба ивази подош шартнома бастааст. Контрагент тибқи шартнома харидор ба ҳисоб намеравад, агар масалан, контрагент бо корхона барои иштирок дар фаъолият ё раванде шартнома баста бошад, ки дар он тарафҳо байни худ хавф ва манфиатҳои дар чунин фаъолият ё раванд қайду шартшударо (масалан, коркарди дорӣ дар асоси созишнома дар бораи

ҳамкорӣ), на шартнома барои гирифтани натиҷаҳо аз фаъолияти муқаррарии корхона, тақсим мекунанд.

7 Шартнома бо харидор метавонад қисман дар доираи татбиқи Стандарти мазкур ва қисман дар доираи дигар стандартҳои дар банди 5 номбаршуда қарор гирад.

(а) агар стандартҳои дигар ба он ишора кунанд, ки чӣ тавр зарур аст як ё якчанд ҷузъҳои шартнома ҷудо ва/ё дар аввал арзёбӣ карда шаванд, пас корхона бояд дар ибтидо талаботро барои ҷудосозӣ ва/ё арзёбии чунин стандартҳо татбиқ намояд. Корхона бояд аз *нархи амалиёт* маблағи ҷузъ (ё ҷузъҳо)-и шартномаро, ки дар аввал мувофиқи стандартҳои дигар арзёбӣ карда мешава(н)д, хориҷ кунад ва бояд бандҳои 73-86-ро барои мансуб кардани маблағи боқимондаи (агар чунин мавҷуд бошад) нархи амалиёти ҳар як уҳдадорӣ барои иҷро дар доираи татбиқи Стандарти мазкур ва дигар ҷузъҳои шартнома, ки дар банди 7(б) нишон дода шудаанд, истифода кунад.

(б) агар стандартҳои дигар ба он ишора кунанд, ки чӣ тавр зарур аст як ё якчанд ҷузъҳои шартнома ҷудо ва/ё дар аввал арзёбӣ карда шаванд, пас корхона бояд Стандарти мазкурро барои ҷудосозӣ ва/ё арзёбии аввалияи ҷузъ(ҳо)-и шартнома истифода барад.

8 Дар Стандарти мазкур баҳисобгирии хароҷоти изофии барои бастани шартнома бо харидор сарфшуда ва хароҷоте, ки дар робита ба иҷрои шартнома бо харидор истифода гардидааст, баррасӣ мегардад, агар чунин хароҷот дар доираи татбиқи стандарти дигар қарор надошта бошад (ба бандҳои 91-104 нигаред). Корхона бояд ин бандҳоро танҳо нисбат ба хароҷоте, ки дар робита ба иҷрои шартнома бо харидор (ё ҷузъи чунин шартнома) сарф шуда, ба доираи татбиқи Стандарти мазкур дохил мешавад, татбиқ намояд.

## Эътироф

### Мушаххаскунии шартнома

**9 Корхона бояд шартномаи бо харидорро, ки ба доираи татбиқи Стандарти мазкур дохил мешавад, танҳо дар сурате ба инобат гирад, ки тамоми меъёрҳои дар зер номбаршуда комилан риоя шаванд:**

**(а) тарафҳои шартнома онро тасдиқ намуда (ба таври хаттӣ, шифоҳӣ ё мувофиқ бо дигар амалияи муқаррарии корӣ), уҳдадор мешаванд уҳдадориҳои тибқи шартнома пешбинишударо иҷро кунанд;**

**(б) корхона метавонад ҳуқуқҳои ҳар як тарафро дар робита ба мол ё хизматрасоние, ки интиқол дода мешавад, мушаххас намояд;**

**(в) корхона метавонад шартҳои пардохти мол ё хизматрасонии интиқолшавандаро мушаххас намояд;**

**(г) шартнома дорои моҳияти тиҷоратӣ мебошад (яъне хавф, муҳлат ё андозаи воситаҳои пулии минбаъдаи корхона эҳтимолан бар асари шартнома тағйир меёбанд); ва**

**(ғ) гирифтани ҷуброн, ки корхона ҳуқуқи онро бар ивази мол ё хизматрасоние, ки пас аз ба харидор дода шудан ба даст меорад, аз эҳтимол дур набошад. Тавассути арзёбии эҳтимолияти ноил гардидан ба маблағи ҷуброн корхона бояд танҳо имконият ва қасди харидорро вобаста ба пардохти маблағи зерини ҷуброн ҳангоми фаро расидани муҳлати пардохт ба инобат гирад. Маблағи ҷубронпулие, ки корхона ба он ҳуқуқ дорад, метавонад аз нархи дар шартнома муқарраршуда камтар бошад, агар ҷуброн тағйирёбанда маҳсуб ёбад, зеро корхона метавонад ба харидор имтиёзи нархро пешниҳод намояд (ба банди 52 нигаред).**

10 Шартнома - созишномаи байни ду ё зиёда тарафҳо, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои қонунан ҳифзшударо ба вуҷуд меорад. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои қонунан ҳифзшудаи шартнома тибқи қонунгузорӣ таъмин карда мешавад. Шартномаҳо метавонанд хаттӣ ва шифоҳӣ бошанд ё дар асоси таҷрибаи амалии муқаррарии корхона ифода гарданд. Таҷриба ва тартиби бастани шартномаҳо бо харидорон вобаста аз талаботи мавриди қонунгузорӣ (юрисдиксия), соҳаҳои фаъолият ва корхонаҳо тағйир меёбанд. Илова бар ин, онҳо дар доираи фаолияти як корхона метавонанд фарқ кунанд (масалан, имкон вуҷуд дорад, ки онҳо вобаста аз гурӯҳи харидорон ё хусусияти мол ё хизматрасонии ваъдашуда фарқ дошта бошанд). Корхона бояд чунин таҷриба ва тартибро ҳангоми муқаррар намудани ин омил, ки оё шартнома бо харидор боиси бавуҷудоии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои қонунан ҳифзшуда мегардад ва он дар кадом давра ба вуқӯъ мепайвандад, таҳлил намояд.


© Фонди СБҲМ

11 Баъзе шартномаҳо бо харидорон метавонанд муҳлати собитшудаи амал надошта бошанд ва метавонад тавассути ҳар як тарафи шартнома дар ҳар вақти дилхоҳ қатъ ёбанд ё тағйир дода шаванд. Муҳлати амали шартномаҳои дигар метавонанд ба таври худкор ба даврае, ки дар шартнома дарҷ гардидааст, тамдид карда шаванд. Корхона бояд Стандарти мазкурро нисбат ба муҳлати амали шартнома (яъне муҳлати шартномавӣ), ки дар давоми он тарафҳо дорои ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои қонунан ҳифзшуда мебошанд, татбиқ намояд.

12 Бо мақсади татбиқи Стандарти мазкур шартнома вуҷуд надорад, агар ҳар яке аз тарафҳои шартнома дорои ҳуқуқи қонунан ҳифзшудаи ба таври яктарафа қатъ кардани шартнома бошад, ки ягон қисмати он бидуни пардохти ҷуброн ба тарафи дигар (ё тарафҳо) иҷро нагардидааст. Дар сурати риоя нагардидани ҳарду меъёрҳои дар поён овардашуда шартнома дар ҳеҷ ягон қисмат иҷронашуда боқӣ мемонад:

(а) корхона то ҳол мол ё хизматрасонии ваъдашударо ба харидор пешниҳод накардааст;

(б) корхона то ҳол бар ивази мол ё хизматрасонии ваъдашуда маблағ нагирифтааст ва ҳанӯз барои гирифтани маблағ ҳуқуқ надорад.

13 Агар шартнома бо харидор дар мавриди бастани шартнома меъёрҳои дар банди 9 ҷойдоштаро қонеъ созад, корхона бояд ин меъёрҳоро танҳо дар сурати мавҷуд будани нишонаҳои тағйирёбии назарраси далелу ҳолатҳо такроран арзёбӣ намояд. Масалан, агар имконияти пардохти ҷубронпулӣ аз ҷониби харидор ба таври назаррас коҳиш ёбад, корхона бояд ин омилро такроран таҳлил намояд, ки оё тавассути корхона қабул гардидани ҷубронпулӣ, ки чунин ҳуқуқро он бар ивази мубодила бо қисмати боқимондаи мол ё хизматрасонии ба харидор интиқолшаванда ба даст меорад, имконпазир аст.

14 Агар шартнома бо харидор меъёрҳои дар банди 9 ҷойдоштаро қонеъ насозад, корхона бояд ба таври идомаёбанда, бо мақсади муқаррар намудани ин омил, ки оё меъёрҳои дар банди 9 ҷойдошта ба санаи дертар иҷро мешаванд, шартномаро таҳлил намояд.

15 Агар шартнома бо харидор меъёрҳои дар банди 9 ҷойдоштаро қонеъ насозад ва корхона аз харидор ҷубронпулӣ гирад, пас корхона бояд маблағи гирифташударо танҳо дар сурати фарорасии яке аз рӯйдодҳои зерин ҳамчун даромад аз фурӯш эътироф намояд:

(а) корхона вобаста ба интиқоли мол ё хизматрасонӣ ба харидор дигар ӯҳдадорӣ надорад ва амалан тамоми маблағи ваъдакардаи харидор тавассути корхона гирифта шудааст ва баргардонида намешавад;

(б) шартнома қатъ гардида маблағи аз харидор гирифташуда баргардонида намешавад.

16 Корхона бояд маблағи аз харидор гирифташударо то фарорасии яке аз рӯйдодҳои дар банди 15 ҷойдошта ё риоя шудани меъёрҳои дар банди 9 пешбинишуда ҳамчун ӯҳдадорӣ эътироф намояд (ба банди 14 нигаред). Вобаста ба далелҳо ва ҳолатҳои марбут ба шартнома ӯҳдадории эътирофшуда ӯҳдадории корхонаро ҷиҳати ё интиқоли мол ё хизматрасони минбаъда ё бозпас додани маблағи гирифташуда ифода мекунад. Дар ҳар сурат ӯҳдадорӣ бояд тибқи маблағи аз харидор гирифташуда арзёбӣ карда шавад.

## Муттаҳидсозии шартномаҳо

17 Корхона бояд ду ё зиёда шартномаҳоро муттаҳид созад, ки дар як вақт ё қариб дар як давра ва ҳамзамон бо ҳамон як харидор (ё тарафҳои бо харидор алоқаманд) баста шудаанд ва чунин шартномаҳоро дар сурати риояи як ё якчанд меъёрҳои зерин ҳамчун як шартномаи ягона ба инобат гирад:

(а) шартномаҳо ҳамчун як бастаи дорои як ҳадафи тиҷоратӣ мувофиқа карда шуданд;

(б) маблағи ҷубронпулии пардохтшаванда тибқи шартнома аз нарх ё иҷрои талаботи шартномаи дигар вобаста аст; ё

(в) мол ё хизматрасонии тибқи шартномаҳо ваъдашуда (ё баъзе аз молҳо ё хизматрасоние, ки тибқи ҳар як шартнома ваъда шудааст) тибқи бандҳои 22-30 як ӯҳдадории иҷрошавандаро ифода мекунанд.

## Тағйирдиҳии шартнома

18 Тағйирдиҳии (модификатсияи) шартнома - тағйир додани мавзӯъ ё нарх (ҳам ин ва ҳам он)-и шартнома мебошад, ки аз ҷониби тарафҳои шартнома тасдиқ карда шудааст. Дар баъзе соҳаҳо ва мавриди қонунгузориҳо (юрисдиксияҳо) тағйирдиҳии шартнома метавонад ҳамчун ариза барои тағйир додан, ворид намудани тағйирот ёислоҳот тавсиф карда шавад. Тағйирдиҳии шартнома дар

ин маврид ҷой дорад, агар тарафҳои шартнома тағйирёбиро тасдиқ кунанд, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои нави қонунан ҳифзшудаи тарафҳои шартномаро мавриди қайду шарт мегузорад ё чунин ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мавҷударо иваз мекунад. Тағйирдиҳии шартнома метавонад дар шакли хаттӣ тасдиқ гардад, ба таври шифоҳӣ мувофиқа шавад ё дар амалияи муқаррарии корӣ ба сурати зимнӣ ифода карда шавад. Агар тарафҳои шартнома тағйирдиҳии онро тасдиқ накунанд, корхона бояд татбиқи Стандарти мазкурро дар робита бо шартномаи мавҷуда, то он мавриде, ки шартнома тасдиқ нагардад, идома диҳад.

19 Метавонад тағйирдиҳии шартнома ҳатто дар ин маврид ҷой дошта бошад, агар тарафҳои шартнома вобаста ба тағйирдиҳии мавзуъ ё нарх (ё ҳам ин ва ҳам он)-и шартнома баҳс дошта бошанд ё тарафҳо тағйирдиҳии мавзӯи шартномаро тасдиқ карда, вале тағйирёбии дахлдори нархро то ҳол муайян накардаанд. Ҳангоми муқаррар намудани ин омил, ки оё ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тавассути тағйирдиҳии шартнома қайду шартшуда ва тағйирпазир қонунан ҳифзшуда мебошанд, корхона бояд тамоми далелу ҳолатҳои дахлдор, аз ҷумла шартҳои шартнома ва дигар тасдиқотро ба инобат гирад. Агар тарафҳои шартнома тағйирёбии мавзӯи шартномаро тасдиқ карда, вале то ҳол тағйирёбии мувофиқи нархро муайян накарда бошанд, корхона бояд тағйирёбии нархи амалиётро, ки тавассути тағйирдиҳӣ қайду шарт шудааст, тибқи бандҳои 50-54 вобаста ба арзёбии ҷуброни тағйирёбанда ва бандҳои 56-58 вобаста ба маҳдудсозии арзёбии ҷуброни тағйирёбанда мавриди арзёбӣ қарор диҳад.

20 Корхона бояд тағйирдиҳии шартномаро дар сурати риояи ин ду шарти зерин ҳамчун шартномаи алоҳида ба инобат гирад:

(а) мавзӯи шартнома бинобар фарққунанда будани мол ё хизматрасонии иловагии ваъдашуда (тибқи бандҳои 26 то 30) густариш меёбад; ва

(б) нархи шартнома бо маблағи ҷуброн зиёд мешавад, ки нишондиҳандаи *нархи фурӯши мустақили* мол ё хизматрасонии иловагии ваъдашудаи корхона ва тасҳеҳоти мувофиқи чунин нархҳо бо назардошти шартҳои шартномаи мушаххас мебошад. Масалан, корхона метавонад нархи фурӯши мустақили мол ё хизматрасонии иловагиро бо назардошти тахфифи гирифташуда тавассути харидор дар робита ба ин омил тасҳеҳ кунад, ки корхона набояд хароҷоти марбут ба фурӯшро, ки дар сурати фурӯши молу хизматрасонии ҳаммонанд ба харидори ҷадид сарф мешавад, ба уҳда гирад.

21 Агар тағйирдиҳии шартнома тибқи банди 20 ҳамчун шартномаи алоҳида ба инобат гирифта нашавад, корхона бояд мол ё хизматрасонии ваъдашударо, ки дар рӯзи тағйирдиҳии шартнома ҳанӯз интиқол нашудааст (яъне мол ё хизматрасонии ваъдашуда, ки боқӣ мондааст) тавассути яке аз роҳҳои зерин, вобаста ҳолати ҷойдошта, ба инобат гирад:

(а) агар мол ё хизматрасонии боқимонда аз мол ё хизматрасоние, ки дар санаи тағйирдиҳии шартнома ё то ин маврид интиқол ёфтааст, фарқ дошта бошад, корхона бояд тағйирдиҳии шартномаро ба гунае ба инобат гирад, ки гӯё ин қатъ гардидани шартномаи мавҷуда ва ба вуҷуд омадани шартномаи нав мебошад. Маблағи ҷубронпулие, ки ба уҳдадории боқимонда барои иҷро (ё мол ё хизматрасонии фарққунандаи дар таркиби уҳдадории ягонаи мавриди иҷро боқимонда, ки тибқи банди 22(б) мушаххас шудааст) мансуб мебошад, натиҷаи илова кардани инҳо мебошад:

(i) ҷубронпулии аз ҷониби харидор ваъдашуда (аз ҷумла, маблағе, ки аллакай аз харидор гирифта шудааст), ки ба арзёбии нархи амалиёт дохил гардида, ҳамчун даромад аз фурӯш эътироф нашудааст; ва

(ii) ҷубронпулие, ки дар доираи тағйирдиҳии шартнома ваъда шудааст.

(б) корхона бояд тағйирдиҳии шартномаро ба гунае ба инобат гирад, ки гӯё ин қисмати шартномаи мавҷуда мебошад, агар мол ё хизматрасонии боқимонда фарққунанда набошад ва аз ин рӯ, ба уҳдадории ягонаи мавриди иҷро, ки дар санаи тағйирдиҳии шартнома қисман иҷро карда мешавад, дохил карда мешавад. Таъсири тағйирдиҳии шартнома ба нархи амалиёт ва арзёбии сатҳи иҷро шудани уҳдадорӣ барои иҷро аз ҷониби корхона ба сифати тасҳеҳоти фоида (ё ҳамчун афзуншавӣ ё коҳишёбии фоида) дар санаи тағйирдиҳии шартнома эътироф карда мешавад (яъне, тасҳеҳоти фоида бо истифода аз усули кумулятив анҷом дода мешавад).

(в) агар мол ё хизматрасонии боқимонда ҳам моли дар банди (а) зикршуда ва ҳам моли дар банди (б) зикршударо дар бар гирад, он гоҳ корхона бояд таъсири тағйирёбиро ба уҳдадориҳои қонеънагардидаи мавриди иҷро (аз ҷумла, қисман қонеънагардида) дар шартномаи тағйирдодашуда мувофиқ бо ҳадафҳои банди мазкур ба инобат гирад.


© Фонди СБҲМ

## Мушаххаскунии уҳдадориҳои марбут ба иҷро

**22 Ҳангоми бастани шартнома корхона бояд мол ё хизматрасониеро, ки тибқи шартнома бо харидор ваъда шудааст, арзёбӣ намояд ва ҳар ваъдаи ба харидор интиқол додани инҳоро ба сифати уҳдадорӣ барои иҷро мушаххас намояд:**

**(а) мол ё хизматрасонӣ (ё бастаи мол ё хизматрасонӣ), ки фарқкунанда махсуб меёбанд; ё**

**(б) маҷмуаи мол ё хизматрасонии фарқкунанда, ки асосан якхела мебошанд ва ба харидор бо ҳамин тарз интиқол мешаванд (ба банди 23 нигаред).**

23 Як қатор мол ё хизматрасонии фарқкунанда дар сурати риоя гардидани ин ду меъёри дар зер овардашуда ба харидор интиқол дода мешаванд:

(а) ҳар кадом мол ё хизматрасонии фарқкунанда дар радифи мол ё хизматрасонии фарқкунандае, ки корхона ваъда медиҳад ба харидор интиқол диҳад, ба меъёрҳои дар банди 35 ҷойдошта мувофиқат карда, уҳдадорӣ барои иҷро ва дар муддати давра иҷрошаванда ба ҳисоб меравад; ва

(б) дар мутобиқат бо бандҳои 39-40, барои арзёбии сатҳи иҷро гардидани уҳдадорӣ барои иҷро ҷиҳати ба харидор интиқол додани ҳар кадом мол ё хизматрасонии фарқкунанда дар радифи мол ё хизматрасонии фарқкунанда ҳамон як усул истифода мешавад.

## Аҳдҳо дар шартнома бо харидорон

24 Дар шартнома бо харидор одатан дар шакли возеҳ мол ё хизматрасоние ишора мегардад, ки корхона ваъда медиҳад онро ба харидор интиқол диҳад. Аммо уҳдадориҳо барои иҷро, ки дар шартнома бо харидор мушаххас шудаанд, эҳтимолан бо мол ё хизматрасоние, ки дар чунин шартнома ба таври возеҳ зикр шудаанд, маҳдуд нагарданд. Ин бо омили зерин қайду шарт шудааст, ки шартнома бо харидор инчунин метавонад ваъдаеро дар бар гирад, ки дар амалияи муқаррарии кории корхона, сиёсати нашршуда ё изҳороти мушаххас пешбинӣ шудааст, агар дар мавриди бастани шартнома вобаста ба интиқоли мол ё хизматрасонӣ ба харидор тавассути корхона чунин ваъда боиси бавуҷудоии интизории асосноки харидор гардад.

25 Уҳдадорӣ барои иҷро он фаъолиятеро, ки корхона бояд барои иҷрои шартнома иҷро кунад, дар бар намегирад, ба истиснои ин ҳолат, ҳангоме, ки чунин фаъолият мол ё хизматрасониро ба харидор интиқол медиҳад. Масалан, таҳвилгари мол барои бастани шартнома маҷбур аст вазифаҳои гуногуни маъмуриро иҷро кунад. Анҷом додани чунин вазифаҳо ба андозаи иҷрои онҳо хизматрасониро ба харидор намедиҳад, зеро вазифаҳо иҷро мешаванд. Ҳамин тариқ, чунин фаъолият вобаста ба бастани шартнома уҳдадорӣ барои иҷро ба ҳисоб намеравад.

## Мол ва хизматрасонии фарқкунанда

26 Вобаста ба шартнома мол ё хизматрасонии ваъдашуда метавонад, аз ҷумла, инҳоро дар бар гирад:

(а) фурӯши моле, ки тавассути корхона истеҳсол шудааст (масалан, захираҳои истеҳсолкунанда);

(б) бозфурӯшии моле, ки тавассути корхона харида шудааст (масалан, мол дар корхонаи савдои чакана);

(в) бозфурӯшии ҳуқуқ ба мол ё хизматрасоние, ки тавассути корхона харида шудааст (масалан, чиптае, ки тавассути корхонаи ба сифати принсипал баромадкунанда бозфурӯшӣ шудааст, чӣ тавре ки дар бандҳои Б34-Б38 тавсиф мешавад);

(г) иҷрои вазифа (ё вазифаҳо), ки дар шартнома барои харидор мушаххас шудааст;

(ғ) хизматрасонии иборат аз омодагӣ ба пешниҳоди мол ё хизматрасонӣ (масалан, таҷдиди таъминоти барномавии қаблан пешбининашуда, ки дар раванд ё давраи ба миён омадани онҳо пешниҳод мегардад) ё пешниҳоди мол ё хизматрасонии марбут ба истифода аз ҷониби харидор бо тартиб ва дар доираи муҳлати муқаррарнамудаи он;

(д) хизматрасонии иборат аз ташкили интиқоли мол ё хизматрасонӣ ба харидор аз ҷониби тарафи дигар (масалан, амал кардан ба сифати агенти тарафи дигар, чӣ тавре, ки дар бандҳои Б34-Б38 тавсиф шудааст);

(е) пешниҳоди ҳуқуқ ба мол ё хизматрасоние, ки дар оянда бояд пешниҳод гардад, ки харидор метавонад онро бозфурӯшад ё ба харидори худ пешниҳод намояд (масалан, корхонае, ки ба корхонаи савдои чакана молро мефурӯшад, ба шахси воқеие, ки харидори моли

корхонаи савдои чакана маҳсуб меёбад, ҷиҳати интиқоли мол ё хизматрасонии иловагӣ ваъда медиҳад);

(ё) сохтан, истеҳсол ё коркарди дорой аз номи харидор;

(ж) пешниҳоди иҷозатнома (ба бандҳои Б52-Б63Б нигаред);

(з) пешниҳоди опсионҳо барои харидани мол ё хизматрасонии иловагӣ (ҳангоме, ки чунин опсионҳо ба харидор ҳуқуқи назаррас фароҳам меоранд, чӣ тавре, ки дар бандҳои Б39-Б43 тавсиф шудааст).

27 Мол ё хизматрасоние, ки ба харидор ваъда шудааст, дар сурати риоя гардидани ин ду меъёри зерин фарққунанда маҳсуб меёбад:

(а) харидор метавонад аз мол ё хизматрасонӣ ё ба таври алоҳида ё ҳамроҳ бо дигар захираҳое, ки харидор ба онҳо дастрасии озод дорад (яъне мол ё хизматрасонӣ метавонад фарққунанда маҳсуб ёбад), фоида ба даст оварад; ва

(б) ваъдаи корхона ҷиҳати интиқоли мол ё хизматрасони ба харидор аз дигар ваъдаҳои шартномавӣ ба таври алоҳида мушаххасшаванда мебошад (яъне ваъдаи интиқоли мол ё хизматрасонӣ дар заминаи шартнома фарқ мекунад).

28 Харидор имкон дорад мувофиқи банди 27(а) аз мол ё хизматрасонӣ баҳра бардорад, агар мол ё хизматрасонӣ мавриди истифода, истеъмол қарор гирифта, бар ивази маблағи бештар аз арзиши барҳамшавӣ фурӯхта шавад ё ба таври дигар, ки ки манфиати иқтисодиро тавлид мекунад, нигоҳ дошта шавад. Дар мавриди баъзе мол ё хизматрасонӣ харидор метавонад аз мол ё хизматрасоние, ки ба таври алоҳида гирифта шудааст, фоида бигирад. Дар мавриди дигар мол ё хизматрасонӣ харидор метавонад аз мол ё хизматрасонии комилан ҳамроҳ бо дигар захираҳои зуддастрас фоида бигирад. Захираи зуддастрас ин мол ё хизматрасоние мебошад, ки ба таври алоҳида фурӯхта мешавад (тавассути ҳамин корхона ё дигар корхона) ё захирае, ки харидор аллакай аз корхона гирифтааст (аз ҷумла, мол ё хизматрасоние, ки корхона аллакай тибқи шартнома ба харидор интиқол кардааст) ё дар натиҷаи дигар амалиёт ё рӯйдод ба даст овардааст. Омилҳои гуногун метавонанд ташхис диҳанд, ки харидор имкон дорад аз мол ё хизматрасонии ҳам ба таври алоҳида ё ҳамроҳ бо дигар захираҳои зуддастрас гирифташуда фоида ба даст оварад. Масалан, ин далел, ки корхона мунтазам мол ё хизматрасониро ба таври алоҳида мефурӯшад, нишони он аст, ки харидор метавонад аз мол ё хизматрасонии ҳам ба таври алоҳида ё ҳамроҳ бо дигар захираҳои зуддастрас гирифташуда фоида ба даст оварад.

29 Мақсади арзёбии ин омил, ки оё ваъдаи корхона ҷиҳати интиқоли мол ё хизматрасонӣ ба харидор мувофиқи банди 27(б) ба таври алоҳида мушаххас карда мешавад, дар муқаррарсозии ин омил ифода мегардад, ки оё ваъда дар заминаи шартнома тибқи моҳияти худ ваъдаи интиқоли ҳар як чунин мол ё хизматрасонӣ ба таври алоҳида мебошад ё ваъдаи интиқоли моддаи муттаҳидшуда ё моддаҳое мебошад, ки барои онҳо мол ё хизматрасонии ваъдашуда захираҳои истеъмолӣ маҳсуб меёбанд. Омилҳое, ки нишон медиҳанд, ду ё зиёда ваъдаи интиқоли мол ё хизматрасонӣ ба харидор ба таври алоҳида мушаххасшаванда намебошанд, аз ҷумла, инҳоро дар бар мегиранд, ки дар зер зикр ёфтаанд:

(а) корхона хизмати назарраси ҳамгироии мол ё хизматрасонӣ бо дигар мол ё хизматрасонии тибқи шартнома ваъда шударо дар бастае аз мол ё хизматрасонӣ анҷом медиҳад, ки нишондиҳандаи натиҷаи маҷмуӣ ё натиҷаҳое аст, ки барои онҳо харидор шартнома бастааст. Ба ибораи дигар, корхона мол ё хизматрасониро барои эҷод ё таъмини натиҷа ё натиҷаҳое, ки харидор муайян кардааст, ба сифати захираҳои истеъмолӣ истифода мебарад. Натиҷаи маҷмуӣ ё натиҷаҳо метавонанд якчанд марҳила, унсур ё воҳидҳоро дар бар гиранд.

(б) як ё якчанд мол ё хизматрасонӣ ба таври қобили таваҷҷуҳ як ё якчанд мол ё хизматрасонии дигарро тағйирдиҳӣ ё мутобиқ мекунанд ё тавассути як ё якчанд мол ё хизматрасонии дигар, ки тибқи шартнома ваъда шудаанд, бояд тағйирдиҳӣ ё мутобиқ карда шаванд.

(в) мол ё хизматрасонӣ бо ҳамдигар дар иртиботи қавӣ қарор доранд ё бо ҳам зич алоқаманд мебошанд. Ба таври дигар, ҳар як мол ё хизматрасонӣ ба як ё якчанд мол ё хизматрасонии дигар дар асоси шартнома ба таври назаррас таъсир мерасонад. Масалан, дар баъзе маврид, ду ё зиёда мол ё хизматрасонӣ ба ҳамдигар таъсири назаррас хоҳанд дошт, зеро корхона наметавонад ваъдаи худро ҷиҳати интиқоли ҳар кадом чунин мол ё хизматрасонӣ ба таври алоҳида иҷро кунад.

30 Агар мол ё хизматрасонии ваъдашуда фарққунанда ба ҳисоб наравад, корхона бояд чунин мол ё хизматрасониро бо дигар мол ё хизматрасонии ваъдашуда, то он мавриде, ки он бастаи мол ё хизматрасонии фарққунандаро мушаххас насозад, муттаҳид мекунад. Дар баъзе маврид, ин омил

 © Фонди СБҲМ

боис мегардад, ки корхона тамоми мол ё хизматрасонии тибқи шартнома ваъдашударо ба сифати як ухдадорӣ барои иҷро ба инобат мегирад.

## Иҷрои уҳдадориҳо

31 **Ҳангоме, ки корхона уҳдадорӣ барои иҷроро тавассути интиқоли мол ё хизматрасонии ваъдашуда (яъне доройӣ) ба харидор иҷро мекунад, пас дар ин маврид бояд даромад аз фурӯшро эътироф намояд. Доройӣ интиқол дода мешавад, ҳангоме, ки (ё ба он андоза, ки) харидор назорати чунин дороиро ба даст меорад.**

32 Барои ҳар як уҳдадорӣ барои иҷро, ки тибқи бандҳои 22-30 муайян шудааст, корхона бояд дар мавриди бастани шартнома муқаррар намояд, ки оё он уҳдадорӣ барои иҷроро дар фосилаи вақт (мувофиқи бандҳои 35-37) ё дар муддати як давраи муайян (мувофиқи банди 38) иҷро мекунад. Агар корхона уҳдадорӣ барои иҷроро дар фосилаи вақт иҷро накунад, он гоҳ чунин ҳисобида мешавад, ки уҳдадорӣ барои иҷро дар муддати як давраи муайян иҷро мегардад.

33 Дар лаҳзаи қабул ва истифода мол ва хизматрасонӣ доройӣ маҳсуб меёбанд, ҳатто агар онҳо танҳо дар як давраи кутоҳ вуҷуд дошта бошанд (дар мавриди аксар хизматрасониҳо). Назорати доройӣ аз имконияти муқаррар намудани тарзи истифода ва амалан ба даст овардани тамоми манфиати аз доройӣ боқимонда иборат мебошад. Назорат имконияти пешгирии муқаррар намудани тарзи истифода ва тавассути дигар корхонаҳо амалан ба даст овардани тамоми манфиати аз доройӣ боқимондаро дар бар мегирад. Манфиат аз доройӣ воситаҳои пулии билқувва (воридшавӣ ё коҳишёбии хуруҷи воситаҳои пулӣ) мебошад, ки метавонад ба таври мустақим ё ғайримустақим бо роҳҳои гуногун гирифта шавад, масалан тавассути:

(а) истифодаи доройӣ барои истеҳсоли мол ё хизматрасонӣ (аз ҷумла, хизматрасонии ҷамъиятӣ);

(б) истифодаи доройӣ барои баланд бардоштани арзиши дороиҳои дигар;

(в) истифодаи доройӣ барои пардохти уҳдадориҳо ё ихтисор намудани хароҷот;

(г) фурӯш ё мубодилаи доройӣ;

(ғ) пешниҳоди доройӣ ба сифати таъминоти қарз; ва

(д) нигоҳ доштани доройӣ.

34 Ҳангоми арзёбӣ намудани он, ки харидор назорати дороиро ба даст меорад ё намеорад, корхона бояд ҳама гуна шартнома барои хариди баръакси дороиро, ки мавҷуд аст, ба инобат гирад (ба бандҳои Б64-Б76 нигаред).

### Уҳдадориҳо барои иҷро, ки дар муддати давра анҷом мепазиранд

35 Корхона назорати мол ё хизматрасониро дар муддати давра интиқол медиҳад ва аз ин рӯ, уҳдадорӣ барои иҷроро қонеъ сохта, дар муддати давра даромад аз фурӯшро эътироф менамояд, агар яке аз меъёрҳои зерин қонеъ карда шавад:

(а) харидор фоидаи ҳамон уҳдадории тавассути корхона иҷрошавандаро ба андозаи иҷрои он дар як давра ба даст овардааст ва истифода намудааст (ба бандҳои Б3-Б4 нигаред);

(б) дар раванди тавассути корхона иҷро гардидани уҳдадориҳои он доройӣ (масалан, истеҳсоли нотамом) бунёд ё такмил дода мешавад, ки назорати онро харидор ҳангоми бунёд ё такмилдиҳии ин доройӣ ба даст меорад (ба банди Б5 нигаред); ё

(в) тавассути корхона иҷро гардидани уҳдадориҳои худ боиси таҳияи доройӣ намегардад, ки корхона метавонад онро барои мақсадҳои дигари ҷойгузин истифода барад (ба банди 36 нигаред) ва дар ин маврид корхона барои гирифтани пардохт бар ивази қисмати кори шартномавии дар давраи ҷорӣ анҷомдодашуда дорои ҳуқуқи қонунан ҳифзшуда мебошад (ба банди 37 нигаред).

36 Дороие, ки дар натиҷаи фаъолияти корхона таҳия шудааст, корхона ҷойгузини истифодаи онро надорад, агар тавассути шартҳои шартнома имконияти корхона ҷиҳати ба таври озод муқаррар намудани ҳадафи дигари истифодаи дороии мазкур дар раванди бунёд ё такмилдиҳии он маҳдуд гардад ё агар он дорои имконияти амалии ба таври озод муқаррар намудани ҳадафи дигари истифодабарии дороиро дар ҳолати такмилшуда надошта бошад. Арзёбии дар корхона мавҷуд будани имконияти истифодаи доройӣ барои мақсадҳои ҷойгузин дар мавриди бастани шартнома амалӣ мегардад. Пас аз бастани шартнома корхона наметавонад арзёбии имконияти истифодаи доройӣ барои мақсадҳои ҷойгузинро тағйир диҳад, ба истиснои мавриде, ки тарафҳои шартнома тағйирдиҳии шартномаро тасдиқ мекунанд, ки уҳдадорӣ барои иҷроро ба таври назаррас тағйир

медиҳад. Бандҳои Б6-Б8 дастур вобаста ба арзёбии дар корхона мавҷуд будани имконияти истифодаи дорӣ барои мақсадҳои ҷойгузинро дар бар мегиранд.

37 Корхона бояд шартҳои шартнома, инчунин санадҳои қонунгузории дар шартнома татбиқшавандаро ҳангоми ҳалли ин масъала таҳлил намояд, ки оё корхона тибқи банди 35(в) бар ивази қисмати кори дар давраи дахлдор анҷомдодашуда ҳуқуқи қонунан ҳифзшудаи гирифтани муздро дорад ё надорад. Ҳуқуқи қонунан ҳифзшудаи гирифтани музд бар ивази қисмати кори дар давраи дахлдор анҷомдодашуда ҳатман дар шакли маблағи собитшуда муқаррар намегардад. Аммо дар ҳар давраи мухлати амали шартнома корхона бояд ба маблағе ҳуқуқ дошта бошад, ки битавонад ҳадди аққал қисмати кори дар давраи дахлдор анҷомдодашударо ҷуброн кунад, агар харидор ё тарафи дигар шартномаро бо сабабҳои дигар, ба ғайр аз сабаби тавассути корхона иҷро нагардидани ухдадориҳои тибқи шартнома муайянгардида, қатъ кунад. Дар бандҳои Б9-Б13 вобаста ба арзёбии мавҷудият ва ҳуқуқи қонунан ҳифзшудаи гирифтани музд, инчунин ин омил, ки оё ҳуқуқи корхона барои гирифтани музд ҷиҳати талаб кардани он бар ивази қисмати кори дар давраи дахлдор анҷомдодашуда асос маҳсуб меёбад ё намеёбад, нишондод мавҷуд аст.

## Уҳдадориҳо барои иҷро, ки дар фосилаи вақти муқарраршуда анҷом мепазиранд

38 Агар уҳдадорӣ барои иҷро тибқи бандҳои 35-37 дар муддати давра амалӣ нагардад, корхона уҳдадорӣ барои иҷроро дар давраи муайян амалӣ мекунад. Барои муқаррар намудани фосилаи вақте, ки дар он харидор назорати дороии ваъдашударо ба даст меорад ва корхона уҳдадорӣ барои иҷроро амалӣ мекунад, корхона бояд талаботи назорати дар бандҳои 31-34 ҷойдоштаро ба инобат гирад. Илова бар ин, корхона бояд нишондиҳандаҳои интиқоли назоратро, ки аз ҷумла, аз инҳо иборатанд, ба инобат гирад:

(а) корхона дорои ҳуқуқи мавҷудаи пардохти дорӣ мебошад - агар харидор дар давраи дахлдор уҳдадор бошад, ки пардохти дороиро анҷом медиҳад, ин гувоҳи он аст, ки харидор имконияти муқаррар намудани тарзи истифода ва қабули комили тамоми манфиатҳои аз дорӣ боқимондаро, ки заминаи мубодила маҳсуб меёбад, ба даст овардааст.

(б) харидор дорои ҳуқуқи моликият ба дорӣ мебошад - ҳуқуқи моликият метавонад нишон диҳад, ки кадом тарафи шартнома метавонад тарзи истифодаро муайян карда, қабули комили тамоми манфиатҳои аз дорӣ боқимондаро ба даст орад ё дастрасии дигар корхонаҳоро ба чунин манфиат маҳдуд кунад. Ҳамин тариқ, интиқоли ҳуқуқи моликият ба дорӣ метавонад нишон диҳад, ки харидор назорати дороиро ба даст овардааст. Агар корхона ҳуқуқи худро комилан бо мақсади ҳимоя аз пардохт накардани харидор нигоҳ дошта бошад, чунин ҳуқуқи корхона барои аз ҷониби харидор ба даст овардани назорати дорӣ монеа эҷод намекунад.

(в) корхона ҳуқуқи моликияти воқеии дороиро интиқол додааст - моликияти воқеии дорӣ аз ҷониби харидор метавонад нишон диҳад, ки харидор дорои имконияти муқаррар намудани тарзи истифода ва қабули ҳама манфиатҳои боқимонда аз дорӣ ё маҳдуд кардани дастрасии дигар корхонаҳо ба чунин манфиатҳо мебошад. Бо вуҷуди ин, моликияти воқеӣ дар сурати мавҷуд набудани назорати дорӣ низ метавонад ҷой дошта бошад. Масалан, дар баъзе созишномаҳои хариди баръакс ва дар баъзе созишномаҳои таҳвилӣ (консигнатсионӣ) харидор ё таҳвилгар метавонад воқеан ба дороие соҳиб бошад, ки корхона онро назорат мекунад. Баръакс, дар баъзе созишнома дар бораи фурӯш бо пешниҳоди ҳисобнома-фактура ва таҳвили мавқуфгузошташуда корхона метавонад ба дороие соҳиб бошад, ки харидор онро назорат мекунад. Бандҳои Б64–Б76, Б77–Б78 ва Б79–Б82 дастур вобаста ба баҳисобгирии созишномаҳои хариди баръакс, созишномаҳои таҳвилӣ ва созишнома дар бораи фурӯш бо пешниҳоди ҳисобнома-фактура ва таҳвили мавқуфгузошташуда дар бар мегиранд.

(г) харидор дар маърази хавфи назаррас ва манфиатҳои марбут ба ҳуқуқи моликияти дорӣ қарор дорад - ба харидор интиқол ёфтани хавфи назаррас ва манфиатҳои марбут ба ҳуқуқи моликияти дорӣ метавонад нишон диҳад, ки харидор имконияти муқаррар намудани тарзи истифода ва қабули комили тамоми манфиатҳои боқимонда аз дороиро дорад. Бо вуҷуди ин, бо арзёбӣ намудани хавф ва манфиатҳои марбут ба моликияти дороии ваъдашуда корхона бояд ҳама гуна хавферо, ки илова ба уҳдадорӣ барои иҷро барои интиқоли дорӣ уҳдадории алоҳидаи мавриди иҷроро ба вуҷуд меояд, хориҷ намояд. Масалан, корхона метавонад назорати дороиро ба харидор супорад, вале то ҳол уҳдадории иловагии мавриди иҷроро вобаста ба таъминихизматорасонии ҷории дороии интиқолшударо амалӣ накардааст.

(ғ) харидор дороиро қабул кард – Қабули дороӣ тавассути харидор метавонад нишон диҳад, ки он имконияти муқаррар намудани тарзи истифода ва қабули комили тамоми манфиатҳои боқимонда аз дороиро дорад. Барои арзёбии таъсири талаботи шартнома дар бораи қабул тавассути харидор барои муқаррарсозии давраи интиқоли назорати дороӣ корхона бояд дастури дар бандҳои Б83-Б86 ҷойдоштаро ба инобат гирад.

### Арзёбии сатҳи амалишавии уҳдадориҳо барои иҷро

39 Барои ҳар як уҳдадорӣ барои иҷро, ки дар муддати давра тибқи бандҳои 35-37 амалӣ мегардад, корхона бояд даромад аз фурӯшро дар муддати давра тавассути арзёбии сатҳи амалишавии уҳдадорӣ барои иҷро эътироф намояд. Мақсад аз арзёбии сатҳи амалишавӣ ин инъикоси натиҷаҳои фаъолияти корхона дар мавриди интиқоли назорати мол ё хизматрасоние мебошад, ки ба харидор ваъда шудааст (яъне, амалишавии уҳдадорӣ барои иҷрои корхона).

40 Корхона бояд як усули арзёбии сатҳи амалишавии ҳар кадом уҳдадорӣ барои иҷрои иҷроро, ки дар муддати давра амалӣ мегардад, истифода барад ва илова бар ин, ин усул бояд ба таври пайваста дар робита ба уҳдадориҳои ҳаммонанди мавриди иҷро ва дар ҳолатҳои ҳаммонанд татбиқ карда шавад. Дар охири ҳар давраи ҳисоботӣ корхона бояд сатҳи амалишавии уҳдадорӣ барои иҷроро, ки дар муддати давра амалӣ мегардад, мавриди азнаварзёбӣ қарор диҳад.

#### *Усулҳои арзёбии сатҳи амалишавӣ*

41 Усулҳои муносиб барои арзёбии сатҳи амалишавӣ усули натиҷа ва усули захира мебошанд. Бандҳои Б14-Б19 вобаста ба истифодаи усули натиҷа ва усули захира барои арзёбии сатҳи амалишавии уҳдадорӣ барои иҷро тавассути корхона дорои дастур мебошанд. Бо муқаррар намудани усули муносиби арзёбии сатҳи амалишавӣ корхона бояд хусусияти мол ё хизматрасониеро, ки корхона ваъда додааст ба харидор интиқол диҳад, ба инобат гирад.

42 Ҳангоми татбиқи усули арзёбии сатҳи амалишавӣ корхона бояд аз арзёбии сатҳи амалишавӣ мол ё хизматрасониеро, ки назорати онро ба харидор вонагузоштааст, хориҷ кунад. Баръакс, корхона бояд мол ё хизматрасониеро, ки назорати онро ба харидор вогузоштааст, бо амалӣ сохтани уҳдадорӣ барои иҷро ба арзёбии сатҳи амалишавӣ ворид намояд.

43 Ҳамон тавр, ки ҳолат бо мурури замон тағйир меёбад, корхона бояд арзёбии сатҳи амалӣ гардидани инъикоси тағйирёбии натиҷаҳои амалишавии уҳдадорӣ барои иҷроро таҷдид намояд. Чунин тағйирёбии арзёбии сатҳи амалишавӣ бояд тибқи СББМ 8 *“Сиёсати баҳисобгирӣ, тағйирот дар арзёбии муҳосибӣ ва хатоҳо”* ҳамчун тағйирот дар арзёбиҳои муҳосибӣ ба инобат гирифта шавад.

#### *Арзёбиҳои асосноки сатҳи иҷро*

44 Корхона даромад аз фурӯшро дар асоси уҳдадорӣ барои иҷро, ки дар муддати давра амалӣ мегардад, бояд танҳо дар ин сурат эътироф намояд, агар корхона битавонад ба таври асоснок сатҳи амалишавии уҳдадорӣ барои иҷроро арзёбӣ намояд. Корхона ба таври асоснок арзёбӣ намудани сатҳи амалишавии уҳдадорӣ барои иҷроро наметавонад, агар он дорои маълумоти кофии боэътимод, ки барои татбиқи усули дахлдори арзёбӣ намудани сатҳи амалисозӣ зарур аст, набошад.

45 Дар баъзе мавридҳо (масалан, дар марҳилаҳои барвақти иҷрои шартнома) корхона наметавонад ба таври асоснок натиҷаи амалишавии уҳдадорӣ барои иҷроро арзёбӣ намояд, аммо ба ҳар ҳол интизор аст, ки хароҷоти ҳангоми амалишавии уҳдадорӣ барои иҷро сарфшуда ҷуброн карда мешавад. Дар чунин шароит то ин маврид, ҳангоме, ки корхона имкони ба таври асоснок арзёбӣ намудани натиҷаи амалишавии уҳдадорӣ барои иҷроро дорад, корхона бояд даромад аз фурӯшро танҳо ба андозаи хароҷоти сарфшуда эътироф намояд.

## Арзёбӣ

**46 Ҳангоме, ки (ё ба ин ҳадд, ки) уҳдадорӣ барои иҷро амалӣ мешавад, корхона бояд қисмати нархи амалиётро (ба истиснои арзёбии ҷуброни тағйирёбанда, ки тибқи бандҳои 56-58 маҳдуд мебошад), ки ба уҳдадории мавҷудаи мавриди иҷро тақсим карда шудааст, ба сифати даромад аз фурӯш эътироф намояд.**

## Муқаррарсозии нархи амалиёт

47 **Ҳангоми муқаррар намудани нархи амалиёт корхона бояд шартҳои шартнома ва амалияи муқаррарии кории худро таҳлил намояд. Нархи амалиёт - маблағи ҷубронест, ки ҳуқуқ ба онро корхона метавонад бар ивази интиқоли мол ё хизматрасонии ваъдашуда ба харидор, ба истисноии маблағи аз ҷониби тарафи сеюм гирифташуда (масалан, андоз аз фурӯш), ба даст оварад. Ҷуброне, ки тибқи шартнома бо харидор ваъда шудааст, метавонад маблағи собитшуда, маблағи тағйирёбанда ё ҳам ин ва ҳам онро дар бар гирад.**

48 Хусусият, муҳлат ва маблағи ҷуброн, ки тавассути харидор ваъда шудааст, ба арзёбии нархи амалиёт таъсир мерасонад. Ҳангоми муқаррарсозии нархи амалиёт корхона бояд таъсири ҳама омилҳои зеринро ба инобат гирад:

(а) ҷуброни тағйирёбанда (ба бандҳои 50-55 ва 59 нигаред);

(б) маҳдудияти арзёбии ҷуброни тағйирёбанда (ба бандҳои 56-58 нигаред);

(в) мавҷудияти ҷузъи муҳими маблағгузорӣ дар шартнома (ба бандҳои 60-65 нигаред);

(г) ҷуброни ғайрипулӣ (ба бандҳои 66-69 нигаред); ва

(ғ) ҷуброне, ки бояд ба харидор пардохта шавад (ба бандҳои 70-72 нигаред).

49 Бо мақсади муқаррар намудани нархи амалиёт корхона бояд дар назар дошта бошад, ки мол ё хизматрасонӣ ба харидор интиқол меёбад, чӣ тавре, ки мувофиқ бо шартномаи мавҷуда ваъда шудааст ва шартнома қатъ, тамдид ва тағйирдиҳӣ карда намешавад.

### Ҷуброни тағйирёбанда

50 Агар ҷуброни тибқи шартнома ваъдашуда маблағи тағйирёбандаро дар бар гирад, корхона бояд маблағи ҷубронро арзёбӣ намояд, ки ҳуқуқ ба онро корхона бар ивази интиқоли мол ё хизматрасонии ваъдашуда ба харидор ба даст меоварад.

51 Маблағи ҷуброн метавонад вобаста ба тахфиф, тахфифи махсус, бозгашти воситаҳо, қарз, имтиёз дар нарх, ҳавасмандкунӣ, подоши иловагӣ (бонус) барои натиҷа, ҷарима ё дигар моддаҳои ҳаммонанд фарқ дошта бошад. Маблағи ваъдашуда инчунин метавонад тағйир ёбад, агар ҳуқуқи корхона ба ҷуброн аз фаро расидан ё нарасидани рӯйдоди минбаъ вобаста бошад. Масалан, агар маҳсулот бо ҳуқуқи бозгашт фурӯхта шуда бошад ё агар маблағи собитшуда ба сифати подоши иловагӣ барои натиҷа, дар сурати баанҷомрасии марҳилаи муайян, ваъда шуда бошад, маблағи ҷуброн тағйирёбанда хоҳад буд.

52 Хусусияти тагйирёбанда будани ҷуброн, ки харидор ваъда кардааст, метавонад дар шартнома ба таври возеҳ баён карда шавад. Ба ғайр аз шартҳои шартнома маблағи ваъдашуда дар ҳолатҳои зерин тағйир меёбад:

(а) харидор ба таври асоснок, дар асоси амалияи муқаррарии кории корхона, сиёсати нашршуда ё изҳороти мушаххас, интизор аст, ки корхона маблағи камтар аз маблағи дар шартнома пешбинишударо қабул мекунад. Ба ибораи дигар, пешбинӣ карда мешавад, ки корхона имтиёзи нархро ҷорӣ мекунад. Вобаста аз мавриди қонунгузорӣ, соҳа ё харидор, чунин пешниҳодро метавон ҳамчун тахфиф, тахфифи бозгашта, бозгашти воситаҳо ё қарз унвон кард;

(б) далелҳо ва ҳолатҳои дигар ба он ишора мекунанд, ки корхона қасд дорад ба харидор ҳангоми бастани шартнома бо харидор имтиёз ба нархро пешниҳод намояд.

53 Корхона бояд, вобаста аз он, ки кадоме аз ин усулҳо аз нуқтаи назари корхона маблағи ҷубронро ба таври беҳтар пешбинӣ менамояд, ки корхона ба он ҳуқуқ пайдо мекунад, маблағи ҷуброни тағйирёбандаро бо истифода аз яке аз усулҳои зерин арзёбӣ менамояд:

(а) маблағи мавриди интизор ин маҷмуи маблағи ҷуброни мавриди интизор аз доираи миқдори имконпазири он мебошад. Арзиши мавриди интизор метавонад арзёбии мувофиқи маблағи ҷуброни тағйирёбанда бошад, агар корхона миқдори зиёде аз шартномаҳои дорои хусусияти ҳаммонанд дошта бошад.

(б) маблағи аз ҳама муносиб ин маблағи ягонаи аз ҳама муносиби ҷуброни мавриди интизор аз доираи миқдори имконпазири он (яъне ягона натиҷаи аз ҳама муносиби шартнома) мебошад. Маблағи аз ҳама муносиб метавонад арзёбии мувофиқи маблағи ҷуброни тағйирёбанда бошад, агар шартнома танҳо ду натиҷаи имконпазир дошта бошад (масалан, корхона имкон дорад подоши иловагӣ бигирад ё нагирад).

 © Фонди СБҲМ

54 Корхона бояд як усулро дар доираи шартнома ба таври пайваста ҳангоми арзёбии таъсири номуайянӣ ба маблағи ҷуброни тағйирёбанда, ки корхона ба он ҳуқуқ дорад, истифода барад. Илова бар ин, корхона бояд тамоми маълумотеро (маълумоте, ки ба давраҳои қаблӣ, ҷорӣ ва дурнамо мансуб аст), ки ба таври асоснок барои корхона дастрас мебошад, таҳлил намуда, миқдори асосноки маблағи ҷубронро муқаррар намояд. Маълумоте, ки корхона барои арзёбии маблағи ҷуброни тағйирёбанда татбиқ мекунад, одатан ба маълумоте монанд хоҳад буд, ки роҳбарият дар раванди озмуни харид ва муқаррар намудани нархи мол ё хизматрасонии ваъдашуда истифода мебарад.

### *Уҳдадорӣ нисбат ба баргардонидани воситаҳо*

55 Корхона бояд дар робита ба баргардонидани воситаҳо уҳдадориро эътироф намояд, агар корхона аз харидор ҷубронро қабул карда, интизор бошад, ки он тамоми ҷуброни зикршуда ё як қисмати онро ба харидор бармегардонад. Уҳдадории марбут ба бозгардонидани воситаҳо тибқи маблағи қабулшуда (ё қабулшаванда), ки корхона дарёфти ҳуқуқ ба чунин маблағро интизор намебошад (яъне маблағе, ки ба нархи амалиёт ворид карда нашудааст), арзёбӣ карда мешавад. Уҳдадории марбут ба бозгардонидани воситаҳо (ва тағйирёбии дахлдори нархи амалиёт ва дар ин баробар *уҳдадории шартномавӣ*)-ро зарур аст дар охири ҳар як давраи ҳисоботӣ бо назардошти тағйирёбии ҳолат тасҳеҳ кард. Барои баҳисобгирии уҳдадории марбут ба бозгардонидани воситаҳо, ки фурӯш бо ҳуқуқи бозгашт мансуб мебошад, корхона бояд нишондоди дар бандҳои Б20-Б27 ҷойдоштаро истифода барад.

### *Маҳдудияти арзёбии ҷуброни тағйирёбанда*

56 Корхона бояд қисмати кам ё пурраи ҷуброни тағйирёбандаи арзёбишударо тибқи банди 53, танҳо ба он андозае ба нархи амалиёт дохил кунад, ки эҳтимолияти зиёде вуҷуд надошта бошад, ки бо ҳалли минбаъдаи номуайянӣ дар ҷубронпулии тағйирёбанда коҳишёбии назарраси маблағи умумии даромад аз фурӯши эътирофшуда ба вуҷуд наояд.

57 Ҳангоми арзёбии ин омил, оё эҳтимоли зиёд вуҷуд дорад, ки пас аз ҳалли минбаъдаи номуайяние, ки ба пардохтҳои тағйирёбанда хос аст, коҳишёбии назарраси маблағи даромад аз фурӯши умумии эътирофшуда ба амал наояд, корхона бояд ҳам эҳтимолият ва ҳам андозаи коҳишёбии даромад аз фурӯшро ба инобат гирад. Омилҳое, ки имкон доранд эҳтимолият ё бузургии коҳишёбии даромад аз фурӯшро зиёд кунанд, аз ҷумла, инҳоро дар бар мегиранд:

(а) маблағи ҷуброн нисбат ба омилҳое, ки корхона ба онҳо таъсир гузошта наметавонад, дар ҳадди ниҳоӣ дар ҳолати хеле ҳассос қарор мегирад. Чунин омилҳо метавонанд ноустувории бозор, мулоҳиза ё амали хахсони сеюм, шароити обу ҳаво ва хавфи ниҳоии куҳнашавии мол ё хизматрасонии ваъдашударо дар бар гиранд;

(б) ҳалли номуайянии маблағи ҷуброн дар як давраи тӯлонӣ аз эҳтимол дур мебошад;

(в) таҷриба (ё далелҳои дигар)-и корхона дар заминаи намудҳои ҳаммонанди шартномаҳо маҳдуд аст ё таҷриба (ё дигар далелҳо) дорои арзиши пешбиникунандаи маҳдуд мебоша(н)д;

(г) дар корхона амалияи пешниҳоди доираи васеи имтиёзот дар нарх ё тағйирёбии муҳлат ва шартҳои пардохт барои шартномаҳои ҳаммонанд дар ҳолатҳои мушобеҳ фароҳам шудааст;

(ғ) шартнома миқдори зиёд ва доираи васеи маблағи эҳтимолии ҷубронро пешбинӣ кардааст.

58 Корхона бояд банди Б63-ро барои баҳисобгирии ҷуброн дар шакли роялтии бар ивази иҷозатномаи моликияти зеҳнӣ ваъдашуда, ки бо фурӯш ё истифода асос ёфтааст, татбиқ намояд.

### *Арзёбии такрории ҷуброни тағйирёбанда*

59 Дар охири ҳар як давраи ҳисоботӣ корхона бояд арзёбии нархи амалиёт (аз ҷумла, таҷдиди таҳлили ин омил, ки оё арзёбии подоши тағйирёбанда маҳдуд аст)-ро барои пешниҳоди воқеии ҳолати дар охири давраи ҳисоботӣ ҷойдошта ва тағйирёбии ҳолат дар муддати давраи ҳисоботӣ мавриди таҷдид қарор диҳад. Корхона бояд тағйирёбии нархи амалиётро тибқи бандҳои 87-90 ба инобат гирад.

## Мавҷудияти ҷузъи муҳими маблағгузорӣ дар шартнома

60 Бо муқаррар намудани нархи амалиёт корхона бояд маблағи ваъдашудаи ҷубронро бо назардошти таъсири арзиши муваққатии пул тасҳеҳ кунад, агар муҳлати пардохт, ки бо тарафҳои шартнома (ба таври возеҳ ё ғайривозеҳ) мувофиқа шудааст, ба харидор ё корхона аз маблағгузории интиқоли мол

ё хизматрасонӣ ба харидор фоидаи назаррас фароҳам оварда бошад. Дар чунин ҳолат шартнома дорои ҷузъи муҳими маблағгузорӣ мебошад. Ҷузъи муҳими маблағгузорӣ, новобаста аз он, ки ваъдаи маблағгузорӣ дар шартнома ба таври возеҳ зикр шудаст ё нашудааст ё бо шартҳои пардохт, ки тавассути тарафҳои шартнома мувофиқа шудааст, ифода мегардад ё намегардад, метавонад вуҷуд дошта бошад.

61 Мақсади тасҳеҳи маблағи ваъдашудаи ҷуброн бо назардошти ҷузъи муҳими маблағгузорӣ эътирофи даромад аз фурӯш тавассути корхона бо маблағи инъикосгари нархе мебошад, ки эҳтимолан харидор барои мол ё хизматрасонии ваъдашуда пардохт мекард, агар харидор бар ивази чунин мол ё хизматрасонии ваъдашуда, даврае (ба ин ҳадд), ки ба харидор мегузаранд (яъне нархи “пулӣ”-и фурӯш), бо воситаҳои пулӣ пардохтро анҷом медод. Корхона бояд тамоми далелҳо ва ҳолатҳои дахлдорро ҳангоми муқаррар намудани ин омил, ки оё шартнома дорои ҷузъи маблағгузорӣ мебошад ва оё ҷузъи маблағгузорӣ барои шартнома, аз ҷумла, ин ду омили зер аҳамият доранд:

(а) фарқияти (агар чунин мавҷуд бошад) байни маблағи ҷуброни ваъдашуда ва нархи “пулӣ”-и фурӯши молу хизматрасонии ваъдашуда; ва

(б) таъсири маҷмуии:

(i) фосилаи эҳтимолии байни интиқоли мол ва хизматрасонии ваъдашуда ба харидор аз ҷониби корхона ва мавриди пардохти чунин мол ё хизматрасонӣ тавассути харидор; ва

(ii) меъёрҳои фоизноки дорои имтиёз дар бозори дахлдор.

62 Сарфи назар аз натиҷаҳои таҳлили дар банди 61 ҷойдошта дар шартнома бо харидор ҳангоми мавҷуд будани ҳар кадоме аз омилҳои дар зер овардашуда ҷузъи муҳими маблағгузорӣ вуҷуд нахоҳад дошт:

(а) харидор маблағи мол ё хизматрасониро пешакӣ пардохт кардааст ва мӯҳлати интиқоли чунин мол ё хизматрасонӣ тавассути харидор муайян мегардад;

(б) қисмати зиёди ҷуброн, ки аз ҷониби харидор ваъда шудааст, тағйирёбанда буда, маблағ ё мӯҳлати пардохти чунин ҷуброн вобаста ба фаро расидан ё нарасидани рӯйдоди минбаъда, ки моҳиятан таҳти назорати харидор ё корхона қарор надорад, фарқ мекунад (масалан, агар ҷуброн тавассути роялтии бо фурӯш асосёфта пешниҳод гардида бошад);

(в) фарқияти байни ҷуброни ваъдашуда ва нархи “пулӣ”-и фурӯши молу хизматрасонӣ (чӣ тавре, ки дар банди 61 тавсиф шудааст) бо сабабҳое ба миён меояд, ки аз пешниҳоди маблағгузорӣ ба харидор ё корхона фарқ дошта, мутаносиб бо сабаби бавуҷудоии он мебошад. Масалан, шартҳои пардохт метавонанд корхона ё харидорро аз корношоямии тарафи дигар ҷиҳати ба таври қобили қабул ва комилан ё қисман иҷро накардани уҳдадориҳои шартномавии худ муҳофизат кунад.

63 Ба сифати соддагардонии хусусияти амалӣ корхона набояд маблағи ваъдашудаи ҷубронро бо назардошти таъсири ҷузъи муҳими маблағгузорӣ тасҳеҳ кунад, агар дар мавриди бастани шартнома корхона интизор дошта бошад, ки давраи байни интиқоли мол ё хизматрасонии ба харидор аз ҷониби корхона ваъдашуда ва пардохти чунин мол ё хизматрасонӣ тавассути харидор на бештар аз як солро ташкил медиҳад.

64 Барои ноил гардидан ба ҳадафе, ки дар банди 61 пешбинӣ шудааст, ҳангоми тасҳеҳи маблағи ваъдашудаи ҷуброн бо назардошти ҷузъи муҳими маблағгузорӣ корхона бояд меъёри тахфифро истифода барад, ки эҳтимолан барои амалиёти алоҳидаи маблағгузории байни корхона ва харидори он дар мавриди бастани шартнома татбиқ мешуд. Чунин меъёр хусусиятҳои қарзии тараферо, ки тибқи шартнома маблағгузорӣ мегирад, инчунин таъминот ё гараверо, ки тавассути харидор ё корхона пешниҳод шудааст, аз ҷумла, дороиҳои тибқи шартнома интиқолшударо инъикос мекунад. Корхона метавонад имконият дошта бошад, ки чунин меъёрро тавассути мушаххаскунии меъёре муқаррар намояд, ки маблағи номиналии ҷубронпулии ваъдашударо то ҳадди нархе тахфиф мекунад, ки харидор эҳтимолан бар ивази мол ё хизматрасонӣ бо воситаҳои пулӣ, даврае (ё дар ин ҳадд), ки ба харидор мегузарад, мепардозад. Пас аз бастани шартнома корхона набояд меъёри тахфифро бо мақсади ба ҳисоб гирифтани тағйирот дар меъёрҳои фоизнок ё дигар ҳолатҳо (масалан, тағйирот дар арзёбии хавфи қарзии харидор) тасҳеҳ кунад.

65 Корхона бояд таъсири маблағгузорӣ (даромад аз фурӯши фоизнок ё хароҷоти фоизнок)-ро дар ҳисобот дар бораи маҷмуи даромад ба таври алоҳида аз даромад аз фурӯши тибқи шартнома бо харидор пешниҳод намояд. Даромад аз фурӯши фоизнок ё хароҷоти фоизнок танҳо ба ҳамон андоза эътироф карда мешаванд, ки ҳангоми *баҳисобгирии шартнома* бо харидор дороӣ (ё қарзи дебиторӣ)-и шартномавӣ ё уҳдадориҳои шартномавӣ эътироф карда мешаванд.


© Фонди СБҲМ

### Ҷуброни ғайрипулӣ

66 Барои муқаррар намудани нархи амалиёт барои шартномаҳое, ки тибқи онҳо харидор ҷубронро дар шакли аз воситаҳои пулӣ фарққунанда ваъда медиҳад, корхона бояд ҷуброни ғайрипулӣ (ё ваъдаи ҷуброни ғайрипулӣ)-ро бо арзиши одилона арзёбӣ намояд.

67 Агар корхона арзиши одилонаи ҷуброни ғайрипулиро ба таври асоснок арзёбӣ карда натавонад, корхона бояд ҷубронро ба таври ғайримустақим бо истинод ба нархи фурӯши мустақили мол ё хизматрасонии ба харидор (ё гурӯҳ харидорон) бар ивази ҷуброн ваъдашуда арзёбӣ намояд.

68 Арзиши одилонаи ҷуброни ғайрипулӣ вобаста аз шакли пардохт метавонад фарқ дошта бошад (масалан, тағйирёбии нархи саҳмияе, ки корхона ҳуқуқ дорад аз харидор бигирад). Агар арзиши одилонаи ҷуброни ғайрипулӣ, ки харидор ваъда кардааст, бо сабабҳои аз шакли ҷуброн фарққунанда тағйир ёбад (масалан, арзиши одилона метавонад вобаста аз фаъолияти корхона тағйир ёбад), корхона бояд талаботи бандҳои 56-58-ро татбиқ намояд.

69 Агар харидор мол ё хизматрасонӣ (масалан, мавод, таҷҳизот ё кормандон)-ро ҷиҳати мусоидат ба иҷрои шартнома тавассути корхона пешниҳод намояд, корхона бояд ин омилро арзёбӣ намояд, ки оё он назорати чунин мол ё хизматрасонии пешниҳодшударо ба даст меоварад ё намеоварад. Агар ин чунин бошад, корхона бояд мол ё хизматрасонии пешниҳодшударо ҳамчун ҷуброни ғайрипулӣ, ки аз харидор гирифта шудааст, ба инобат гирад.

### Ҷуброне, ки бояд ба харидор пардохта шавад

70 Ҷуброне, ки бояд ба харидор пардохта шавад, маблағи воситаҳои пулиеро дар бар мегирад, ки корхона ба харидор мепардозад ё интизор аст пардохт кунад (ё ба дигар тарафҳое, ки мол ё хизматрасонии корхонаро аз харидор ба даст меоваранд). Ҷуброне, ки бояд ба харидор пардохта шавад, инчунин қарз ё моддаи дигар (масалан, купон ё ваучер)-ро дар бар гирифта, метавонад дар муқобили маблағе, ки ба корхона (ё дигар тарафҳое, ки мол ё хизматрасониро тавассути харидор ба даст меоваранд) тааллуқ мепазирад, ҷуброн карда шавад. Корхона бояд ҷубронеро, ки бояд ба харидор пардохта шавад, ҳамчун коҳишёбии нархи амалиёт ва дар баробар ин, даромад аз фурӯш ба инобат гирад, ба истиснои мавриде, ки пардохт ба манфиати харидор, бар ивази мол ё хизматрасонии фарққунанда (чӣ тавре, ки дар бандҳои 26-30 тавсиф шудааст), ки тавассути харидор ба корхона интиқол меёбад, анҷом мепазирад. Агар ҷуброне, ки бояд ба харидор пардохта шавад, маблағи тағйирёбандаро дар бар гирад, корхона бояд нархи амалиёт (аз ҷумла, таҳлил аз маҳдуд будани арзёбии дар назар гирифтани ҷуброни тағйирёбанда)-ро мувофиқи бандҳои 50-58 мавриди арзёбӣ қарор диҳад.

71 Агар ҷуброни қобили пардохт ба харидор пардохт барои мол ё хизматрасонии фарққунандаи пешкашнамудаи харидор бошад, корхона бояд хариди мол ё хизматрасониро ба ҳамон таври монанд ҳисоб кунад, ки дигар харидро аз таҳвилгарон ҳисоб мекунад. Агар маблағи ҷуброни қобили пардохт ба харидор аз арзиши одилонаи мол ё хизматрасонии фарққунандае, ки корхона аз харидор мегирад, зиёд бошад, корхона бояд маблағи изофаро ҳамчун коҳишёбии нархи амалиёт ба инобат гирад. Агар корхона ба тари асоснок имкони арзёбии арзиши одилонаи мол ё хизматрасонии аз харидор гирифташударо надошта бошад, он бояд тамоми ҷуброни қобили пардохт ба харидорро ҳамчун коҳишёбии нархи амалиёт баррасӣ намояд.

72 Бар ин асос, агар ҷуброни қобили пардохт ба харидор ҳамчун коҳишёбии нархи амалиёт ба инобат гирифта шавад, корхона бояд коҳишёбии даромад аз фурӯшро даврае (ё дар ин ҳадд) эътироф намояд, ки охирин маврид аз ду рӯйдоди зерин рӯй диҳад:

(а) корхона даромад аз фурӯшро дар робита ба интиқоли мол ё хизматрасонии дахлдор ба харидор эътироф менамояд; ва

(б) корхона ҷубронро мепардозад ё ваъда медиҳад онро бипардозад (ҳатто, агар пардохт бо дигар рӯйдоди минбаъда қайду шарт шуда бошад). Чунин ваъда метавонад бо амалияи муқаррарии кории корхона ба назар гтрифта шавад.

## Тақсими нархи амалиёт ба иҷрои уҳдадориҳо

**73 Мақсади тақсимоти нархи амалиёт аз он иборат аст, ки корхона нархи амалиётро барои ҳар як уҳдадорӣ барои иҷро (ё мол ё хизматрасонии фарққунанда) ба андозае тақсим мекунад, то маблағи ҷубронро инъикос кунад ва ҳуқуқ ба онро корхона эҳтимолан бар ивази интиқоли мол ё хизматрасонии ба харидор ваъдашуда ба даст меоварад.**

74 Барои ноил гардидан ба ин ҳадаф корхона бояд нархи амалиётро ба ҳар кадом уҳдадорӣ барои иҷрои дар шартнома муайяншуда, дар асоси нархи нисбии фурӯши алоҳида, тибқи бандҳои 76-80, ба

истиснои ҳолатҳое, ки дар бандҳои 81-83 (барои тақсим кардани тахфиф) ва бандҳои 84-86 (барои тақсим кардани ҷуброн, ки маблағи тағйирёбандаро дар бар мегирад) зикр шудаанд, тақсим намояд.

75 Бандҳои 76–86, агар дар шартнома танҳо як уҳдадорӣ барои иҷро мавҷуд бошад, татбиқ намегарданд. Бо вуҷуди ин, бандҳои 84-86 метавонад татбиқ карда шаванд, агар корхона ваъда диҳад, ки як қатор мол ё хизматрасонии алоҳидаеро, ки тибқи банди 22(б) ҳамчун уҳдадории ягонаи мавриди иҷро муайян шудаанд, интиқол диҳад ва ин ҷуброни ваъдашуда маблағи тағйирёбандаро дар бар гирад.

### Тақсим дар асоси нархи фурӯши мустақил

76 Барои тақсим кардани нархи амалиёт ба ҳар кадом уҳдадорӣ барои иҷро дар асоси нархи нисбии фурӯши мустақил корхона бояд нархи фурӯши мустақилро дар мавриди бастани шартнома барои мол ё хизматрасонии фарққунандае, ки бо ҳар як уҳдадорӣ барои иҷрои шартнома асос ёфтааст, муқаррар намояд ва нархи амалиётро мутаносибан ба чунин нархи фурӯши мустақил тақсим намояд.

77 Нархи фурӯши мустақил - нархест, ки тибқи он корхона мол ё хизматрасонии ваъдашударо ба харидор дар алоҳидагӣ мефурӯшад. Беҳтарин далели нархи фурӯши мустақил ин нархи мушоҳидашавандаи мол ё хизматрасонӣ мебошад, ҳангоме, ки корхона чунин мол ё хизматрасониро дар ҳолатҳои ҳаммонанд ба харидорони якхела алоҳида мефурӯшад. Нархи дар шартнома муайяншуда ё нархи нархнома метавонад нархи фурӯши мустақили чунин мол ё хизматрасонӣ бошад (вале набояд аз рӯйи фарзия чунин ҳисобида шавад).

78 Агар нархи фурӯши мустақил бевосита мушоҳидашаванда набошад, корхона бояд нархи фурӯши мустақилро ба маблағе арзёбӣ намояд, то боиси он гардад, ки тақсимоти нархи амалиёт ба ҳадафи тақсимоти дар банди 73 овардашуда ҷавобгӯй бошад. Бо арзёбӣ намудани нархи фурӯши мустақил корхона бояд ҳама маълумот (аз ҷумла, шартҳои бозор, омилҳое, ки барои корхона хос мебошанд ва маълумот дар бораи харидор ё гурӯҳи харидорон), ки собитан барои корхона дастрас мебошад, баррасӣ намояд. Дар ин маврид корхона бояд ба ҳадди аксар аз манбаи маълумоти мушоҳидашаванда истифода бурда, усулҳои арзёбиро дар шароити ҳаммонанд ба таври пайваста татбиқ кунад.

79 Усулҳои мувофиқи арзёбии нархи фурӯши мустақили мол ё хизматрасонӣ, дар қатори дигар усулҳо, инҳоро дар бар мегиранд:

(а) усуле, ки арзёбии тасҳеҳшудаи бозорӣ асос ёфтааст - корхона метавонад таҳлили бозореро анҷом диҳад, ки дар он мол ё хизматрасониро гузошта, нархеро муайян мекунад, ки харидор дар ин бозор омода аст арзиши ин мол ё хизматрасониро пардозад. Ин усул инчунин метавонад истифодаи нархҳои рақибони корхонаро барои мол ё хизматрасонии ҳаммонанд ва тасҳеҳи ин нархҳоро то андозае, ки барои инъикоси хароҷот ва маржаи корхона зарур аст, дар ифода кунад.

(б) усули ба хароҷоти эҳтимолии бо назардошти маржа асосёфта – корхона метавонад хароҷоти эҳтимолии худро ҷиҳати амалисозии уҳдадорӣ барои иҷро пешбинӣ кунад ва сипас маржаи мувофиқро барои ин мол ё хизматрасонӣ илова намояд.

(в) усули боқимонда – корхона метавонад нархи фурӯши мустақилро дар асоси нархи умумии қарордод бо тарҳи маблағи нархи мушоҳидашудаи фурӯши мустақили мол ё хизматрасонии дигар, ки тибқи шартнома ваъда шудааст, арзёбӣ намояд. Аммо, корхона метавонад усули боқимондаро барои арзёбии нархи фурӯши мустақили мол ё хизматрасонӣ (мувофиқи банди 78) танҳо дар сурате истифода барад, агар яке аз меъёрҳои зерин риоя гардад:

  (i) корхона ҳамон як мол ё хизматрасониро ба харидорони гуногун (ҳамзамон ё тақрибан дар як вақт) ба маблағи хеле гуногун мефурӯшад (яъне нархи фурӯш хеле тағйирёбанда аст, зеро нархи фурӯши муқаррарии алоҳида дар асоси амалиёти қаблӣ ё дигар далелҳои мушоҳидашаванда маълум намебошад);

  (ii) корхона то ҳол нархро барои чунин мол ё хизматрасони муқаррар накардааст ва мол ё хизматрасони қаблан ба таври алоҳида фурӯхта нашудааст (яъне нархи фурӯш номуайян аст).

80 Барои арзёбии нархи фурӯши мустақили мол ё хизматрасоние, ки тибқи шартнома ваъда шудааст, эҳтимолан роҳҳои усулӣ зарур меояд, агар ду ё зиёда чунин мол ё хизматрасонӣ дар сатҳи баланд дорои нархи хеле тағйирёбанда ё номуайяни фурӯши мустақил бошанд. Масалан, корхона метавонад усули боқимондаро барои арзёбии нархи ҳамроҳшудаи фурӯши мустақили мол ё хизматрасонии ваъдашуда, ки дар сатҳи баланд дорои нархи хеле тағйирёбанда ё номуайяни фурӯши мустақил мебошанд, истифода барад ва сипас усули дигарро барои арзёбии нархи фурӯши

мустақили ҳар кадом мол ё хизматрасонии боқимонда нисбат ба ҳамон нархи ҳамроҳшудаи ҳисоббаробарии фурӯши мустақил, ки мувофиқи усули боқимонда муайян шудааст, мавриди истифода қарор диҳад. Ҳангоме, ки корхона роҳҳои усулиро барои арзёбии нархи фурӯши мустақили ҳар як мол ё хизматрасонии ваъдашуда тибқи шартнома истифода мебарад, корхона бояд арзёбӣ намояд, ки оё тақсимоти нархи амалиёт дар асоси чунин нархи ҳисоббаробарии фурӯши мустақил ба ҳадафи тақсимоти нархи амалиёти дар банди 73 ҷойдошта ва талабот нисбат ба арзёбии нархҳи фурӯши мустақили дар банди 78 зикргашта мувофиқ мебошад ё намебошад.

## Тақсимоти тахфиф

81 Харидор бар ивази хариди бастаи мол ё хизматрасонӣ тахфиф мегирад, агар маблағи нархи фурӯши мустақили чунин мол ё хизматрасонии дар шартнома пешбинишуда аз маблағи пешбининамудаи шартнома зиёд бошад. Ба истиснои мавриде, ки корхона тибқи банди 82 далелҳои мушоҳидашаванда дорад, ки тамоми тахфиф танҳо ба як ё якчанд, вале на ба ҳама уҳдадориҳои шартномавии мавриди иҷрои алоқаманд мебошад, корхона бояд тахфифро мутаносибан нисбат ба тамоми уҳдадориҳои шартномавии мавриди иҷро тақсим намояд. Тақсимоти мутаносиби тахфиф дар чунин ҳолатҳо натиҷаи тақсимоти нархи амалиёт ба ҳар як уҳдадорӣ барои иҷро дар асоси нархҳои нисбии фурӯши мустақили мол ё хизматрасонии фарққунандаи дахлдор мебошад.

82 Корхона бояд тамоми тахфифро ба як ё якчанд, вале на ҳама, уҳдадориҳои иҷрои шартнома тақсим намояд, агар ҳамаи меъёрҳои зерин риоя шаванд:

(а) корхона ба таври мунтазам ҳар кадом мол ё хизматрасонии фарққунанда (ё ҳар як бастаи молҳо ё хизматрасониҳои фарққунанда)-ро дар шартнома алоҳида мефурӯшад;

(б) корхона инчунин ба таври мунтазам баста (ё бастаҳо)-и фарққунандаи баъзе чунин мол ё хизматрасонии фарққунандаро бо тахфифи нархи фурӯши мустақили мол ё хизматрасонии ҳар як баста алоҳида мефурӯшад;

(в) тахфифе, ки ба ҳар кадом бастаи мол ё хизматрасоние, ки дар банди 82(б) тавсиф шудааст, марбут мебошад, аслан ба ҳамон тахфифи дар шартнома зикршуда монанд мебошад ва таҳлили мол ё хизматрасонии ҳар кадом баста тасдиқи мушоҳидашавандаи уҳдадорӣ барои иҷро таъмин мекунад ( ё уҳдадориҳо барои иҷро)-ро таъмин мекунад.

83 Агар тамоми тахфиф мувофиқи банди 82 ба як ё якчанд уҳдадориҳои шартномавии мвриди иҷро тақсим карда шавад, корхона бояд тахфифро мувофиқи банди 79(в) то мавриди истифодаи усули боқимонда барои арзёбии нархи фурӯши мустақили мол ё хизматрасонӣ тақсим намояд.

## Тақсимоти ҷуброни тағйирёбанда

84 Ҷуброни тағйирёбандае, ки тибқи шартнома ваъда шудааст, метавонад ба тамоми шартнома ё ба як қисмати мушаххаси он дахл дошта бошад, масалан:

(а) ба як ё якчанд, аммо на ба ҳама уҳдадориҳо барои иҷро дар шартнома (масалан, подоши иловагӣ метавонад аз он вобаста бошад, ки корхона мол ё хизматрасонии мушаххаси ваъдашударо дар муддати муайяни вақт пешниҳод намояд); ё

(б) ба як ё якчанд, аммо на ба ҳама мол ё хизматрасонии алоҳидае, ки дар доираи як қатор мол ё хизматрасонии алоҳида ваъда шуда, уҳдадории ягонаи мавриди иҷроро тибқи банди 22(б) ташкил медиҳанд (масалан, ҷуброне, ки барои соли дуюми шартномаи дусолаи марбут ба хизматрасонии назифкунӣ ваъда шудааст, дар асоси тағйирёбии шохиси таварруми мувофиқашуда зиёд мешавад).

85 Корхона бояд тамоми маблағи тағйирёбанда (ва тағйирёбии минбаъдаи чунин маблағ)-ро ба уҳдадорӣ барои иҷро ё ба мол ё хизматрасонии фарққунанда, ки тибқи банди 22(б) қисми як уҳдадорӣ барои иҷро маҳсуб меёбад, бо риояи ин ду шарти дар зер овардашуда тақсим намояд:

(а) шартҳои маблағи тағйирёбанда бевосита ба фаъолияти корхона вобаста амалисозии уҳдадориҳо барои иҷро ё интиқоли мол ё хизматрасонии фарққунанда (ё ба натиҷаи мушаххаси амалисозии уҳдадориҳо барои иҷро ё интиқоли мол ё хизматрасонии фарққунанда) дахл дорад; ва

(б) тақсимоти тамоми маблағи тағйирёбандаи ҷуброн ба уҳдадориҳо барои иҷро ё мол ё хизматрасонии фарққунанда ба ҳадафи тақсимоти дар банди 73 овардашуда ҳангоми баррасии ҳама уҳдадориҳо барои иҷро ва шартҳои пардохт тибқи шартнома мувофиқат мекунад.

86 Талабот ҷиҳати тақсимоти нархи амалиёт, ки дар бандҳои 73-83 ҷой дорад, нисбати тақсимоти маблағи боқимондаи нархи амалиёт, ки ба меъёрҳои банди 85 ҷавобгӯй намебошад, бояд татбиқ карда шавад.

### Тағйироти нархи амалиёт

87 Пас аз бастани шартнома нархи амалиёт метавонад бинобар сабабҳои гуногун, аз ҷумла ҳалли номуайянӣ ё дигар тағйирот дар ҳолатҳо тағйир ёбад ва онҳо маблағи ҷубронро тағйир медиҳанд, ки ҳуқуқ ба онро корхона интизор аст ба ивази мол ё хизматрасонии ваъдашуда ба даст оварад.

88 Корхона бояд ҳама гуна тағйироти минбаъдаи нархи амалиётро ба уҳдадории шартномавии мавриди иҷро мувофиқи ҳамон асосе, ки ҳангоми бастани шартнома пешбинӣ шудааст, тақсим намояд. Аз ин рӯ, корхона набояд нархи амалиётро такроран барои инъикоси тағйирёбии нархи фурӯши мустақил пас аз бастани шартнома тақсим намояд. Маблағе, ки барои амалишавии уҳдадорӣ барои иҷро тақсим карда шудааст, бояд ҳамчун даромад аз фурӯш ё коҳишёбии даромад аз фурӯш дар даврае, ки дар муддати он тағйирёбии нархи амалиёт рух медиҳад, эътироф карда шавад.

89 Корхона бояд тағйирёбии нархи амалиётро дар ҳаҷми пурра ба як ё якчанд, вале на ба ҳама уҳдадориҳо барои иҷро ё мол ё хизматрасонии фарққунандаи дар доираи маҷмӯи мол ё хизматрасонии фарққунанда ваъдашуда, ки тибқи банди 22(б) ба як уҳдадорӣ барои иҷро дохил мегардад, танҳо дар сурати амалишавии меъёрҳои дар банди 85 овардашуда, ки марбут ба тақсимоти ҷуброни тағйирёбанда мебошанд, тақсим намояд.

90 Корхона бояд тағйирёбии нархи амалиётро, ки дар натиҷаи тағйирдиҳии шартнома ба вуҷуд омадааст, тибқи бандҳои 18-21 ба инобат гирад. Аммо, дар сурати тағйирёбии нархи амалиёт, ки пас аз тағйирдиҳии шартнома ба амал меояд, корхона бояд бандҳои 87-89-ро барои тақсимоти тағйироти нархи амалиёт бо истифода аз яке аз усулҳои дар поён овардашуда ба таври мувофиқ истифода кунад:

(а) корхона бояд тағйирёбии нархи амалиётро ба уҳдадориҳо барои иҷро, ки дар шартнома то мавриди тағйирдиҳии он мушаххас шудааст, тақсим намояд, дар ин сурат ва то ҳадде, ки тағйирёбии нархи амалиёт мансуб ба маблағи ҷуброни тағйирёбанда бошад, ки то мавриди тағйирдиҳии шартнома ваъда шудааст ва дар ин маврид тағйирдиҳӣ тибқи банди 21(а) ба ҳисоб гирифта мешавад.

(б) дар ҳолатҳои дигаре, ки тағйирдиҳии шартнома тибқи банди 20 ҳамчун шартномаи алоҳида ба ҳисоб гирифта нашуда бошад, корхона бояд тағйирёбии нархи амалиётро ба уҳдадориҳо барои иҷро дар шартномаи тағйирдиҳӣшуда тақсим намояд (яъне, он уҳдадориҳо барои иҷро, ки амалӣ нашудаанд ё қисман бевосита пас аз тағйирдиҳӣ амалӣ нашудаанд).

## Хароҷот аз рӯйи шартнома

### Хароҷоти иловагӣ барои бастани шартнома

**91 Корхона бояд хароҷоти иловагии дар мавриди бастани шартнома бо харидор сарфшударо ҳамчун дорои эътироф намояд, агар корхона ҷуброни чунин хароҷотро интизор бошад.**

92 Хароҷоти иловагии дар мавриди бастани шартнома сарфшуда ин хароҷоти ҳангоми бастани шартнома бо харидор тавассути корхона сарфшуда, ки корхона имкон дошт онро сарф накунад, агар шартнома баста намешуд (масалан, комиссияи фурӯш).

93 Хароҷоти дар мавриди бастани шартнома сарфшуда, ки новобаста аз бастани шартнома сурат мегирифт, бояд ба сифати хароҷот вобаста аз мавриди ба вуҷуд омадани он эътироф карда шавад, ба истиснои ин маврид,ҳангоме, ки чунин хароҷот қатъан аз ҷониби харидор, новобаста аз баста шудани шартнома ҷуброн карда мешавад.

94 Хароҷоти иловагии бастани шартнома ҳамчун хароҷоти бавуҷудоии онро метавон ба сифати соддагардонии дорои хусусияти амалӣ эътироф намуд, агар муҳлати истеҳлоки дорой, ки онро дар акси ҳол ҳам корхона эътироф мекард, аз як сол бештар набошад.

### Хароҷот барои иҷрои шартнома

**95 Агар хароҷоти ҳангоми иҷрои шартнома бо харидор сарфшуда дар доираи татбиқи стандарти дигар қарор нагирад (масалан, СББМ 2 *“Захираҳо”*, СББМ 16 *“Воситаҳои асосӣ”* ё СББМ 38**

***“Дороиҳои ғайримоддӣ”*), корхона бояд дороиро дар робита бо харочоти ичрои шартнома комилан танҳо дар ин сурат, агар харочоти мазкур ба талаботи ҳамаи меъёрҳои зерин чавобгӯй бошад, эътироф намояд:**

**(а)** **харочот бевосита ба шартнома ё шартномаи пешбинишуда мансуб мебошад, ки онро корхона метавонад бо ягон тарзи муайян мушаххас намояд (масалан, харочоти мансуб ба хизматрасоние, ки ҳангоми тамдид кардани муҳлати шартномаи мавчуда пешниҳод мешавад ё харочот барои банақшагирии дороие, ки тибқи шартномаи мушаххас, ки ҳанӯз тасдиқ нашудааст, интиқол мегардад);**

**(б)** **харочот сифати захираҳои корхонаро, ки бо мақсади амалисозӣ (ё идома додани амалисозӣ)-и уҳдадориҳо барои ичро дар оянда истифода мешаванд, эчод ё беҳбуд месозанд;**

**(в)** **интизор аст, ки харочот чуброн карда мешавад.**

96 Дар сурати харочот барои ичрои шартнома бо харидор, ки дар доираи татбиқи стандарти дигар дар таркиби СБҲМ қарор дорад, корхона бояд ин харочотро мутобиқи ҳамон стандартҳои дигари СБҲМ ба инобат гирад.

97 Харочоте, ки бевосита ба шартнома (ё ба шартномаи муайяни пешбинишуда) алоқаманд мебошад, харочоти зеринро дар бар мегирад:

(а) харочоти мустақими музди меҳнат (масалан, моҳона ё музди меҳнати кормандоне, ки бевосита ба харидор хизматрасонии ваъдашударо пешкаш мекунанд);

(б) харочоти бевосита барои мавод (масалан, масолеҳи харочот, ки барои хизматрасонии ваъдашуда ба харидор истифода мешавад);

(в) харочоти тақсимшуда, ки бевосита ба шартнома ё фаъолияти тибқи шартнома пешбинишуда вобаста мебошад (масалан, харочоти идоракунии шартнома ва назорат бар ичрои он, суғуртакунӣ, истеҳлоки воситаҳову тачҳизот, дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифода, ки барои ичрои шартнома истифода мешаванд);

(г) харочоте, ки қатъан аз чониби харидор чуброн карда мешавад; ва

(ғ) дигар харочоте, ки комилан дар натичаи тавассути корхона бастани шартнома сарф шудааст (масалан, пардохт ба пудратчии ғайриасосӣ).

98 Корхона бояд харочоти зеринро ба сифати харочоти мавриди бавучудоии он эътироф намояд:

(а) харочоти умумӣ ва маъмурӣ (ба истиснои мавриде, ки чунин харочот воқеан бояд тавассути харидор мутобиқи шартнома чуброн карда шавад ва дар ин ҳолат корхона бояд чунин харочотро тибқи банди 97 арзёбӣ намояд);

(б) харочоти истифодаи ғайриистеҳсолии мавод, захираҳои меҳнатӣ ё дигар захираҳо барои ичрои шартнома, ки дар нархи шартнома инъикос нагардидааст;

(в) харочоте, ки ба уҳдадориҳои шартномавии мавриди ичрои амалишуда (ё уҳдадориҳо барои ичрои қисман амалишуда) тааллуқ дорад (яъне харочоте, ки ба фаъолияти қаблӣ тааллуқ дорад); ва

(г) харочоте, ки дар робита ба он корхона наметавонад муайян карда, оё он ба уҳдадориҳо барои ичрои амалинашуда ё ба уҳдадориҳо барои ичрои амалишуда (ё ба уҳдадориҳо барои ичрои қисман амалишуда) мансуб мебошад.

## Истеҳлок ва беқурбшавӣ

99 Дороие, ки тибқи бандҳои 91 ё 95 эътироф шудааст, бояд дар асоси муназзамии мувофиқ бо интиқоли мол ё хизматрасонӣ ба харидор, ки дороӣ ба он тааллуқ дорад, истеҳлок карда шавад. Дороӣ метавонад ба мол ё хизматрасоние дахл дошта бошад, ки тибқи шартномаи пешниҳодшудаи мушаххас минбаъд интиқол дода мешавад (чӣ тавре, ки дар банди 95(а) тавсиф шудааст).

100 Корхона бояд истеҳлокро бо мақсади баҳисобгирии тағйирёбии назарраси муҳлати эҳтимолии корхона чиҳати таҳвили мол ё хизматрасонӣ ба харидор, ки дороӣ ба он тааллуқ дорад, тасҳеҳ кунад. Чунин тағйирот бояд ҳамчун тағйирёбии арзёбии муҳосибӣ тибқи СББМ 8 ба инобат гирифта шавад.

101 Корхона бояд зарар аз беқурбшавиро дар таркиби фоида ё зарар ба он андозае эътироф намояд, ки арзиши тавозунии дороии тибқи банди 91 ё 95 эътирофшуда аз инҳо зиёд бошад:

(а) маблағи боқимондаи чуброне, ки корхона интизор аст бар ивази мол ё хизматрасоние, ки дороӣ ба онҳо тааллуқ дорад, ба даст биёрад; бо тарҳи

(б) хароҷоте, ки бевосита бо пешниҳоди чунин мол ё хизматрасонӣ алоқаманд буда, ҳамчун хароҷот эътироф нашудааст (ба банди 97 нигаред).

102 Бо мақсади татбиқи банди 101 ҷиҳати муқаррарсозии маблағи ҷуброн, ки корхона гирифтани онро пешбинӣ менамояд, он бояд принсипҳои муқаррарсозии нархи амалиётро (ба истиснои талаботи бандҳои 56-58 вобаста ба маҳдудияти арзёбии ҷуброни тағйирёбанда) истифода барад ва чунин маблағро бо назардошти таъсири хавфи қарзии харидор тасҳеҳ кунад.

103 Пеш аз он, ки зарар аз беқурбшавии дороиро, ки тибқи бандҳои 91 ё 95 эътироф шудааст, корхона эътироф намояд, он бояд зарар аз беқурбшавии дороиҳоеро, ки бо шартнома марбут буда, тибқи стандарти дигар дар таркиби СБҲМ-ҳо (масалан, СБҲМ 2, СББМ 16 ва СББМ 38) эътироф шудаанд, мавриди эътироф қарор диҳад. Пас аз татбиқи тест аз беқурбшавӣ, ки дар банди 101 ҷой дорад, корхона бояд арзиши тавозунии қабулшудаи дороиро, ки тибқи банди 91 ё 95 эътироф шудааст, ба арзиши тавозунии воҳиди тавлидкунандаи воситаҳои пулӣ, ки ба он мансуб мебошад, бо мақсади татбиқи СББМ 36 *"Беқурбшавии дороиҳо"* ба чунин воҳиди тавлидкунандаи воситаҳои пулӣ ворид намояд.

104 Корхона бояд дар таркиби фоида ё зарар барқарорсозии пурраи зарар аз беқурбшавӣ ё қисмати онро эътироф намояд, ки қаблан тибқи банди 101, ҳангоме, ки шарти боиси беқурбшавигашта дигар вуҷуд надошта бошад ё беҳтар шудааст. Арзиши тавозунии афзояндаи дороӣ набояд аз маблағе зиёд бошад, ки дар ин сурат муайян мегардид (бо тарҳи истеҳлок), агар қаблан зарар аз беқурбшавӣ эътироф нагардида бошад.

## Пешниҳод

**105 Агар тарафи шартнома ягон уҳдадории мариди иҷроро тибқи шартнома иҷро карда бошад, корхона бояд шартномаро дар ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ, вобаста аз таносуби байни тавассути корхона амалӣ гардидани уҳдадориҳои шартнома ё пардохтҳои харидор, ба сифати дороии шартнома ё уҳдадории шартнома пешниҳод намояд. Корхона бояд ба сифати қарзи дебиторӣ ҳуқуқи ғайришартиро барои ҷуброн пешниҳод намояд.**

106 Агар харидор подошро пардохт кунад ё корхона ба маблағи подоше, ки бечунучаро (яъне қарзи дебиторӣ) маҳсуб меёбад, ҳуқуқ дошта бошад, пеш аз он, ки корхона мол ё хизматрасониро ба харидор интиқол медиҳад, он бояд шартномаро дар мавриди анҷоми пардохт ё дар мавриде, ки пардохт бояд анҷом дода шавад (вобаста аз ин, ки кадоме аз инҳо пештар ба вуҷуд меояд), ҳамчун уҳдадории шартномавӣ пешниҳод намояд. Уҳдадории шартномавӣ - уҳдадории корхона ҷиҳати интиқоли мол ё хизматрасонӣ ба харидор, ки бар ивази он корхона аз харидор ҷубронпулӣ гирифтааст (ё маблағи ҷуброн, ки бояд пардохта шавад).

107 Агар корхона мол ё хизматрасониро ба харидор қабл аз он, ки харидор ҷубронро мепардозад ё то он мавриде, ки ҷуброн бояд пардохта шавад, корхона бояд шартномаро ҳамчун дороии шартномавӣ пешниҳод намояд, ба истиснои маблағе, ки ба сифати қарзи дебиторӣ пешниҳод карда мешавад. Дороии шартномавӣ ҳуқуқи корхона барои қабули ҷуброн бар ивази мол ё хизматрасонии аз ҷониби корхона ба харидор интиқолшуда мебошад. Корхона бояд тибқи СБҲМ 9 дороии шартномавиро дар заминаи беқурбшавӣ арзёбӣ намояд. Беқурбшавии дороии шартномавӣ бояд дар ҳамон заминае, ки беқурбшавии дороии молиявӣ дар доираи татбиқи СБҲМ 9 қарор мегирад, арзёбӣ, пешниҳод ва ифшо карда шавад (ба банди 113(б) нигаред).

108 Қарзи дебиторӣ ин ҳуқуқи корхона барои подоши бечунучаро мебошад. Ҳуқуқ ба подош бечунучаро маҳсуб меёбад, агар фарорасии ин маврид, ҳангоме, ки чунин ҷуброн бояд пардохта шавад, танҳо бо мурури замон вобаста бошад. Масалан, корхона қарздоии дебиториро эътироф менамояд, агар он ҳуқуқи мавҷударо ҷиҳати қабули маблағ дошта бошад, ҳарчанд чунин маблағ метавонад минбаъд бозгардонида шавад. Корхона бояд қарзи дебиториро тибқи СБҲМ 9 ба инобат гирад. Пас аз эътирофи аввалияи қарзи дебиторӣ тибқи шартнома ҳама гуна фарқияти байни арзёбии қарзи дебиторӣ тибқи СБҲМ 9 ва маблағи ба он мувофиқи даромад аз фурӯши эътирофшуда бояд ба сифати хароҷот (масалан, ҳамчун зарар аз беқурбшавӣ) пешниҳод карда шавад.

109 Стандарти мазкур истилоҳоти "дороии шартномавӣ" ва "уҳдадории шартномавӣ"-ро истифода мебарад, вале он ба корхона истифода бурдани унвонҳои ҷойгузинро барои ин моддаҳо дар ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ манъ намекунад. Агар корхона унвони ҷойгузинро барои дороии шартномавӣ истифода барад, корхона бояд бо ин мақсад маълумоти кофиеро пешниҳод намояд, ки истифодабарандаи ҳисоботи молиявӣ битавонад байни қарзи дебиторӣ ва дороиҳои шартномавӣ фарқ гузорад.


© Фонди СБҲМ

## Ифшои маълумот

110 **Мақсади талаботи ифшои маълумот тавассути корхона - ифшо намудани маълумоти кофӣ мебошад, то ба истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ имконият фароҳам орад, ки битавонанд хусусият, маблағ, муҳлат ва номуайянии бавуҷудоии даромад аз фурӯш ва воситаҳои пулии тибқи шартнома бо харидорон қайду шартшударо дарк намоянд. Барои ноил гардидан ба чунин ҳадаф корхона бояд маълумоти сифатӣ ва миқдориро дар бораи ҳама инҳо ифшо намояд:**

(а) **шартнома бо харидорон (ба бандҳои 113-122 нигаред);**

(б) **мулоҳизаи муҳим ва тағйирот дар мулоҳизаҳое, ки ҳангоми татбиқи Стандарти мазкур дар робита ба чунин шартномаҳо истифода шудаанд (ба бандҳои 123-126 нигаред);**

(в) **дороиҳое, ки дар робита ба хароҷоти бастани шартнома ё амалишавии шартнома бо харидорон тибқи бандҳои 91 ё 95 эътироф шудаанд (ба бандҳои 127-128 нигаред).**

111 Корхона бояд сатҳи муфассали барои ноил гардидан ба ҳадафи ифшои маълумот зарурбуда ва аҳамиятнокии ҳар як талаботи гуногунро муқаррар намояд. Корхона бояд маълумоти мавриди ифшоро ба он тарзе ҳамроҳ ё ҷудо созад, ки маълумоти муфид бар асари ворид намудани миқдори зиёди ҷузъиёти ғайримуҳим ба маълумоти мавриди ифшо ё дар натиҷаи ҳамроҳсозии моддаҳои дорои хусусиятҳои моҳиятан фарққкунанда пинҳон намонад.

112 Корхона набояд маълумотро тибқи Стандарти мазкур ифшо намояд, агар чунин маълумотро тибқи дигар СБҲМ ифшо намуда бошад.

## Шартнома бо харидорон

113 Корхона бояд тамоми маблағи дар зер зикршудаи давраи ҳисоботиро ифшо намояд, ба истиснои мавриде, ки чунин маблағ дар ҳисобот дар бораи маҷмуи даромад тибқи дигар СБҲМ-ҳо ба таври алоҳида пешниҳод карда шудаанд:

(а) даромад аз фурӯше, ки тибқи шартнома бо харидорон эътироф шуда, корхона бояд онро аз дигар манбаҳои даромад аз фурӯш ба таври алоҳида ифшо намояд; ва

(б) зарар аз беқурбшавӣ, ки тибқи қарзи дебиторӣ ё дороиҳои шартномавӣ эътироф гардида (мутобиқ бо СБҲМ 9), ба шартномаи корхона бо харидорон мансуб мебошад ва корхона бояд онро аз зарар аз беқурбшавии марбут ба шартномаҳои дигар ба таври алоҳида ифшо намояд.

### Тафсилоти ҷузъии маълумот дар бораи даромад аз фурӯш

114 Корхона бояд маълумот дар бораи даромад аз фурӯши тибқи шартнома бо харидорон эътирофшударо ба гурӯҳҳо тақсим намояд, ки нишондиҳандаи чигунагии таъсири омилҳои иқтисодӣ бар моҳият, маблағ, муҳлат ва номуайянии даромад аз фурӯш ва воситаҳои пулӣ бошад. Корхона бояд дастури дар бандҳои Б87-Б89 зикршударо ҳангоми интихоби гурӯҳҳое, ки барои тақсим кардани маълумот дар бораи даромад аз фурӯш истифода мешаванд, татбиқ намояд.

115 Илова бар ин, корхона бояд ба таври кофӣ маълумотеро ифшо намояд, ки ба истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ имкон фароҳам орад, то робитаи байни ифшои маълумот дар бораи даромад аз фурӯши дақиқшуда (мувофиқи банди 114) ва маълумоти мавриди ифшо дар бораи даромад аз фурӯши марбут ба ҳар як сегменти ҳисоботиро дарк намоянд, агар корхона СБҲМ 8 *“Сегментҳои амалиётӣ”*-ро татбиқ намояд.

### Бақия аз рӯйи шартнома

116 Корхона бояд маълумоти зеринро ифшо намояд:

(а) бақияи қарзи дебиторӣ, дороиҳои шартномавӣ ва уҳдадориҳои шартномавӣ дар ибтидо ва интиҳои давра, ки ба шартнома бо харидорон тааллуқ дорад, агар онҳо ба таври алоҳида пешниҳод нагардида ё ба таври дигар ифшо нашуда бошанд;

(б) даромад аз фурӯши дар давраи ҳисоботӣ эътирофшуда, ки дар ибтидои давра ба таркиби уҳдадории шартнома бо харидорон ворид карда шудааст; ва

(в) даромад аз фурӯши дар давраи ҳисоботӣ эътирофшуда, ки ба уҳдадории амалишуда (ё қисман амалишуда)-и давраҳои қаблӣ (масалан, тағйирёбии нархи амалиёт) тааллуқ дорад.

117 Корхона бояд шарҳ диҳад, ки чӣ гуна муҳлати амалишавии уҳдадорӣ барои иҷро (ба банди 119(а) нигаред) ба муҳлати муқаррарии пардохт (ба банди 119(б) нигаред), инчунин таъсири чунин омилҳо ба бақияи дороиҳо ва уҳдадориҳои шартномавӣ, алоқаманд мебошад. Маълумоти сифатиро метавон дар доираи шарҳе, ки пешниҳод мегардад, истифода намуд.

118 Корхона бояд тағйироти назарраси бақияи дороиҳо ва уҳдадориҳои шартномавиро дар давраи ҳисоботӣ тавзеҳ диҳад. Тавзеҳот бояд маълумоти сифатӣ ва миқдориро дар бар гирад. Намунаҳои тағйирот дар бақияи дороиҳо ва уҳдадориҳои шартномавӣ инҳоянд:

(а) тағйирот дар натиҷаи муттаҳидсозии тиҷорат;

(б) тасҳеҳоти кумулятивии даромад аз фурӯш, ки ба дороии шартномавӣ ё уҳдадории шартномавӣ таъсир мерасонад, аз ҷумла, тасҳеҳоте, ки бо тағйирёбии арзёбии сатҳи амалишавии уҳдадорӣ барои иҷрои шартнома, тағйирёбии арзёбии нархи амалиёт (аз ҷумла, тағйирот дар натиҷаи таҳлили ин омил, ки оё арзёбии ҷуброни тағйирёбанда маҳдуд аст) ё тағйирдиҳии шартнома қайду шарт шудааст;

(в) беқурбшавии дороии шартномавӣ;

(г) тағйирёбии давра, ки бо гузашти он зарур аст, ҳуқуқ ба подош бечунучаро гардад (яъне, бо ин ҳадаф, ки дороии марбут ба шартнома бо харидорон дар таркиби қарзи дебиторӣ мавриди азнавгурӯҳбандӣ қарор гирад); ва

(ғ) тағйирёбии давра, ки дар давоми он уҳдадорӣ барои иҷро бояд амалӣ карда шавад (яъне давраи эътирофи даромад аз фурӯш, ки аз уҳдадории шартномавӣ ба миён меояд).

### Уҳдадориҳо барои иҷро

119 Корхона бояд маълумотро оид ба иҷрои уҳдадориҳои худ дар шартномаҳо бо харидорон, аз ҷумла тавсифи ҳамаи инҳоро ифшо намояд:

(а) ин маврид, ҳангоме, ки корхона маъмулан уҳдадорӣ барои иҷроро амалӣ мекунад (масалан, ҳангоми ҳамл, дар давраи таҳвил, ба унвони хизматрасонӣ ё пас аз анҷоми хизматрасонӣ), аз ҷумла, мавриди зерин, ҳангоме, ки уҳдадорӣ барои иҷро тибқи созишнома дар бораи фурӯш бо пешниҳоди ҳисобнома-фактура ва таҳвили мавқуфгузошташуда амалӣ мешавад;

(б) шартҳои муҳимми пардохт (масалан, даврае, ки дар он одатан маблағ қобили пардохт мешавад, оё дар шартнома ҷузъи муҳими маблағгузорӣ вуҷуд дорад ё надорад, оё маблағи ҷуброн тағйирёбанда аст, оё арзёбии ҷуброн одатан тибқи бандҳои 56-58 маҳдуд мегардад);

(в) хусусияти мол ё хизматрасонии тавассути корхона ҷиҳати интиқол ваъдашуда, ки нишондиҳандаи уҳдадорӣ барои иҷро вобаста ба ташкили интиқоли мол ё хизматрасонӣ ба харидор аз ҷониби тарафи дигар мебошад (яъне, дар сурати ба сифати агент амал кардани корхона);

(г) уҳдадорӣ дар робита ба бозгашти мол, воситаҳо ва дигар уҳдадориҳои ҳаммонанд; ва

(ғ) намудҳои кафолатҳо ва уҳдадориҳои алоқаманд.

### Нархи амалиёти ба уҳдадории боқимондаи барои иҷро тақсимшуда

120 Корхона бояд маълумоти зеринро дар бораи уҳдадорӣ барои иҷро, ки боқӣ мондааст, ифшо намояд:

(а) маблағи маҷмуии нархи амалиёт, ки ба уҳдадорӣ барои иҷро тақсим шуда, дар охири давраи ҳисоботӣ қонеъ нашудааст (ё қисман қонеъ шудааст); ва

(б) шарҳи ин омил, ки дар кадом маврид корхона интизор аст маблағи тибқи банди 120(а) ифшошударо, ки корхона бояд тавассути яке аз роҳҳои зерин ифшо созад, ба сифати даромад аз фурӯш эътироф намояд:

(i) дар асоси миқдорӣ, бо истифода аз фосилаҳои муваққатӣ, ки бештар марбут ба давраи дахлдори амалишавии уҳдадории боқимонда барои иҷро мебошад; ё

(ii) бо истифода аз маълумоти сифатӣ.

121 Ба сифати соддагардонии дорои хусусияти амалӣ корхона набояд маълумоти дар банди 120 овардашударо вобаста ба уҳдадорӣ барои иҷро ифшо намояд, агар яке аз шартҳои зерин риоя гардад:

(а) уҳдадорӣ барои иҷро қисмати шартномае маҳсуб меёбад, ки муҳлати аввалияи эҳтимолии он на бештар аз як сол аст; ё

(б) корхона даромад аз фурӯши амалишавии уҳдадорӣ барои иҷроро тибқи банди Б16 эътироф менамояд.

122 Корхона бояд бо истифода аз маълумоти сифатӣ шарҳ диҳад, ки оё он соддагардонии дорои хусусияти амалиро, ки дар банди 121 ҷой дорад, татбиқ мекунад, инчунин ин далелро тавсиф кунад, ки кадом ҷуброн тибқи шартнома бо харидор ба нархи амалиёт ва дар ин баробар ба таркиби маълумоте, ки тибқи банди 120 ифшо мегардад, дохил карда нашудааст. Масалан, арзёбии нархи амалиёт маблағи ҳисоббаробарии ҷуброни тағйирёбандаро, ки маҳдуд арзёбӣ мегардад, дар бар намегирад (ба бандҳои 56-58 нигаред).

## Мулоҳизаҳои муҳим ҳангоми татбиқи Стандарти мазкур

123 Корхона бояд маълумот дар бораи мулоҳиза ва тағйирот дар мулоҳизаҳои ҳангоми татбиқи Стандарти мазкур қабул шударо ифшо намояд, ки ба муқаррар намудани маблағ ва муҳлати даромад аз фурӯш аз шартнома бо харидорон таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Аз ҷумла, корхона бояд мулоҳиза ва тағйирот дар мулоҳизаҳоеро, ки ҳангоми муқаррар намудани ду ҳолати дар поён овардашуда истифода шудаанд, шарҳ диҳад:

(а) муҳлати амалишавии уҳдадорӣ барои иҷро (ба бандҳои 124-125 нигаред); ва

(б) нархи амалиёт ва маблағе, ки ба уҳдадорӣ барои иҷро тақсим карда шудаанд (ба банди 126 нигаред).

### Муқаррар намудани тақсимоти давраи уҳдадориҳо барои иҷро

124 Барои уҳдадорӣ барои иҷро, ки корхона дар муддати давра амалӣ мекунад, бояд ифшо гардад:

(а) усулҳое, ки барои эътирофи даромад аз фурӯш истифода мешаванд (масалан, тавсифи усулҳои мавриди истифода ва усулҳои захираҳо, инчунин ин омил, ки ин усулҳо чӣ гуна истифода мешаванд); ва

(б) шарҳи ин омил, ки чаро усулҳои мавриди истифода инъикоси воқеии интиқоли мол ё хизматрасониро таъмин мекунанд.

125 Барои уҳдадорӣ барои иҷро, ки аз ҷониби корхона дар фосилаи вақт амалӣ мегардад, зарур аст мулоҳизаҳои муҳим ифшо карда шаванд, ки ҳангоми арзёбии ин омил, харидор дар кадом маврид назорати мол ё хизматрасонии ваъдашударо ба даст меорад, истифода мешаванд.

### Муқаррарсозии нархи амалиёт ва маблағе, ки ба уҳдадориҳо барои иҷро ҷудо карда шудаанд

126 Корхона бояд маълумот дар бораи усулҳо, манбаи маълумот ва фарзияҳоеро, ки дар ҳама ҳолатҳои зерин истифода мешаванд, ифшо намояд:

(а) муқаррарсозии нархи амалиёт, ки аз ҷумла, арзёбии ҷуброни тағйирёбанда, тасҳеҳоти ҷуброн бо назардошти таъсири арзиши муваққатии пул ва арзёбии ҷубронпулии ғайрипулиро дар бар мегирад;

(б) таҳлили ин омил, ки оё арзёбии ҷуброни тағйирёбанда маҳдуд мебошад;

(в) тақсимоти нархи амалиёт, аз ҷумла, арзёбии нархи фурӯши мустақили мол ё хизматрасонии ваъдашуда ва тақсимоти тахфиф ва ҷуброни тағйирёбанда ба қисмати дахлдори шартнома (агар чунин қобили қабул бошад);

(г) арзёбии уҳдадорӣ дар робита ба бозгашти мол, бозгашти маблағ ва дигар уҳдадориҳои ҳаммонанд.

## Дороиҳое, ки вобаста ба хароҷоти бастан ё иҷрои шартнома бо харидор эътироф шудаанд

127 Корхона бояд шарҳи инҳоро пешниҳод намояд:

(а) мулоҳизае, ки ҳангоми муқаррарсозии маблағи хароҷоти дар аснои бастан ё иҷрои шартнома бо харидор ба амал меоянд, истифода мешавад (тибқи бандҳои 91 ё 95); ва

(б) усуле, ки корхона барои муқаррар намудани истеҳлоки ҳар як давраи ҳисоботӣ истифода намудааст.

128 Корхона бояд маълумоти дар зер овардашударо ифшо намояд:

(а) бақияи дороиҳо дар интиҳои давра, ки вобаста ба хароҷоти ҳангоми бастан ё иҷрои шартнома бо харидор (мувофиқи бандҳои 91 ё 95) ба амал омада, дар қисмати гурӯҳи асосии дороиҳо эътироф шудааст (масалан, хароҷоти барои бастани шартномаҳо бо харидорон ба амал омада, хароҷоти то мавриди бастани шартнома ба амал омада ва хароҷот аз рӯйи шартнома); ва

(б) маблағи истеҳлок ва зарар аз беқурбшавӣ, ки дар давраи ҳисоботӣ эътироф шудааст.

## Соддагардонии хусусияти амалӣ

129 Агар корхона тасмим гирад аз соддагардонии хусусияти амалӣ, ки мувофиқи банди 63 (дар бораи мавҷудияти ҷузъи муҳими маблағгузорӣ) ё банди 94 (дар бораи хароҷоти иловагӣ барои бастани шартнома) тавсиф шудааст, истифода барад, пас корхона бояд чунин далелро ифшо намояд.

 © Фонди СБҲМ

# Замимаи А
# Муқаррароти мафҳумҳо

*Замимаи мазкур қисми ҷудонопазири Стандарти мазкур маҳсуб меёбад.*

| | |
|---|---|
| **Шартнома** | Созишномаи байни ду ё зиёда тарафҳо, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои қонунан ҳифзшударо ба вуҷуд меорад. |
| **Дороии шартнома** | Ҳуқуқи корхона барои подош бар ивази мол ё хизматрасоние, ки корхона ба **харидор** интиқол кардааст, ҳангоме, ки чунин ҳуқуқ аз ягон омили фарққунанда аз фарорасии давраи муайян вобаста мебошад (масалан, тавассути корхона иҷро гардидани уҳдадориҳои муайян дар давраи оянда). |
| **Уҳдадории шартномавӣ** | Уҳдадории корхона ҷиҳати интиқоли мол ё хизматрасонӣ ба харидор, ки бар ивази он корхона аз харидор подошпулӣ гирифтааст (ё маблағи ҷуброн, ки бояд пардохта шавад). |
| **Харидор** | Тарафе, ки бо корхона барои гирифтани мол ё хизматрасоние, ки натиҷаи фаъолияти муқаррарии корхона маҳсуб меёбад, бар ивази подош шартнома ба имзо расонидааст. |
| **Даромад** | Афзуншавии манфиатҳои иқтисодӣ дар муддати давраи ҳисоботӣ дар шакли воридот ё беҳшавии сифати дороиҳо ё коҳишёбии арзиши уҳдадориҳо, ки боиси афзуншавии сармояи хусусӣ мегардад ва бо аъзоҳаққии иштирокчиёни сармоя алоқаманд намебошад. |
| **Уҳдадорӣ барои иҷро** | Ваъдаи интиқоли инҳо ба харидор, ки тибқи шартнома пешбинӣ мешавад:<br>(а) мол ва хизматрасонӣ (ё бастаи мол ё хизматрасонӣ), ки аз ҳамдигар фарқ мекунанд; ё<br>(б) як қатор мол ё хизматрасонии фарққунанда, ки амалан якхелаанд ва тибқи нақшаи ҳаммонанд ба харидор интиқол дода мешаванд. |
| **Даромад аз фурӯш** | **Даромаде**, ки дар рафти фаъолияти муқаррарии корхона ба вуҷуд меояд. |
| **Нархи фурӯши мустақил (мол ё хизматрасонӣ)** | Нархест, ки тибқи он корхона мол ё хизматрасонии ваъдашударо ба **харидор** дар алоҳидагӣ мефурӯшад. |
| **Нархи амалиёт (барои шартнома бо харидор)** | Маблағи ҷубронест, ки ҳуқуқ ба онро корхона метавонад бар ивази интиқоли мол ё хизматрасонии ваъдашуда ба харидор, ба истиснои маблағи аз ҷониби тарафи сеюм гирифташуда, ба даст оварад. |

# Замимаи Б
# Дастур барои татбиқ

*Замимаи мазкур қисми ҷудонопазири Стандарти мазкур маҳсуб меёбад. Он татбиқи бандҳои 1-129-ро тавсиф менамояд ва бо дигар қисмҳои Стандарти мазкур қувваи эътибори якхела дорад.*

Б1 Дастури мазкур ба гурӯҳҳои зерин тақсим карда шудааст:

(а) уҳдадорӣ барои иҷро, ки дар муддати давра амалӣ мешавад (бандҳои Б2–Б13);

(б) усулҳои арзёбии дараҷаи амалишавии уҳдадорӣ барои иҷро (бандҳои Б14-Б19);

(в) фурӯш бо ҳуқуқи баргардонидан (бандҳои Б20-Б27);

(г) кафолат (бандҳои Б28-Б33);

(ғ) нақши принсипал ё агент (бандҳои Б34-Б38);

(д) опсиони харидор дар робита бо мол ё хизматрасонии иловагӣ (бандҳои Б39-Б43);

(е) ҳуқуқи истифоданашудаи харидор (бандҳои Б44-Б47);

(ё) пардохти аввалияи ҷубронношаванда (ва баъзе хароҷоти марбута) (бандҳои Б48-Б51);

(ж) иҷозатномадиҳӣ (бандҳои Б52-Б63Б);

(з) созишномаи хариди баръакс (бандҳои Б64-Б76);

(и) созишномаҳои таҳвилӣ (бандҳои Б77-Б78);

(й) созишнома дар бораи фурӯш бо пешниҳоди ҳисобнома-фактура ва таҳвили мавқуфгузошташуда (бандҳои Б79-Б82);

(й) қабул тавассути харидор (бандҳои Б83–Б86); ва

(к) ифшои маълумот дар бораи даромад аз фурӯши дақиқшуда (бандҳои Б87-Б89).

## Уҳдадориҳо барои иҷро, ки дар муддати давра иҷро мегарданд

Б2 Бо назардошти банди 35 уҳдадорӣ барои иҷро дар муддати давра иҷро карда мешавад, агар яке аз меъёрҳои зерин қонеъ карда шаванд:

(а) харидор фоидаи ҳамон уҳдадории тавассути корхона иҷрошавандаро ба андозаи иҷрои он дар як давра ба даст овардааст ва истифода намудааст (ба бандҳои Б3-Б4 нигаред);

(б) дар раванди тавассути корхона иҷро гардидани уҳдадориҳои он дороӣ (масалан, истеҳсоли нотамом) таҳия ё беҳсозӣ мешавад, ки назорати онро харидор ҳангоми бунёд ё такмилдиҳии ин дороӣ ба даст меорад (ба банди Б5 нигаред); ё

(в) тавассути корхона иҷро гардидани уҳдадориҳои худ боиси таҳияи дороӣ намегардад, ки корхона метавонад онро барои мақсадҳои дигари ҷойгузин истифода барад (ба банди 36 нигаред) ва дар ин маврид корхона барои гирифтани пардохт бар ивази қисмати кори шартномавии дар давраи ҷорӣ анҷомдодашуда дорои ҳуқуқи қонунан ҳифзшуда мебошад (ба банди 37 нигаред).

### Дар як давра ба даст овардан ва истифода намудани манфиатҳо аз натиҷаи фаъолияти корхона (банди 35(а))

Б3 Дар мавриди баъзе намудҳои уҳдадорӣ барои иҷро, арзёбии ин омил, ки оё харидор аз натиҷаҳои фаъолияти корхона ба андозаи амалишавии он тавассути корхона фоида ба даст меорад ва ҳамон замон чунин фоидаро истифода мебарад, содда хоҳад буд. Ба чунин намунаҳо метавон хизматрасонии муқаррарӣ ё давраина (масалан, хизматрасонии рӯбучин)-ро мансуб донист, ки тибқи чунин хизматрасонӣ ба даст овардан ва истифода намудани манфиатҳои харидор вобаста аз фаъолияти корхона ба осонӣ муайян карда мешавад.

Б4 Дар мавриди дигар намудҳои уҳдадориҳо барои иҷро корхона наметавонад ба осонӣ тавассути харидор қабул ва истифодашавии ҳамзамони манфиатҳои фаъолияти корхонаро дар давраи амалишавӣ муқаррар намояд. Дар чунин ҳолат уҳдадорӣ барои иҷро дар муддати давра амалӣ мегардад, агар корхона ба натиҷае бирасад, ки корхонаи дигар дарвоқеъ маҷбур намебошад, кореро, ки корхона санаи дахлдор анҷом додааст, дубора анҷом диҳад, ба шарте, ки чунин корхонаи дигар

бояд уҳдадории боқимонда барои иҷроро дар назди харидор амалӣ кунад. Ба хулоса омадан метавонад, ки барои корхонаи дигар зарурат вуҷуд надорад кореро дубора анҷом диҳад, ки корхона то давраи дахлдор анҷом додааст ва вобаста ба ин корхона бояд ин ду фарзияи зеринро истифода барад:

(а) маҳдудиятҳои шартномавии билқувва ё маҳдудиятҳои амалие, ки дар акси ҳол ба корхона аз интиқоли уҳдадории боқимонда барои иҷро ба корхонаи дигар монеъ мешаванд, ба назар гирифта нашаванд; ва

(б) фарз карда шавад, ки корхонаи дигар, ки қисмати боқимондаи уҳдадорӣ барои иҷроро амалӣ месозад, аз ягон дороие, ки дар давраи дахлдор тавассути корхона назорат карда мешавад, фоида намебардорад ва агар уҳдадорӣ барои иҷро ба корхонаи дигар интиқол гардида бошад, таҳти назорати он боқӣ мемонад.

### Харидор дороиро ба андозаи бунёд ё такмилёбии он назорат мекунад (банди 35(б))

Б5 Бо муқаррар намудани ин омил, ки оё харидор дороиро тибқи банди 35(б) ба андозаи бунёд ё такмилдиҳии он назорат мекунад, корхона бояд талаботро нисбат ба арзёбии қабули назорат дар бандҳои 31-34 ва 38 татбиқ кунад. Дороие, ки таҳия ё беҳсозӣ мешавад (масалан, дороие, ки истеҳсоли нотамомро ифода мекунад) метавонад моддӣ ё ғайримоддӣ бошад.

### Натиҷаҳои фаъолияти корхона боиси бунёди дорой бо имконияти истифодаи ҷойгузин намегардад (банди 35(в))

Б6 Бо арзёбӣ намудани мавҷудияти имконияти ҷойгузини истифодаи дорой барои корхона тибқи банди 36 корхона бояд таъсири маҳдудиятҳои шартномавӣ ва амалии интихоби озодонаи тарзи дигари истифодаи дорой, масалан, фурӯши он ба харидори дигарро ба инобат гирад. Имконияти қатъ кардани шартнома бо харидор набояд ҳангоми арзёбии имконияти корхона вобаста ба интихоби озодонаи истифодаи дорой ба инобат гирифта шавад.

Б7 Маҳдудияти шартномавӣ имконияти корхона ҷиҳати интихоби тарзи дигари истифодаи дорой бояд муҳим бошад, то ин, ки дорой барои корхона имконияти ҷойгузини истифода надошта бошад. Маҳдудияти шартномавӣ муҳим мебошад, агар харидор битавонад ҳуқуқи худро нисбат ба дороии ваъдашуда амалӣ созад, бо шарте, ки корхона талош дорад тарзи дигари истифодаи дороиро интихоб намояд. Дар ҳолати акс, маҳдудияти шартномавӣ аҳамият надорад, агар масалан, дорой бо дигар дороие иваз карда шавад, ки корхона битавонад бидуни вайрон кардани талаботи шартнома ба дигар харидор интиқол диҳад ва сарфи хароҷоти назаррас, ки дар робита бо чунин шартнома шояд дар ҳолати акс сурат нагирад.

Б8 Маҳдудияти амалии имконияти корхона ҷиҳати интихоби тарзи дигари истифодаи дорой дар ин сурат ҷой дорад, ҳангоме, ки ба корхона дар робита ба интихоби тарзи ҷойгузини истифодаи дорой зарари ҷиддии иқтисодӣ расидааст. Зарари ҷиддии иқтисодӣ метавонад ба миён ояд, агар корхона дар робита ба такмилдиҳии дорой хароҷоти назаррас сарф карда бошад ё имкон дошт дороиро танҳо бо зарари хеле зиёд бифурӯшад. Масалан, корхона метавонад дар қисмати тағйирёбии тарзи истифодаи дороиҳо бо мушаххасоти техникӣ, ки барои харидор нодир мебошанд ё дар минтақаҳои дурдаст ҷойгир шудаанд, маҳдудиятҳои амалӣ дошта бошад.

### Ҳуқуқи гирифтани пардохт барои як қисми кори шартномавӣ, ки дар давраи ҷорӣ анҷом дода шудааст (банди 35(в))

Б9 Тибқи банди 37, корхона барои гирифтани подоши як қисми кори шартномавӣ ҳуқуқ дорад, ки то санаи дахлдор анҷом дода шудааст, агар корхона ба он маблағе ҳуқуқ пайдо намояд, ки ҳадди ақалл кори дар санаи дахлдор анҷомдодашударо, дар мавриди аз ҷониби харидор ё тарафи дигар бо сабабҳои иҷро нагардидани уҳдадориҳои аз уҳдадориҳои шартнома фарқкунанда шартнома қатъ қатъ карда шавад, ҷуброн намояд. Маблағе, ки ба корхона барои иҷрои натиҷаҳои фаъолияти дар санаи дахлдор анҷомдодашуда ҷуброн карда мешавад ин маблағест, ки тақрибан ба нархи фурӯши молу хизматрасонии то санаи дахлдор интиқолшуда (масалан, подоши хароҷоти аз ҷониби корхона ҳангоми иҷрои уҳдадориҳо ҷамъи меъёри фоидаи асоснокшуда сарфгардида), на ба ҷуброни танҳо фоидаи билқувваи аздастдодаи корхона ҳангоми қатъи шартнома, баробар мебошад. Шарт нест, ки ҷуброни меъёри фоидаи асоснокшуда ба меъёри фоидае, ки дар сурати иҷро гардидани ваъдаҳои дар шартнома пешбинишуда интизор меравад, баробар бошад, аммо корхона бояд ба яке аз бузургиҳои зерин ҳуқуқ дошта бошад:

(а) қисми мутаносиби меъёри фоидаи интизоршаванда аз рӯйи шартнома, ки ба таври асоснок натиҷаи фаъолияти корхонаро аз рӯйи шартнома, ки то аз ҷониби харидор (ё тарафи дигар) қатъ гардидан ба анҷом расонидааст, инъикос менамояд; ё

(б) даромади асосноки арзиши сармоявии корхона барои шартномаҳои ҳаммонанд (ё меъёри муқаррарии фоидаи амалиётии корхона барои шартномаҳои ҳаммонанд), агар меъёри фоидаи ба шартнома хос аз даромаде, ки корхона одатан аз рӯйи шартномаҳои ҳаммонанд ба даст меорад, зиёд бошад.

Б10 Зарурат нест, ки ҳуқуқи корхона барои гирифтани пардохт барои иҷрои қисми кори бо шартнома пешбинигардида дар давраи дахлдор, ҳуқуқи мавҷудаи бечунучарои гирифтани подош ба ҳисоб равад. Дар аксари мавридҳо, корхона танҳо пас аз ба итмом расидани марҳилаи муайян ё пурра қонеъ гардидани уҳдадорӣ барои иҷро, ҳуқуқи гирифтани подошро дорад. Ҳангоми арзёбӣ намудани мавҷудияти ҳуқуқи гирифтани подош барои қисми кори иҷрогардида дар давраи дахлдор, корхона бояд таҳлил намояд, ки оё ҳуқуқи аз ҷиҳати қонунӣ ҳифзшавандаро дорад, то ин, ки подоши кори иҷронамударо талаб намояд ё подоши қаблан гирифташударо нигоҳ дорад, агар шартнома то пурра иҷро гардидан, бинобар сабабҳои иҷро нагардидани уҳдадориҳои аз уҳдадориҳои шартнома фарққунанда, қатъ гардида бошад.

Б11 Баъзе шартномаҳо метавонанд ҳуқуқи харидорро барои бекор кардани шартнома танҳо дар вақти дахлдори муҳлати он пешбинӣ намоянд ё чунин ҳуқуқи харидорро умуман пешбинӣ накунанд. Агар харидор ягон амалеро барои бекор намудани шартнома, ки дар он вақт барои бекор намудан ҳуқуқ надорад, ба ҷо орад (аз ҷумла иҷро нагардидани уҳдадориҳо аз ҷониби харидор), шартнома (ё дигар ҳуҷҷати ҳуқуқӣ) метавонад ба корхона ҳуқуқ диҳад, ки ба харидор интиқол намудани молу хизматрасонии ваъдашударо идома диҳад ва аз харидор пардохти подоши бар ивази молу хизматрасонӣ ваъдашударо талаб намояд. Дар чунин ҳолатҳо, корхона ҳуқуқ дорад барои иҷрои қисми кори пешбининамудаи шартнома подош гирад, зеро корхона ҳуқуқ дорад иҷрои уҳдадориҳои худро дар асоси шартнома идома диҳад, инчунин ҳуқуқ дорад иҷрои уҳдадориҳоро аз харидор талаб намояд (ки пардохти подоши ваъдашударо дар бар мегирад).

Б12 Бо арзёбӣ намудани мавҷудият ва амнияти қонунии ҳуқуқи қабули пардохт барои қисмати корҳои шартномавии то давраи дахлдор амалишуда корхона бояд шартҳои шартнома, инчунин қонунгузорӣ ё амсоли ҳуқуқиро, ки метавонанд ин шартҳои шартномаро пурра ё қисман иваз кунанд, баррасӣ намояд. Чунин таҳлил инҳоро дар бар мегирад:

(а) оё қонунгузорӣ, таҷрибаи идоракунӣ ё амсоли ҳуқуқӣ ба корхона ин ҳуқуқро медиҳанд, ки барои қисмате аз кори шартномавии то давраи дахлдор иҷрошуда подош гирад, ҳатто агар чунин ҳуқуқ дар шартнома бо харидор пешбинӣ нашуда бошад;

(б) оё амсоли дахлдори ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки ҳуқуқи ҳаммонанди қабули пардохт барои қисмате аз кори шартномавӣ, ки то давраи дахлдор дар шартномаҳои ҳаммонанд иҷро шудаанд, қувваи қонунии ҳатмӣ надоранд; ё

(в) оё таҷрибаи муқаррарии корхона, ки дар истифода нагардидани ҳуқуқи қабули пардохт ифода мегардад, боиси он шудааст, ки ҳуқуқ дар ин муҳити ҳуқуқӣ аз ҷиҳати қонунӣ ҳифзшуда ҳисобида намешавад. Бо вуҷуди ин, новобаста аз он, ки корхона метавонад тасмим гирад, ки аз ҳуқуқи қабули пардохт дар шартномаҳои ҳаммонанд даст мекашад, корхона мисли қабл дорои ҳуқуқи қабули пардохт барои қисматҳое аз кори шартномавии то давраи дахлдор анҷомёфта хоҳад буд, агар дар шартнома бо харидор ҳуқуқи он барои гирифтани подош бар ивази қисмати корҳои шартномавие, ки то давраи дахлдор анҷом шудаанд, тибқи қонун ҳифзшуда боқӣ монад.

Б13 Ҷадвали пардохт, ки дар шартнома пешниҳод мешавад, ҳатман ба он ишора намекунад, ки оё корхона ҳуқуқи қонунан ҳифзшудаи қабули подошро бар ивази қисмати корҳои шартномавии дар давраи дахлдор анҷомёфта дорад ё надорад. Ҳарчанд ҷадвали пардохт дар шартнома тақсимоти муҳлат ва маблағи ҷубронро, ки бояд аз ҷониби харидор пардохта шавад, муқаррар мекунад, онро наметавон далели ҳатмии ҳуқуқи корхона ҷиҳати пардохти натиҷаҳои фаъолияти то давраи дахлдор анҷомёфта ҳисоб намуд. Ин бо он қайду шарт шудааст, ки масалан, дар шартнома метавонад дарҷ гардида бошад, ки подоши аз харидор гирифташуда метавонад бинобар сабабҳои иҷро нагардидани уҳдадориҳои шартномавии аз корхона фарққунанда баргардонида шавад.

## Усулҳои арзёбии сатҳи уҳдадорӣ барои иҷро

Б14 Усулҳое, ки метавонанд барои арзёбии уҳдадорӣ барои иҷрои корхона тибқи бандҳои 35-37 истифода шаванд, инҳоро дар бар мегиранд:

(а) усули арзёбии натиҷа (ба бандҳои Б15-Б17 нигаред);

(б) усули арзёбии захира (ба бандҳои Б18-Б19 нигаред).

## Усули арзёбии натиҷа

Б15 Усули арзёбии натиҷа эътирофи даромад аз фурӯшро дар асоси арзёбии мустақими арзиши мол ё хизматрасоние, ки то давраи дахлдор ба харидор интиқол шудааст, дар робита ба мол ё хизматрасонии боқимонда, ки тибқи шартнома ваъда шудааст, пешбинӣ менамояд. Усули арзёбии натиҷа чунин усулҳо, аз қабили хулосаи натиҷаҳои фаъолият, ки то давраи дахлдор анҷом ёфтааст, арзёбии натиҷаҳои бадастовардашуда, марҳилаҳои итмомёфта, давраи сипаришуда ва воҳидҳои истеҳсолшуда ё таҳвилшударо дар бар мегиранд. Агар корхона арзёбӣ намояд, ки оё аз усули арзёбии натиҷа барои арзёбӣ намудани пешрафт истифода мекунад ё намекунад, корхона бояд баррасӣ намояд, ки оё натиҷаҳои интихобшуда ба таври воқеӣ фаъолияти корхонаро вобаста ба амалисозии уҳдадорӣ барои иҷро инъикос мекунанд. Усули арзёбии натиҷа инъикоси воқеии фаъолияти корхона нахоҳад буд, агар натиҷаи интихобшуда арзёбии баъзе мол ё хизматрасониеро дар бар нагирад, ки назорати он ба харидор гузаштааст. Масалан, усули арзёбии натиҷае, ки воҳидҳои истеҳсолшуда ё таҳвилшударо мавриди истифода қарор медиҳанд, фаъолияти корхонаро ба таври воқеӣ ҷиҳати амалисозии уҳдадорӣ барои иҷро инъикос намекунанд, агар дар охири давраи ҳисоботӣ истеҳсоли нотамом ё маҳсулоти тайёре, ки дар назорати харидор қарор гирифта, ба арзёбии натиҷаҳо ворид карда нашудаанд, натиҷаи фаъолияти корхона маҳсуб меёбад.

Б16 Ба сифати соддагардонии дорои хусусияти амалӣ, агар корхона ҳуқуқи ҷуброн аз харидор ба маблағеро дошта бошад, ки бевосита бо арзиши харидор аз натиҷаҳои фаъолияти корхона анҷом ёфта, то давраи дахлдор мувофиқат дорад (масалан, шартномаи хизматрасонӣ, ки дар он корхона ҳисобномаро бо маблағи собитшуда барои ҳар як соати хизматрасонӣ пешниҳод мекунад) маблағи барои ҳар соати хизматрасонии пешниҳодшуда пешниҳод мекунад), корхона метавонад даромад аз фурӯшро ба ҳамон маблағе эътироф намояд, ки корхона ҳуқуқ дорад ҳисобнома-фактураро пешниҳод намояд.

Б17 Камбудии усулҳои натиҷа ин аст, ки натиҷаҳои мавриди истифода барои арзёбии пешрафт метавонад мустақиман қобили мушоҳида набошад ва корхона метавонад натавонад маълумоти заруриро барои татбиқи онҳо бидуни хароҷоти зиёдатӣ ба даст орад. Бинобар ин метавонад истифодаи усули захираҳо талаб карда шавад.

## Усули арзёбии захира

Б18 Усули арзёбии захира эътирофи фоидаро дар асоси кушишҳои корхона барои амалишавии уҳдадорӣ барои иҷро ё захираҳои барои иҷрои ин амал сарфшударо (масалан, захираҳои истеъмолшуда, вақти корӣ, хароҷоти сарфшуда, вақти сипаришуда ё муҳлати истифодаи дастгоҳ) нисбат ба захираҳои умумии интизорбудае, ки барои иҷрои чунин уҳдадорӣ сарф мешаванд, пешбинӣ менамояд. Агар талошҳо ё захираҳои корхона дар давраи амалишавии уҳдадорӣ барои иҷро ба таври баробар тақсим карда шаванд, корхона метавонад даромад аз фурӯшро тибқи усули хаттӣ эътироф намояд.

Б19 Камбудии усули захира эҳтимолан ин бошад, ки байни захираҳои мавриди истифодаи корхона ва интиқоли назорати мол ё хизматрасонӣ ба харидор ҳеҷ гуна робитаи мустақим вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, ҳангоми татбиқи усули захира корхона бояд таъсири захираҳои мавриди истифодаро истисно кунад, ки мувофиқи мақсади арзёбии сатҳи амалишавии дар банди 39 зикршуда натиҷаҳои фаъолияти корхонаро вобаста ба интиқоли назорати мол ё хизматрасонӣ ба харидор инъикос намекунанд. Масалан, дар сурати истифодаи усуле, ки ба хароҷоти воқеӣ асос ёфтааст, арзиши воқеӣ истифода бурда шавад, метавонад тасҳеҳи арзёбии сатҳи амалишавӣ дар ҳолатҳои зерин талаб карда шавад:

(а) ҳангоме, ки хароҷоти сарфшуда ба дастовардҳои сатҳи мавҷудаи амалишавии уҳдадорӣ барои иҷрои корхона мусоидат накарда бошад. Масалан, корхона даромад аз фурӯшро дар асоси хароҷоти сарфшуда, ки бо ғайрисамаранокии ҷиддии фаъолияти корхона вобаста буда, дар нархи шартнома инъикос наёфтааст, эътироф намекунад (масалан, арзиши хароҷоти пешбининашуда, ки бо сарфаи зиёди ғайриистеҳсолии мавод, захираҳои меҳнатӣ ва дигар захираҳо вобаста буда, барои амалишавии уҳдадорӣ барои иҷро истифода гардидааст).

(б) ҳангоме, ки хароҷоти сарфшуда ба сатҳи дастёфтаи корхона ҷиҳати амалишавии уҳдадорӣ барои иҷро номутаносиб мебошад. Дар чунин ҳолат инъикоси созгори натиҷаҳои фаъолияти корхона метавонад тасҳеҳи усули захира бо мақсади эътирофи даромад аз фурӯш танҳо ба андозаи чунин хароҷоти сарфшуда бошад. Масалан, инъикоси воқеии фаъолияти корхона вобаста ба амалишавии уҳдадорӣ барои иҷро метавонад эътирофи даромад аз фурӯш дар маблағи баробар ба хароҷоти воқеии моле бошад, ки барои

амалишавии уҳдадорӣ барои иҷро истифода мегардад, агар дар мавриди бастани шартнома корхона интизории амалишавии ҳама шартҳои дар зер зикршударо дошта бошад:

(i) мол фарққунанда намебошад;

(ii) интизор меравад харидор назорати назарраси молро пеш аз хизматрасонӣ ба мол ба даст орад;

(iii) хароҷоти воқеӣ дар робита бо моли интиқолшуда дар мқоиса бо хароҷоти эҳтимолии умумии амалишавии уҳдадорӣ барои иҷро ба таври пурра муҳим мебошад; ва

(iv) корхона аз тарафи сеюм молро харида, дар таҳия ва истеҳсоли мол саҳми назаррас намегузорад (вале корхона тибқи бандҳои Б34- Б38 ба сифати принсипал амал мекунад).

## Фурӯш бо ҳуқуқи бозгашт

Б20 Дар баъзе шартномаҳо корхона назорати маҳсулотро ба харидор медиҳад ва инчунин ба харидор ҳуқуқ медиҳад, ки маҳсулотро бо сабабҳои гуногун (масалан, норизоият аз маҳсулот) пас баргардонад ва таркибе аз маводи зеринро ба даст орад:

(а) ба таври пурра ё қисман бозпардохт кардани ҳама гуна маблағ;

(б) тарҳе, ки имкон дорад нисбат ба маблағи хоси корхона ё маблағе, ки бояд ба корхона пардохта мешавад, истифода шавад;

(в) моли дигар бар ивази моли пасбаргашта.

Б21 Барои баҳисобгирии интиқоли маҳсулот бо ҳуқуқи бозгашт (инчунин барои баҳисобгирии баъзе хизматрасониҳое, ки дорои шарти бозгашт мебошанд) корхона бояд ин ҳама дар зер номбаршударо эътироф намояд:

(а) даромад аз фурӯши маҳсулоти интиқолшуда ба андозаи ҷуброне, ки корхона интизор аст ба он ҳуқуқ пайдо намояд (аз ин рӯ, даромад аз фурӯш дар робита ба маҳсулоте, ки эҳтимолан баргардонида мешавад, эътироф намегардад);

(б) уҳдадорӣ дар робита ба бозгашти воситаҳо; ва

(в) дороӣ (ва тасҳеҳи мувофиқ ба арзиши аслии фурӯш) дар робита ба ҳуқуқи гирифтани маҳсулот аз харидорон ҳангоми иҷрои уҳдадории марбут ба бозгашти воситаҳо.

Б22 Ваъдаи корхона дар боби қарор доштан дар ҳолати омодагии қабули моли бозгашта дар муддати давраи муқарраршудаи бозгашт набояд ҳамчун уҳдадорӣ барои иҷро барилова ба уҳдадории марбут ба бозгашти воситаҳо ба инобат гирифта шавад.

Б23 Корхона бояд талаботи бандҳои 47-72 (аз ҷумла, талаботи марбут ба маҳдуд кардани арзёбии ҷуброни тағйирёбандаи дар бандҳои 56-58 зикршуда)-ро барои муқаррар намудани маблағи ҷубронпулие, ки корхона ба он ҳуқуқ дошта, интизор аст ба даст оварад (яъне ба истисноӣ ҷубронпулӣ бар ивази моле, ки эҳтимолан баргардонида мешавад), татбиқ кунад. Ҳангоми интиқоли мол ба харидорон корхона набояд маблағи бадастовардашуда (ё маблағи мавриди қабул)-ро, ки ҳуқуқи ба даст овардани он аз эҳтимол дур аст, ба сифати даромад аз фурӯш эътироф намояд. Бар ивази ин, чунин маблағ бояд ҳамчун уҳдадории марбут ба бозгашти воситаҳо эътироф карда шавад. Минбаъд, дар охири ҳар як давраи ҳисоботӣ корхона бояд арзёбии маблағеро, ки интизор аст бар ивази моли интиқолёфта ба он ҳуқуқ пайдо намояд, тасҳеҳ карда, ба таври дахлдор нархи амалиёт ва мутаносибан маблағи даромад аз фурӯши эътирофшударо низислоҳ кунад.

Б24 Корхона бояд арзёбии уҳдадории марбут ба бозгашти воситаҳоро дар охири ҳар як давраи ҳисоботӣ, бо назардошти тағйирёбии эҳтимолияти маблағе, ки бояд баргардад, тасҳеҳ кунад. Корхона бояд тасҳеҳоти мувофиқро ҳамчун даромад аз фурӯш (ё коҳишёбии даромад аз фурӯш) эътироф намояд.

Б25 Дороие, ки дар робита ба ҳуқуқи корхона ҷиҳати бозгашти мол аз ҷониби харидор ҳангоми иҷрои уҳдадории марбут ба бозгашти восита эътироф шудааст, бояд дар ибтидо дар асоси арзиши тавозунии қаблии мол (масалан, захираҳо) бо тарҳи ҳама гуна хароҷоти эҳтимолӣ, ки бо гирифтани чунин мол вобаста мебошад (аз ҷумла, коҳишёбии билқувваи арзиши моли бозгашта барои корхона) арзёбӣ карда шавад. Дар охири ҳар як давраи ҳисоботӣ корхона бояд арзёбии дороиро дар натиҷаи тағйирёбии интизориҳо дар мавриди моли бозгардонидашуда тасҳеҳ кунад. Корхона бояд чунин дороиро ба таври алоҳида аз уҳдадории марбут ба бозгашти воситаҳо пешниҳод намояд.

Б26 Мубодилаи як мол аз ҷониби харидор ба дигар моли ҳамин намуд, сифат, ҳамин гуна ҳолат ва бо ҳамин нарх (масалан, моли якранг ё андоза ба чунин мол, вале дорои ранг ё андозаи дигар) бо мақсади татбиқи Стандарти мазкур бозгашт ба ҳисоб намеравад.


© Фонди СБҲМ

Б27 Шартномаҳое, ки тибқи он харидор метавонад моли ноқисро ба моли бенуқсон иваз кунад, бояд мутобиқи дастур дар бораи баҳисобгирии кафолат, ки дар бандҳои Б28-Б33 зикр ёфтааст, таҳлил карда шаванд.

## Кафолат

Б28 Корхона аксар вақт (мутобиқ бо шартнома, санади қонунгузорӣ ё амалияи муқаррарии корӣ) вобаста ба фурӯши маҳсулот (хоҳ мол аст ё хизматрасонӣ) кафолат медиҳад. Хусусияти кафолат вобаста аз соҳа ё шартнома метавонад ба таври назаррас фарқ кунад. Баъзе кафолатҳо ҳамчун воситаи таъминот барои харидор амал мекунанд, ки маҳсулоти дахлдор тибқи шартҳои тавассути тарафҳо мувофиқашуда мавриди амал хоҳад буд, зеро он ба мушаххасоти мувофиқашуда мутобиқат мекунад. Дигар кафолатҳо барилова ба ин ба харидор инчунин хизматрасонии мушаххасро пешниҳод мекунанд.

Б29 Агар харидор ҳуқуқи гирифтани кафолатро ба таври алоҳида дошта бошад (масалан, бо он сабабе, ки нархи кафолат ба таври алоҳида муқаррар мешавад ё агар кафолат ба таври алоҳида қайду шарт шавад), кафолат хизматрасонии алоҳида маҳсуб меёбад, зеро корхона ваъда медиҳад, ки хизматрасониро ба харидор барилова ба маҳсулоте пешниҳод мекунад, ки дорои хусусиятҳои вазифавӣ буда, дар шартнома тавсиф шудааст. Дар чунин ҳолат корхона бояд кафолати ваъдашударо тибқи бандҳои 22-30 ҳамчун уҳдадорӣ барои иҷро ҳисоб кунад ва қисмати нархи амалиётро мувофиқи бандҳои 73-86 ба чунин уҳдадорӣ барои иҷро тақсим намояд.

Б30 Агар харидор ҳуқуқи гирифтани кафолатро ба таври алоҳида надошта бошад, корхона бояд кафолатро тибқи СББМ 37 *“Уҳдадориҳои арзёбишаванда, уҳдадориҳои шартӣ ва дороиҳои шартӣ”* ба инобат гирад, ба истиснои мавриде, ки кафолати ваъдашуда ё қисмати кафолати ваъдашуда барилова ба ин, ки василае барои итминон аз мутобиқати маҳсулот бо мушаххасоти мувофиқашуда мебошад, ки ба харидор хизматрасонии мушаххасро фароҳам меорад.

Б31 Ҳангоми арзёбии ин омил, ки оё кафолат ба харидор хизматрасониро барилова бар он, ки воситаи таъминоте маҳсуб меёбад, ки маҳсулот ба мушаххасоти мувофиқашуда ҷавобгӯй мебошад, мерасонад, корхона бояд омилҳои зеринро ба инобат гирад:

(а) оё пешниҳоди кафолат тавассути қонунгузорӣ талаб мешавад - агар қонунгузорӣ аз корхона пешниҳоди кафолатро талаб кунад, мавҷудияти чунин талаботи қонунгузорӣ онро нишон медиҳад, ки кафолати ваъдашуда уҳдадорӣ барои иҷро намебошад, зеро ин талабот маъмулан барои ҳимояи харидорон аз хавфи ба даст овардани маҳсулоти ноқис истифода мегардад.

(б) давраи кафолат - давраи кафолат ҳар он миқдоре, ки дарозтар бошад, ҳамон қадар эҳтимолияти уҳдадорӣ барои иҷро будани кафолати ваъдашуда зиёдтар мебошад, зеро илова бар ин, ки он воситаи таъминот барои итминон аз мувофиқати маҳсулот ба мушаххасот ба ҳисоб меравад, имкони пешниҳоди хизматрасонӣ низ бештар мебошад.

(в) хусусияти вазифаҳое, ки корхона ваъдаи анҷоми онҳоро медиҳад - агар барои корхона анҷом додани вазифаҳои муайян ҷиҳати таъмини мутобиқати маҳсулот ба мушаххасоти мувофиқашуда зарур бошад (масалан, хизматрасонӣ ҷиҳати ҳамлу нақли маҳсулоти ноқис дар сурати бозгашти он), он гоҳ эхтимол вуҷуд дорад, ки чунин вазифаҳо дар бавуҷудоии уҳдадорӣ барои иҷро боис мешаванд.

Б32 Агар кафолат ё як қисмати кафолат ба харидор, илова ба ин, ки воситаи таъминоти ин омил, ки маҳсулот ба мушаххасоти мувофиқашуда ҷавобгӯй мебошад, барои харидор хизматрасониро фароҳам меорад, хизматрасонии ваъдашуда уҳдадорӣ барои иҷро ба ҳисоб меравад. Ҳамин тариқ, корхона бояд нархи амалиётро ҳам ба маҳсулот ва ҳам ба хизматрасонӣ тақсим намояд. Агар корхона ҳам кафолат-мутобиқат ва ҳам кафолат-хизматрасониро ваъда дода, вале ба таври асоснок онҳоро ба таври алоҳида ҳисоб карда натавонад, корхона бояд ҳарду кафолатро ҳамроҳ ҳамчун уҳдадории ягонаи мавриди иҷро ба инобат гирад.

Б33 Санади қонунгузорие, ки корхонаро уҳдадор месозад дар сурати расонидани осеб ё зарар ба маҳсулоти он ҷубронро талофӣ кунад, бавуҷудоии уҳдадорӣ барои иҷроро қайду шарт намекунад. Масалан, истеҳсолкунанда метавонад маҳсулотро дар доираи як мавриди қонунгузорӣ фурӯшад, ки дар он тибқи қонун истеҳсолкунанда барои ҳама гуна зарар (масалан, ба моликияти шахсӣ) масъулият дорад, ки метавонад дар натиҷаи тавассути истеъмолкунанда мувофиқи таъинот истифода бурдани маҳсулот расонида шавад. Ба ҳамин монанд, ваъдаи корхона вобаста ба талофӣ кардани ҷуброни уҳдадориҳо ва зараре, ки тавассути даъвоҳои тарафи сеюм дар робита ба вайрон кардани маҳсулоти он аз патент, ҳуқуқи муаллифӣ, ҳуқуқ ба тамғаҳои молӣ, инчунин дар робита бо дигар вайронкуниҳо ба вуҷуд омадааст, бавуҷудоии уҳдадорӣ барои иҷроро қайду шарт намекунад. Корхона бояд чунин уҳдадориҳоро тибқи СББМ 37 ба инобат гирад.

## Нақши принсипал ё агент

Б34 Дар чунин мавридҳо, ҳангоме, ки тарафи дигар дар пешниҳоди мол ё хизматрасонӣ ба харидор иштирок мекунад, корхона бояд муқаррар намояд, ки моҳияти ваъдаи он аз чӣ иборат аст: оё корхона уҳдадор аст худ ин мол ё хизматрасониро пешниҳод намояд (яъне корхона принсипал мебошад) ё он уҳдадор аст худ пешниҳоди ин мол ё хизматрасониро ташкил кунад (яъне корхона ба сифати агент амал мекунад). Корхона муайян мекунад, ки оё он дар робита ба ҳар кадом мол ё хизматрасонии қайду шартшуда, ки ба харидор ваъда шудааст, принсипал ё агент мебошад. Мол ё хизматрасонии қайду шартшуда ин мол ё хизматрасонии фарққунанда (ё бастаи мол ё хизматрасонии фарққунанда) мебошад, ки бояд ба харидор пешниҳод карда шавад (ба бандҳои 27–30 нигаред). Агар шартнома бо харидор якчанд мол ё хизматрасонии қайду шартшударо дар бар гирад, корхона метавонад дар робита ба баъзе мол ё хизматрасонии қайду шартшуда ба сифати принсипал ва нисбат ба дигар мол ё хизматрасонии қайду шартшуда ҳамчун агент амал кунад.

Б34А Барои муқаррар намудани хусусияти ваъдаи худ (чӣ тавре, ки дар банди Б34 тавсиф шудааст), корхона бояд:

(а) мол ё хизматрасонии қайду шартшударо, ки бояд ба харидор пешниҳод карда шавад, муқаррар намояд (масалан, мол ё хизматрасонии қайду шартшуда, ки метавонад ҳуқуқ ба мол ё хизматрасоние бошад, ки бояд тарафи дигар пешниҳод гардад (ба банди 26 нигаред)); ва

(б) арзёбӣ намояд, ки оё он ҳар кадом мол ё хизматрасонии қайду шартшударо то мавриди интиқол ёфтани мол ё хизматрасонии мазкур ба харидор назорат мекунад (тавре ки дар банди 33 тавсиф шудааст).

Б35 Агар корхона мол ё хизматрасонии қайду шартшударо то мавриди интиқол ёфтани мол ё хизматрасонии мазкур ба харидор назорат кунад, он принсипал маҳсуб меёбад. Аммо, корхона уҳдадор нест, ки моли қайду шартшударо ҳатман назорат кунад, агар он ҳуқуқи соҳибмулкиро ба мол бевосита пеш аз интиқол шудани ҳуқуқ ба харидор ба даст оварда бошад. Корхонае, ки принсипал мебошад, метавонад уҳдадорӣ барои иҷрои худро вобаста ба пешниҳоди мол ё хизматрасонии қайду шартшуда иҷро кунад ё тарафи дигарро (масалан, зерпудратчӣ) барои иҷрои қисмати ин уҳдадорӣ барои иҷро ё тамоми он аз номи корхона ҷалб кунад.

Б35А Дар мавриди ҷалби тарафи дигар барои пешниҳоди мол ё хизматрасонӣ ба харидор корхонае, ки принсипал мебошад, назорати яке аз ҷанбаҳои зеринро ба даст меорад:

(а) мол ё дигар дороии тарафи дигар, ки минбаъд ба харидор интиқол медиҳад;

(б) ҳуқуқ пешниҳоди хизматрасонӣ тавассути тарафи дигар ба корхона имкон медиҳад, то ба тарафи дигар дастур диҳад, ки чунин хизматрасониро аз номи корхона ба харидор пешниҳод намояд;

(в) мол ё хизматрасонии тарафи дигар, ки минбаъд бо дигар мол ё хизматрасонӣ онро ҳангоми пешниҳоди мол ё хизматрасонии қайду шартшуда ба харидор муттаҳид мекунад. Масалан, агар корхона хизматрасонии қобили таваҷҷуҳро вобаста ба ҳамгироии мол ё хизматрасонии (ба банди 29(а) нигаред) пешниҳодшуда тавассути тарафи дигар дар мол ё хизматрасонии қайду шартшуда, ки харидор барои он шартнома бастааст, анҷом диҳад, корхона мол ё хизматрасонии қайду шартшударо то мавриди интиқоли чунин мол ё хизматрасонӣ ба харидор назорат мекунад. Ин омил чунин шарт шудааст, ки корхона дар ибтидо назорати манбаҳои аввалаи мол ё хизматрасонии қайду шартшударо ба даст оварда (манбаҳое, ки мол ё хизматрасонии тарафҳои дигарро дар бар мегирад), тарзҳои истифодаи онҳоро вобаста ба эҷоди натиҷаи умумӣ, ки мол ё хизматрасонии қайду шартшуда мебошад, муайян мекунад.

Б35Б Ҳангоме, ки (ё ба он андоза, ки) уҳдадорӣ барои иҷро амалӣ мегардад, корхонае, ки принсипал маҳсуб меёбад, даромад аз фурӯшро дар маблағи умумии ҷуброне, ки ҳуқуқ ба онро эҳтимолан корхона бар ивази мол ё хизматрасонии интиқолшуда ба даст меоварад, эътироф менамояд.

Б36 Корхона агент маҳсуб меёбад, агар уҳдадорӣ барои иҷро, ки он қабул намудааст, ба корхона пешниҳод гардидани мол ё хизматрасонии қайду шартшударо тавассути тарафи дигар ифода кунад. Корхонае, ки агент маҳсуб меёбад, мол ё хизматрасонии қайду шартшударо, ки тавассути тарафи дигар пешниҳод шудааст, то он мавриде, ки чунин мол ё хизматрасонӣ ба харидор интиқол дода нашавад, назорат намекунад. Даврае (ё ба ин ҳадд), ки уҳдадорӣ барои иҷро амалӣ мешавад, корхонае, ки агент маҳсуб меёбад, даромад аз фурӯшро ба андозаи подошпулӣ ё ҳаққи хизматрасонӣ эътироф менамояд, ки интизор дорад ҳуқуқ ба онро бар ивази ташкили пешниҳоди мол ё хизматрасонии қайду шартшуда аз ҷониби тарафи дигар ба даст меоварад. Подошпулӣ ё ҳаққи хизматрасонии корхона метавонад подошпулии софро ифода кунад, ки корхона онро пас аз


© Фонди СБҲМ

пардохти ҷуброн ба тарафи дигар бар ивази мол ё хизматрасоние, ки тавассути тарафи дигар бояд пешниҳод гардад, нигоҳ медорад.

Б37 Нишондиҳандаҳое, ки корхона мол ё хизматрасонии қайду шартшударо пеш аз интиқоли он ба харидор назорат мекунад (ва аз ин рӯ, принсипал маҳсуб мeёбад (ба банди Б35 нигаред)), аз ҷумла, инҳоро дар бар мегиранд:

(а) корхона барои иҷрои ваъдаи худ вобаста ба пешниҳоди мол ё хизматрасонии қайду шартшуда масъулияти асосӣ дорад. Одатан, ин масъулият мувофиқати мол ё хизматрасонии қайду шартшударо дар бар мегирад (масалан, масъулияти асосӣ барои мутобиқати мол ё хизматрасонӣ ба талаботи харидор). Агар корхона барои иҷрои ваъдаи марбут ба пешниҳоди мол ё хизматрасонии қайду шартшуда масъулияти асосӣ дошта бошад, ин метавонад нишон диҳад, ки тарафи дигари пешниҳоди мол ё хизматрасонии қайду шартшуда аз номи корхона амал мекунад.

(б) корхона то он мавриде, ки мол ё хизматрасонии қайду шартшуда ба харидор интиқол карда мешавад ё баъд аз гузаштани назорат ба харидор ба хавф аз беқурбшавии захираҳо дучор мешавад (масалан, агар харидор ҳуқуқи бозгардониданро дошта бошад). Масалан, агар корхона пеш аз бастани шартнома бо харидор мол ё хизматрасонии қайду шартшударо қабул кунад ё ба даст оварад, ин метавонад нишон диҳад, ки корхона имконияти муқаррар намудани тарзи истифодаи чунин мол ё хизматрасонӣ ва қабули комили тамоми манфиатҳои боқимондаро аз он, пеш аз он, ки ба харидор интиқол дода шавад, дорад.

(в) корхона ҳуқуқ дорад ба таври мустақилона нархи маҳсулот ё хизматрасонии мувофиқашударо муқаррар намояд. Имконияти муқаррар кардани нархе, ки харидор барои мол ё хизматрасонии қайду шартшуда пардохт мекунад, метавонад дар корхона мавҷуд будани имконияти муқаррар намудани тарзи истифодаи чунин мол ё хизматрасонӣ ва қабули комили тамоми манфиатҳои боқимондаро нишон диҳад. Аммо, дар баъзе маврид агент метавонад ҳуқуқ дошта бошад, ки ба таври мустақил нархро муқаррар кунад. Масалан, агент метавонад ҳангоми муқаррар кардани нарх, бо мақсади тавлиди даромад аз фурӯши иловагӣ аз хизматрасонии корхона вобаста ба ташкили пешниҳоди мол ё хизматрасони ба харидорон аз ҷониби тарафи дигар баъзе мустақилият дошта бошад.

Б37А Вобаста аз хусусияти мол ё хизматрасонии қайду шартшуда, инчунин вобаста аз шартҳои шартнома нишонаҳое, ки дар банди Б37 номбар шудаанд, метавонад барои арзёбии назорат ба андозаи бештар ё камтар мувофиқ бошанд. Илова бар ин, дар шартномаҳои гуногун нишонаҳои гуногун метавонанд ба ҳайси далелҳои боварибахш хизмат кунанд.

Б38 Корхона набояд дар робита ба уҳдадорӣ барои иҷро даромад аз фурӯшро эътироф намояд, агар тарафи дигар уҳдадорӣ барои иҷроро қабул карда, ҳуқуқҳои тибқи шартнома пешбинишудаи корхонаро ба даст орад, ки дар натиҷа ин корхона дигар дар робита ба интиқоли мол ё хизматрасонии қайду шартшуда ба харидор масъулияти амалисозии уҳдадорӣ барои иҷроро ба дӯш надорад (яъне корхона дигар ба сифати принсипал баромад намекунад). Бар ивази ин, корхона бояд зарурати эътирофи даромад аз фурӯшро дар робита бо амалисозии уҳдадорӣ барои иҷро ҷиҳати бастани шартнома барои тарафи дигар арзёбӣ намояд (яъне, оё корхона ба сифати агент амал мекунад).

## Опсионҳои марбут бо мол ё хизматрасонии иловагӣ, ки ба харидор пешниҳод гардидаанд

Б39 Опсионҳои пешниҳодшуда ба харидорон барои хариди мол ё хизматрасонии иловагӣ ба сурати ройгон ё бо тахфиф бо шаклҳои гуногун, аз ҷумла, воситаҳои ҳавасмандкунии фурӯш, холҳои подоши иловагӣ (ё воҳидҳо), ки ба харидор дода мешаванд, ҳуқуқи тамдиди шартнома ё тахфифҳои дигар барои мол ё хизматрасонии минбаъда ироа карда мешаванд.

Б40 Агар шартнома тавассути корхона ба харидор пешниҳод гардидани опсион барои хариди мол ё хизматрасонии иловагиро пешбинӣ карда бошад, пас опсиони мазкур бавуҷудоии уҳдадорӣ барои иҷроро дар шартнома танҳо дар ин сурат қайду шарт мекунад, агар он ба харидор ҳуқуқи назаррасеро пешниҳод намояд, ки харидор бидуни мавриди бастани шартнома ба даст оварда наметавонист (масалан, ҳуқуқи тахфифи пешниҳодшуда барилова ба маҷмӯи тахфифҳое, ки умуман дар робита ба чунин мол ё хизматрасонӣ ба гурӯҳи муайяни харидорон дар як минтақа ё дар ҳамон як бозор пешниҳод мешаванд). Агар опсион ба харидор ҳуқуқи назаррасро фароҳам орад, харидор барои мол ё хизматрасоние, ки дар оянда интиқол дода мешавад, ба корхона пешпардохт ироа медиҳад ва бинобар ин, корхона даромад аз фурӯшро танҳо дар ин сурат эътироф менамояд, ҳангоме, ки чунин мол ё хизматрасонӣ интиқол мегардад ё муҳлати амали опсион фаро мерасад.

Б41 Агар харидор дорои опсион барои хариди мол ё хизматрасонии иловагӣ бо нархе бошад, ки арзиши фурӯши мустақили ин мол ё хизматрасониро инъикос мекунад, чунин опсион ба харидор ҳуқуқи муҳимро, ҳатто дар ин сурат, агар опсион метавонад танҳо дар натиҷаи бастани шартномаи қаблӣ иҷро гардад, намедиҳад. Дар чунин маврид корхона дар шакли маркетинг пешниҳод ироа кардааст, ки он бояд тибқи стандарти мазкур танҳо дар ин сурате баррасӣ карда шавад, ҳангоме, ки харидор опсион барои хариди мол ё хизматрасонии иловагиро мавриди иҷро қарор медиҳад.

Б42 Тибқи банди 74 корхона бояд нархи амалиётро байни уҳдадориҳо барои иҷро дар асоси нархи нисбии фурӯши мустақили онҳо тақсим намояд. Агар нархи фурӯши мустақили опсион барои хариди мол ё хизматрасонии иловагӣ, ки ба харидор пешниҳод гардидааст, мустақиман мушоҳидашаванда маҳсуб наёбад, корхона бояд онро арзёбӣ намояд. Чунин арзиш бояд тахфиферо инъикос намояд, ки харидор эҳтимолан дар сурати амалӣ шудани опсион ба даст меорад ва бо дар назар гирифтани мавридҳои зерин тасҳеҳ мешавад:

(а) ҳама гуна тахфифҳое, ки харидор шояд бидуни иҷрои опсион ба даст меоварd; ва

(б) эҳтимолияти амалишавии опсион.

Б43 Агар харидор ҷиҳати дар оянда ба даст овардани мол ё хизматрасонӣ ҳуқуқи назаррас дошта, онҳо ба мол ё хизматрасонии дар шартномаи аввалия пешбинишуда монанд бошанд ва мувофиқи шартҳои ин шартнома пешниҳод карда шаванд, он гоҳ корхона ҳуқуқ дорад (ба сифати ҷойгузини амалии арзёбии нархи фурӯши мустақили опсион) нархи амалиётро ба мол ё хизматрасонии иловагие, ки опсион дар бар мегирад, дар асоси ҳаҷми мол ё хизматрасонии мавриди интизор барои пешниҳод ва ҷуброни дахлдори мавриди интизор тақсим намояд. Одатан, чунин намуди опсионҳо барои тамдиди шартнома пешниҳод карда мешаванд.

## Ҳуқуқҳои амалинашудаи харидор

Б44 Тибқи банди 106, пас аз қабули пешпардохт аз харидор корхона бояд уҳдадории шартномавиро дар робита ба амалисозии уҳдадорӣ барои иҷро, ки дар интиқол ё омодагӣ ба пешниҳоди мол ё хизматрасонӣ дар оянда ифода мегардад, ба андозаи пешпардохти қабулгардида эътироф намояд. Корхона бояд ҳангоми интиқоли ин мол ё хизматрасонӣ эътирофи уҳдадории шартномавиро қатъ карда (ва даромад аз фурӯшро эътироф намояд), дар ин баробар уҳдадорӣ барои иҷроро амалӣ созад.

Б45 Пешпардохти ғайриқобили бозгашт, ки аз харидор гирифта шудааст, ба харидор ҳуқуқи ба даст овардани мол ё хизматрасониро дар оянда медиҳад (ва ба зиммаи корхона уҳдадории омода будан ба интиқоли мол ё хизматрасониро мегузорад). Бо вуҷуди ин, харидорон наметавонанд тамоми ҳуқуқҳои шартномавии худро истифода баранд. Чунин ҳуқуқҳои татбиқнашуда одатан ҳамчун «ҳуқуқҳои талабнашуда» номида мешаванд.

Б46 Агар корхона интизор бошад, ки ҳуқуқи маблағи қисми талабнашудаи ба таркиби уҳдадории шартномавӣ воридшавандаро ба даст оварад, пас корхона бояд маблағи пешбинишудаи қисми талабнашударо мутаносибан ба он, чӣ гуна ҳуқуқи харидор татбиқ мешавад, ба сифати даромад аз фурӯш эътироф намояд. Агар корхона интизор набошад, ки ҳуқуқи маблағи қисми талабнашудаеро, ки ба таркиби уҳдадории шартномавӣ ворид мешавад, ба даст оварад, пас корхона бояд маблағи пешбинишудаи қисми талабнашударо мутаносибан ба он, чӣ гуна ҳуқуқ тавассути харидор татбиқ мешавад, ҳамчун даромад аз фурӯш танҳо дар ин сурат, ҳангоме, ки татбиқи ҳуқуқи боқимонда тавассути харидор камэҳтимол мегардад, эътироф намояд. Барои муқаррар намудани ин омил, оё корхона интизор аст ҳуқуқ ба қабули маблағи қисми талабнашударо ба даст оварад, корхона бояд талаботи бандҳои 56-58-ро нисбат ба маҳдудияти арзёбии ҷуброни тағйирёбанда баррасӣ намояд.

Б47 Корхона бояд уҳдадориро (вале на даромад аз фурӯш) дар робита ба ҳама гуна ҷуброни қабулгардидаи марбут ба ҳуқуқи татбиқнашудаи харидор, ки корхона бояд ба тарафи дигар интиқол диҳад, эътироф намояд, масалан, корхонаи давлатӣ, мутобиқ бо санадҳои қонунгузории амалкунанда дар бораи амволи талабнашуда .

## Пардохти аввалияи ҷуброннашаванда (ва баъзе хароҷоти алоқаманд)

Б48 Тибқи баъзе шартномаҳо дар мавриди бастани шартнома ё мавриди ба он наздик харидорон ба корхона пардохти аввалияи ҷуброннашавандаро мепардозанд. Намунаҳои чунин пардохтҳо аъзоҳаққиҳои вурудӣ, ки дар шартномаҳо дар бораи узвият дар бошгоҳи варзишӣ ва саломатӣ пешбинӣ шудаанд, пардохт барои фаъолсозӣ дар шартномаҳое, ки бо корхонаҳои соҳаи воситаи мухобиротӣ баста мешаванд, пардохтҳои роҳандозӣ дар баъзе шартномаҳои хизматрасонӣ ва пардохтҳои аввалия дар баъзе шартномаҳои таҳвилро дар бар мегиранд.

Б49 Барои мушаххас кардани уҳдадорӣ барои иҷро дар чунин шартномаҳо корхона бояд арзёбӣ намояд, ки оё чунин подошпулӣ ба интиқоли мол ё хизматрасонии ваъдашуда мансуб мебошад ё намебошад. Дар аксари маврид, новобаста аз он, ки пардохти аввалияи ҷуброннашаванда ба фаъолияте дахл дорад, ки корхона бояд дар мавриди бастани шартнома ё мавриди ба он наздик барои иҷрои шартнома анҷом диҳад, чунин фаъолият боиси интиқоли мол ё хизматрасонии ваъдашуда ба харидор намегардад (ба банди 25 нигаред). Бар ивази ин, пардохти аввалия пешпардохти мол ё хизматрасоние мебошад, ки дар оянда бояд интиқол гардад ва аз ин рӯ, ҳангоми интиқоли мол ё хизматрасонӣ бояд ба сифати даромад аз фурӯш эътироф карда шавад. Муҳлати эътирофи даромад аз фурӯш нисбат ба давраи аввалияи шартномавӣ идомаёбанда хоҳад буд, агар корхона ба харидор опсион барои тамдиди шартномаро пешниҳод намояд ва ин опсион ба харидор ҳуқуқи муҳимеро фароҳам меорад, ки дар банди Б40 тавсиф шудааст.

Б50 Агар пардохти аввалияи ҷуброннашаванда ба мол ё хизматрасонӣ таалluқ дошта бошад, корхона бояд мувофиқи бандҳои 22-30 зарурати баҳисобгирии чунин мол ё хизматрасониро ба сифати уҳдадории алоҳида барои иҷро арзёбӣ намояд.

Б51 Корхона имкон дорад пардохти маблағи ҷуброннашавандаро бо мақсади подоши хароҷоте, ки ҳангоми бастани шартнома (ё дигар хароҷоти маъмурие, ки дар банди 25 тавсиф шудааст) сарф мешавад, қисман талаб кунад. Агар чунин фаъолияти марбут ба бастани шартнома боиси амалишавии уҳдадорӣ барои иҷро нагардад, корхона набояд ин гуна фаъолият (ва хароҷоти ба он алоқаманд)-ро ҳангоми арзёбии сатҳи амалишавии уҳдадорӣ барои иҷро тибқи банди Б19 ба инобат гирад. Ин марбут ба омили зерин аст, ки хароҷоти ба фаъолияти бастани шартнома алоқамандбуда ба харидор интиқол гардидани мол ё хизматрасониро инъикос намекунад. Корхона бояд таҳлил намояд, ки оё хароҷоти барои бастани шартнома сарфшуда тибқи банди 95 боиси эътирофи дороӣ мегардад ё намегардад.

## Иҷозатномадиҳӣ

Б52 Иҷозатнома ҳуқуқи харидорро ба моликияти зеҳнии корхона муқаррар мекунад. Иҷозатнома барои моликияти зеҳнӣ дар худ инҳоро дар бар мегирад ва аз ҷумла, иҷозатнома барои:

(а) таъминоти барномаҳо ва технология;

(б) синамо, мусиқӣ ва дигар воситаҳои ахбори аудиовизуалӣ ва фароғатӣ;

(в) франшизаҳо; ва

(г) патентҳо, тамғаҳои тиҷоратӣ ва ҳуқуқи муаллифӣ.

Б53 Илова ба ваъдаи корхона ҷиҳати пешниҳод кардани иҷозатнома (ё иҷозатномаҳо) ба харидор корхона инчунин метавонад ваъда диҳад, ки мол ё хизматрасонии дигарро ба харидор интиқол медиҳад. Чунин ваъдаҳо метавонанд ба таври возеҳ дар шартнома ифода ё дар амалияи муқаррарии кории корхона, сиёсати нашршуда ё изҳороти мушаххас дар назар дошта шаванд (ба банди 24 нигаред). Мисли дигар ҳолатҳои дигар намудҳои шартномаҳо, ҳангоме, ки шартнома бо харидор ваъдаи марбут ба пешниҳоди иҷозатнома (ё иҷозатномаҳо)-ро барилова ба дигар мол ё хизматрасонии ваъдашуда дар бар мегирад, корхона барои муқаррар намудани ҳар як уҳдадорӣ барои иҷро дар шартнома бандҳои 22-30-ро татбиқ мекунад.

Б54 Агар ваъдаи пешниҳоди иҷозатнома аз дигар мол ё хизматрасонии ваъдашуда дар шартнома мувофиқи бандҳои 26–30 фарқ накунад, корхона бояд ваъдаи пешниҳоди иҷозатнома ва чунин мол ё хизматрасонии дигари ваъдашударо ҳамроҳ бо мол ва хизматрасонии ваъдашудаи ба сифати уҳдадорӣ барои иҷрои ягона баррасӣ намояд. Намунаҳои иҷозатномаҳое, ки аз дигар мол ё хизматрасонии дар шартнома ваъдашуда фарқ надоранд, инҳоянд:

(а) иҷозатномае, ки ҷузъи мол маҳсуб ёфта, дорои шакли воқеӣ мебошад ва қисми ҷудонопазири имконияти вазифавии онро ташкил медиҳад; ва

(б) иҷозатномае, ки харидор метавонад аз он комилан дар омезиш бо хизматрасонии дахлдор фоида ба даст оварад (масалан, хизматрасонии онлайне, ки тавассути корхона пешниҳод гардида, бо роҳи додани иҷозатнома ба харидор дастрасӣ ба контентро фароҳам меорад).

Б55 Агар иҷозатнома фарқкунанда набошад, корхона бояд бандҳои 31-38-ро, барои муқаррарсозии ин омил истифода барад, ки оё уҳдадории иҷро (аз он ҷумла иҷозатномаи ваъдашуда) ҳамин гуна уҳдадории иҷро мебошад, ки дар фосилаи вақт иҷро мегардад ё уҳдадорие маҳсуб меёбад, ки дар мавриди муайян анҷом мепазирад.

Б56 Агар ваъдаи пешниҳоди иҷозатнома аз дигар мол ё хизматрасонии дар шартнома пешбинишуда фарқ дошта, мутобиқан ваъдаи пешниҳоди иҷозатнома уҳдадории алоҳидаи мавриди иҷроиш маҳсуб ёбад, корхона бояд муқаррар намояд, ки оё иҷозатнома дар давраи муайян ё дар фосилаи

© Фонди СБҲМ 

вақт ба харидор мегузарад ё намегузарад. Ҳангоми муқаррар намудани ин омил корхона бояд ба инобат гирад, ки оё ваъдаи корхона дар бораи додани иҷозатнома ба харидор моҳиятан хусусияти ваъдаи ба харидор пешниҳод кардани инҳо мебошад:

(а) ҳуқуқи дастрасӣ ба моликияти зеҳнии корхона дар ҳамон шакле, ки он дар давоми муҳлати иҷозатнома мавҷуд мебошад; ё

(б) ҳуқуқи истифодаи моликияти зеҳнии корхона, ки он дар мавриди додани иҷозатнома мавҷуд мебошад.

### Муқаррарсозии хусусияти ваъдаи корхона ҷиҳати пешниҳоди иҷозатнома

Б57 [Соқит шудааст]

Б58 Ваъдаи корхона дар бобати пешниҳоди иҷозатнома тибқи моҳияти худ ваъдаи пешниҳоди ҳуқуқи дастрасӣ ба моликияти зеҳнии корхона бо шарти риояи тамоми меъёрҳои дар зер овардашуда мебошад:

(а) шартнома талаб менамояд ё харидор интизор аст, корхона фаъолиятеро анҷом медиҳад, ки ба таври назаррас ба моликияти зеҳнӣ таъсир мерасонад ва харидор ба он ҳуқуқ дорад (ба бандҳои Б59 ва Б59А нигаред);

(б) ҳуқуқҳое, ки тавассути иҷозатнома дода мешавад, харидорро бевосита ба ҳар гуна таъсироти мусбат ё манфии фаъолияти корхона, ки дар банди Б58(а) муайян шудааст, дучор месозад; ва

(в) чунин фаъолият ба андозаи иҷрои он боиси интиқоли мол ё хизматрасонӣ ба харидор намегардад (ба банди 25 нигаред).

Б59 Омилҳое, ки метавонанд нишон диҳанд, ки харидор метавонад ба таври асоснок интизор шавад, ки корхона фаъолиятеро анҷом хоҳад дод, ки ба моликияти зеҳнӣ таъсир мерасонад, амалияи муқаррарии кории корхона, сиёсати нашршуда ё изҳороти мушаххасро дар бар мегирад. Ҳарчанд мавҷудияти манфиатҳои умумии иқтисодӣ (масалан, роялтии ба фурӯш асосёфта)-и байни корхона ва харидор дар робита ба моликияти зеҳнӣ вуҷуддошта, ки харидор ба он ҳуқуқ дорад, нақши муҳим набозад ҳам, он метавонад нишон диҳад, ки харидор имкон дорад ба таври асоснок интизор бошад, ки корхона чунин фаъолиятро анҷом медиҳад.

Б59А Фаъолияти корхона ба моликияти зеҳнӣ, ки харидор ба он ҳуқуқ дорад, ба таври назаррас таъсир мерасонад, агар:

(а) интизор равад, ки чунин фаъолият ба таври назаррас шакл (масалан, сохтор ё мундариҷа) ё хусусиятҳои вазифавӣ (масалан, имконияти иҷрои вазифа ё супориш)-и моликияти зеҳниро тағйир медиҳад;

(б) имконияти харидор барои ба даст овардани фоида аз моликияти зеҳнӣ ба таври назаррас аз чунин фаъолият қайду шарт шуда ё вобаста бошад. Масалан, фоида аз истифодаи бренд аксар вақт аз фаъолияти доимии корхона барои нигоҳдорӣ ё баланд бардоштани арзиши моликияти зеҳнӣ қайду шарт шудааст ё вобаста мебошад.

Аз ин рӯ, агар моликияти зеҳние, ки харидор ба он ҳуқуқ дорад, худ аз худ хусусиятҳои муҳими вазифавӣ дошта бошад, қисмати зиёди фоида аз чунин моликияти зеҳнӣ бо ҳамин хусусиятҳо қайду шарт шудааст. Ҳамин тариқ, фаъолияти корхона ба имконияти харидор барои ба даст овардани фоида аз чунин моликияти зеҳнӣ ба таври назаррас таъсир намерасонад, агар танҳо чунин фаъолият шакл ё хусусиятҳои вазифавии моликияти зеҳниро ба таври назаррас тағйир надиҳад. Намунаҳои моликияти зеҳнӣ, ки аксар вақт худ аз худ дорои хусусиятҳои муҳими вазифавӣ мебошанд, таъминоти барномавӣ, пайвастагиҳои биологӣ ё формулаҳои воситаҳои доруворӣ, инчунин медиа контент (масалан, синамоҳо, намоишҳои телевизионӣ ва сабтҳои мусиқӣ)-ро дар бар мегиранд.

Б60 Агар меъёрҳои дар банди Б58 пешбинигардида риоя шаванд, корхона бояд ваъдаи пешниҳоди иҷозатномаро дар муддати давра ба сифати уҳдадорӣ барои иҷро ба инобат гирад, зеро харидор ҳамзамон аз натиҷаҳои фаъолияти корхона вобаста ба пешниҳоди дастрасӣ ба моликияти зеҳнӣ ба андозаи иҷрои он ҳам манфиат ба даст меорад ва ҳам онро истифода мебарад (ба банди 35(а) нигаред). Корхона бояд бандҳои 39-45-ро барои интихоби усули арзёбии қонеъ сохтани уҳдадорӣ барои иҷро вобаста ба пешниҳоди дастрасӣ истифода барад.

Б61 Агар меъёрҳои дар банди Б58 иҷро нагарданд, ваъдаи корхона моҳияти ваъда барои додани ҳуқуқи истифода аз моликияти зеҳнии корхона маҳсуб меёбад, зеро чунин моликияти зеҳнӣ (дар заминаи шакл ва мушаххасоти вазифавӣ) дар мавриди пешниҳоди иҷозатнома ба харидор мавҷуд мебошад. Ин чунин маънои он дорад, ки харидор метавонад тарзи истифода иҷозатномаро муайян карда, дар ҳамон даврае,ки интиқоли иҷозатнома анҷом мепазирад, аз иҷозатнома амалан тамоми манфиатҳои


© Фонди СБҲМ

боқимондаро ба даст оварад. Корхона бояд ваъдаи пешниҳоди ҳуқуқи истифодаи худро барои моликияти зеҳнӣ ба сифати уҳдадорӣ барои иҷро, ки дар давраи муайян иҷро карда мешавад, баррасӣ намояд. Корхона бояд банди 38-ро ҳангоми муқаррар намудани фосилаи вақти интиқоли иҷозатнома ба харидор татбиқ намояд. Аммо даромад аз фурӯши иҷозатномае, ки ҳуқуқи истифодаи моликияти зеҳниро барои корхона таъмин мекунад, наметавонад тарзи истифода иҷозатномаро муайян карда, дар ҳамон даврае,ки интиқоли иҷозатнома анҷом мепазирад, аз иҷозатнома амалан тамоми манфиатҳои боқимондаро ба даст оварад, эътироф карда шавад. Масалан, агар муҳлати иҷозатнома барои таъминоти барномавӣ то он мавриде оғоз гардад, ки корхона рамзи таъминоти барномавиро ба харидор пешниҳод мекунад (ё ба тариқи дигар дастрас мекунад), ки он ба харидор ҷиҳати фавран истифода бурдани таъминоти барномавӣ имконият фароҳам меорад, то он мавриде, ки чунин рамзи таъминоти барномавӣ (ё корхона) пешниҳод карда нашавад, корхона даромад аз фурӯшро эътироф намекунад (ё корхона ба таври дигар онро ба харидор дастрас мекунад).

Б62 Корхона бояд омилҳои зеринро ҳангоми муқаррар намудани ин омил, ки оё иҷозатнома ҳуқуқи дастрасӣ ба моликияти зеҳнии корхонаро фароҳам меорад ё ҳуқуқи истифодаи моликияти зеҳнии корхонаро таъмин мекунад, ба эътибор нагирад:

(а) маҳдудиятҳое, ки ба давра, минтақаи ҷуғрофӣ ё тарзи истифода тааллуқ доранд, чунин маҳдудиятҳо хусусиятҳои иҷозатномаи ваъдашударо муайян мекунанд, аммо на онро, ки оё уҳдадорӣ барои иҷро аз ҷониби корхона дар мавриди давраи муайян ё дар фосилаи вақт иҷро мешавад ё намешавад.

(б) кафолатҳое, ки тавассути корхона вобаста ба он, ки патенти амалкунандаи марбут ба моликияти зеҳниро истифода карда, патентро аз истифодаи бидуни иҷозат муҳофизат мекунад, чунин ваъдаи корхона вобаста ба таъмини ҳифзи патент уҳдадорӣ барои иҷро маҳсуб намеёбад, зеро амали вобаста ба таъмини ҳифзи патент арзиши дороиҳои корхонаро ҳифз мекунад, ки тавассути моликияти зеҳнии он пешниҳод гардида, ба сифати воситае барои харидор амал мекунад, то итминон ҳосил шавад, ки иҷозатномаи додашуда ба мушаххасоти иҷозатномаи дар шартнома ваъдашуда мувофиқат мекунад.

### Роялтии бо фурӯш асосёфта ё роялтии бо объекти моликияти зеҳнӣ асосёфта

Б63 Сарфи назар аз талаботи дар бандҳои 56-59 пешбинигардида корхона бояд даромад аз фурӯшро дар робита ба роялтӣ, ки бо фурӯш ё истифодаи объекти моликияти зеҳнӣ асос ёфта, бар ивази иҷозатнома барои моликияти зеҳнӣ ваъда шудааст, танҳо дар ҳолате эътироф намояд, ки (ё ба андозае, ки) дертар аз рӯйдодҳои дар зер овардашуда ба вуқӯъ ояд:

(а) фурӯш ё истифодаи минбаъда; ва

(б) анҷом додан (ё қисман анҷом додан)-и уҳдадорӣ барои иҷро, ки ба он кадом як қисмат ё тамоми роялтии бо фурӯш асосёфта ё роялтии бо истифодаи моликияти зеҳнӣ асосёфта мансуб шудаанд.

Б63А Тибқи талаботи дар банди Б63 пешбинишуда дар робита ба роялтӣ, ки бо фурӯш асос ёфтааст ё роялтии бо истифода асосёфта ин талабот дар он ҳолате татбиқ мешавад, агар роялтӣ танҳо ба иҷозатномаи марбут ба моликияти зеҳнӣ дахл дошта бошад ё ҳангоме, ки иҷозатномаи марбут ба моликияти зеҳнӣ ҷузъи асосии моддае бошад, ки роялтӣ ба он дахл дорад (масалан, иҷозатномаи марбут ба моликияти зеҳнӣ метавонад ҷузъи асосии моддае бошад, ки роялтӣ ба он дахл дорад, агар корхона ба таври асоснок интизор бошад, ки харидор нисбат ба дигар мол ё хизматрасоние, ки роялтӣ ба онҳо тааллуқ дорад, қисмати бештари хароҷотро ба иҷозатнома мансуб хоҳад кард).

Б63Б Агар талаботи пешбининамудаи банди Б63А риоя карда шавад, даромад аз фурӯши марбут ба роялтӣ, ки бо фурӯш асос ёфтааст ё роялтии бо истифода асосёфта бояд дар ҳаҷми пурра тибқи банди Б63 эътироф карда шавад. Агар талаботи пешбининамудаи банди Б63А риоя нагардида бошад, дар робита ба роялтӣ, ки бо фурӯш асос ёфтааст ё роялтии бо истифода асосёфта талаботи марбут ба ҷуброни тағйирёбанда, ки дар бандҳои 50-59 пешбинӣ гардидааст,татбиқ карда мешавад.

## Шартномаҳои хариди баръакс

Б64 Шартномаи хариди баръакс ин шартномаест, ки тибқи он корхона дороиро фурӯхта, дар ин маврид дар доираи ҳамон шартнома ё дигар шартнома ҷиҳати бозхаридани дороӣ ваъда медиҳад ё барои хариди баръакси он опсион мегирад. Дороии бозхаридашаванда метавонад дороие бошад, ки дар амалиёти аввалия ба харидор фурӯхта шуда, дороиест аслан шабеҳ ба чунин дороӣ ё дороии дигаре, ки ҷузъи он дороие маҳсуб меёбад, ки дар амалиёти аввалия ба харидор фурӯхта шуда буд.

Б65 Тибқи қоида, шартномаҳои хариди баръакс яке аз ин се шакли зеринро доро мебошанд:

(а) уҳдадории корхона ҷиҳати бозхаридани дороӣ ба таври баръакс (форвард);

(б) ҳуқуқи корхона барои бозхаридани дороӣ ба таври баръакс (колл - опсион); ва

(в) уҳдадории корхона ҷиҳати бозхаридани дороӣ ба таври баръакс бо дархости харидор (пут - опсион).

## Форвард ё колл-опсион

Б66 Агар корхона уҳдадор бошад ё дар робита ба хариди баръакси дороӣ ҳуқуқ дошта бошад (форвард ё колл-опсион), харидор назорати дороиро ба даст намеорад, зеро харидор ҷиҳати муқаррар намудани тарзи истифодаи дороӣ ва амалан қабул кардани тамоми манфиати боқимондаи он имконияти маҳдуд дорад, ҳатто агар харидор ба дороӣ соҳибияти воқеӣ дорад. Аз ин рӯ, корхона бояд шартномаро ба ин сифат ба инобат гирад:

(а) иҷора, мутобиқ бо СБҲМ 16 *"Иҷора"*, агар корхона ҳуқуқ ё уҳдадории бозхаридани дороиро бо нархи камтар аз нархи фурӯши аввалияи он дошта бошад, ба истиснои мавриде, ки шартнома қисмати амалиёти фурӯш бо иҷораи баръакс ба ҳисоб равад. Агар шартнома як қисмати амалиёти фурӯш бо иҷораи баръакс ба ҳисоб равад, корхона бояд эътирофи дороиро идома дода, уҳдадории молиявиро дар робита ба ҷубронпулие, ки аз харидор мегирад, эътироф намояд. Корхона бояд уҳдадории молиявиро тибқи СБҲМ 9 ба инобат гирад; ё

(б) созишнома дар бораи маблағгузорӣ тибқи банди Б68, агар корхона ҳуқуқ ё уҳдадории бозхаридани дороиро ба таври баръакс бо маблағи баробар ё зиёдтар аз нархи аввалияи фурӯши дороӣ дошта бошад.

Б67 Ҳангоми муқоисаи нархи хариди баръакс бо нархи фурӯш корхона бояд арзиши муваққатии пулро ба инобат гирад.

Б68 Агар созишномаи хариди баръакс шартномаи маблағгузорӣ маҳсуб ёбад, корхона бояд эътирофи дороиро идома дода, инчунин уҳдадории молиявиро дар робита ба ҷуброне, ки аз харидор қабул мегардад, эътироф намояд. Корхона бояд фарқияти байни маблағи ҷубронеро, ки аз харидор қабул мегардад ва маблағи ҷубронеро, ки бояд ба харидор пардохта шавад, ба сифати фоиз ва агар қобили қабул бошад, ба сифати хароҷоти коркард ё нигоҳдорӣ (масалан, суғуртакунӣ) эътироф намояд.

Б69 Агар мӯҳлати амали опсион фаро расад ва иҷронашуда боқӣ монад, корхона бояд эътирофи уҳдадориро қатъ карда, даромад аз фурӯшро эътироф намояд.

## Пут-опсион

Б70 Агар корхона уҳдадории бозхариди дороиро бо дархости харидор (пут-опсион) ба таври баръакс, бо нархи камтар аз нархи аввалияи фурӯши он дошта бошад, корхона бояд ҳангоми бастани шартнома ҳавасмандии иқтисодии назарраси харидорро ҷиҳати татбиқи чунин ҳуқуқ арзёбӣ намояд. Тавассути харидор татбиқ гардидани чунин ҳуқуқ боиси он мегардад, ки харидор воқеан ба корхона барои истифодаи дороии қайду шартшуда дар давраи муайян ҷуброн пардохт намояд. Аз ин рӯ, агар харидор барои татбиқи чунин ҳуқуқ ҳавасмандии назарраси иқтисодӣ дошта бошад, корхона бояд шартномаро тибқи СБҲМ 16 ҳамчун иҷора ба инобат гирад, ба истиснои мавриде, ки шартнома қисмати амалиёти фурӯш бо иҷораи баръакс маҳсуб ёбад. Агар шартнома қисмати амалиёти фурӯш бо иҷораи баръакс маҳсуб ёбад, корхона бояд эътирофи дороиро идома дода, уҳдадории молиявиро дар робита ба ҷуброне, ки аз харидор қабул намудааст, мавриди эътироф қарор диҳад. Корхона бояд уҳдадории молиявиро тибқи СБҲМ 9 ба инобат гирад.

Б71 Бо мақсади муқаррар намудани ин омил, ки оё харидор барои татбиқи ҳуқуқи худ ҳавасмандии иқтисодии назаррас дорад, корхона бояд омилҳои гуногун, аз ҷумла таносуби нархи хариди баръаксро нисбат ба арзиши бозории мавриди интизори дороӣ дар санаи хариди баръакс ва давраи то фарорасии мӯҳлати амали ҳуқуқ таҳлил намояд. Масалан, агар интизор равад, ки нархи хариди баръакс аз арзиши бозории дороӣ ба таври назаррас зиёд мебошад, ин метавонад ба он ишора кунад, ки харидор барои иҷрои пут-опсион ҳавасмандии иқтисодии назаррас дорад.

Б72 Агар харидор ҷиҳати татбиқи ҳуқуқи худ вобаста ба фурӯши баръакси дороӣ бо нархе, ки камтар аз нархи фурӯши аввалияи дороӣ мебошад, дорои ҳавасмандии иқтисодии назаррас набошад, корхона бояд шартномаро ба гунае ба инобат гирад, ки гӯё ин фурӯши маҳсулот бо ҳуқуқи бозгашт аст, чӣ таврe, ки дар бандҳои Б20-Б27 тавсиф шудааст.

Б73 Агар нархи хариди баръакси дороӣ ба нархи фурӯши аввалияи он баробар ё зиёдтар, инчунин аз арзиши эҳтимолии бозории дороӣ зиёд бошад, созишнома моҳиятан созишнома дар бораи маблағгузорӣ маҳсуб ёфта, дар ин баробар бояд тибқи банди Б68 ҳисоб карда шавад.


© Фонди СБҲМ

Б74 Агар нархи хариди баръакси дороӣ ба нархи аввалияи фурӯш баробар ё аз он зиёдтар, инчунин аз арзиши эҳтимолии бозории дороӣ камтар ё баробар бошад ва харидор барои татбиқи ҳуқуқи худ ҷиҳати фурӯши баръакси дороӣ ҳавасмандии зарури иқтисодӣ надошта бошад. Агар дороиҳо бошад, корхона бояд шартномаро ба гунае ба инобат гирад, ки гӯё фурӯши дороӣ бо ҳуқуқи бозгашт аст, чӣ тавре, ки дар бандҳои Б20-Б27 тавсиф шудааст.

Б75 Ҳангоми муқоисаи нархи хариди баръакс бо нархи фурӯш корхона бояд арзиши муваққаттии пулро ба инобат гирад.

Б76 Агар мухлати амали опсион ба охир расида, иҷронашуда боқӣ монад, корхона бояд эътирофи ӯҳдадориро қатъ кунад ва даромад аз фурӯшро эътироф намояд.

## Созишномаҳои таҳвилӣ

Б77 Ҳангоме, ки корхона маҳсулотро ба тарафи дигар (масалан, даллол (даллол) ё дистрибютор) барои фурӯш ба харидорони ниҳоӣ таҳвил медиҳад, корхона бояд ин омилро арзёбӣ намояд, ки оё чунин тарафи дигар дар ин давра назорати маҳсулотро ба даст овардааст ё наовардааст. Маҳсулоте, ки ба тарафи дигар таҳвил шудааст, метавонад тибқи созишномаҳои таҳвилӣ нигоҳ дошта шавад, агар он чунин тарафи дигар назорати маҳсулотро ба даст наоварад. Мувофиқи он, корхона набояд ҳангоми таҳвили маҳсулот ба тарафи дигар даромад аз фурӯшро эътироф намояд, агар маҳсулоти дастрасшуда дар шароити таҳвилӣ нигоҳ дошта шавад.

Б78 Ба ин нишонаҳо, ки созишнома созишномаҳои таҳвилӣ мебошад, аз ҷумла, инҳо мансуб мебошанд:

(а) маҳсулот то фарорасии рӯйдоди муайян аз ҷониби корхона назорат карда мешавад, масалан, фурӯши маҳсулот ба харидори даллол ё то фаро расидани мухлати муайян;

(б) корхона дорои имконияти дархости баргардонидани маҳсулот ё интиқол додани маҳсулот ба тарафи сеюм мебошад (масалан, дигар даллол); ва

(в) даллол дар робита ба пардохти маҳсулот дорои ӯҳдадории ғайришартӣ намебошад (вале дар ин маврид метавонад барои пасандоз гузоштан ӯҳдадор шавад).

## Созишнома дар бораи фурӯш бо пешниҳоди ҳисобнома-фактура ва таҳвили мавқуфгузоштошуда

Б79 Созишнома дар бораи фурӯш бо пешниҳоди ҳисобнома-фактура ва таҳвили мавқуфгузоштошуда - шартномаест, ки тибқи он корхона ҳисобнома-фактураро маҳсулот ба харидор барои пешниҳод мекунад, вале маҳсулотро то он мавриде, ки он дар фосилаи вақти муайян минбаъд ба харидор расонида намешавад, ба таври воқеӣ нигоҳ медорад. Масалан, харидор метавонад ба корхона бо дархост ҷиҳати бастани чунин шартнома бинобар мавҷуд набудани биноӣ холӣ барои ҳифзи маҳсулот ё бо сабаби ба таъхир афтодани иҷрои ҷадвали истеҳсолии нақшавӣ муроҷиат кунад.

Б80 Корхона бояд давраи иҷро шудани ӯҳдадорӣ барои иҷроро дар робита ба интиқоли маҳсулотро тавассути арзёбии ин омил муқаррар намояд, ки дар кадом маврид харидор назорати чунин маҳсулотро ба даст меорад (ба банди 38 нигаред). Барои баъзе шартномаҳо, вобаста аз шартҳои пешбининамудаи ин шартномаҳо (аз ҷумла, шартҳои ҳамлу нақл) назорат, ё ҳангоми таҳвили маҳсулот ба харидор ё дар мавриди ҳамли маҳсулот, интиқол дода мешавад. Аммо барои баъзе шартномаҳои дигар, харидор метавонад назорати маҳсулотро ҳатто, новобаста аз он, ки маҳсулот ҳоло ҳам ба таври воқеӣ дар ихтиёри корхона қарор дорад, ба даст орад. Дар ин маврид харидор имконият дорад тарзи истифодаи махсулотро муқаррар намояд ва аз он амалан тамоми манфиати боқимондаро ба даст орад, ҳатто агар он тасмим гирифта бошад, ки аз ҳуқуқи худ барои соҳибияти воқеии он истифода набарад. Бинобар ин, корхона маҳсулотро назорат намекунад. Бар ивази ин корхона ба харидор хизматрасонии нигоҳдории дороии ба харидор тааллуқдоштаро пешкаш мекунад.

Б81 Илова ба татбиқи талаботи банди 38, зарур аст тамоми меъёрҳои дар зер овардашуда иҷро карда шаванд, то хулоса карда шавад, ки харидор назорати маҳсулотро тибқи созишнома дар бораи фурӯш бо пешниҳоди ҳисобнома-фактура ва таҳвили мавқуфгузоштошуда қабул кардааст:

(а) сабаби бастани созишнома дар бораи фурӯш бо пешниҳоди ҳисобнома-фактура ва таҳвили мавқуфгузоштошуда бояд муҳим бошад (масалан, харидор бо дархости истифодаи ин навъи созишнома муроҷиат кардааст);

(б) маҳсулот бояд ба таври алоҳида ҳамчун мутааллиқ ба харидор мушаххас карда шавад;

(в) маҳсулот бояд дар давраи воқеӣ барои интиқоли воқеӣ ба харидор омода бошад; ва

(г) корхона набояд имконияти истифодаи маҳсулот ё ба харидори дигар интиқол додани онро дошта бошад.

Б82 Агар корхона дар робита ба фурӯши маҳсулот дар асоси пешниҳоди ҳисобнома ва ба таъхир афтодани таҳвил даромад аз фурӯшро эътироф намояд, корхона бояд мувофиқи бандҳои 22-30 мавҷудияти уҳдадорӣ барои иҷроро (масалан, хизматрасонии марбут ба нигаҳдорӣ), ки боқӣ мондааст, таҳлил карда, қисмати нархи амалиётро мувофиқи бандҳои 73-86 тақсим намояд.

## Қабул аз ҷониби харидор

Б83 Тибқи банди 38(ғ) қабули дорой аз ҷониби харидор метавонад ба он ишора кунад, ки харидор назорати дороиро ба даст овардааст. Муқаррароти шартномаҳо дар бораи тавассути харидор қабул гардидани дорой ба харидор имкон медиҳад, ки шартномаро қатъ кунад ё аз корхона баргузор кардани корҳои марбут ба бартарафкунии камбудиҳоро талаб кунад, агар мол ё хизматрасонӣ ба мушаххасоти мувофиқашуда мувофиқат накунад. Корхона бояд чунин муқарраротро ҳангоми арзёбӣ ба инобат гирад, ки харидор дар кадом маврид назорати мол ё хизматрасониро ба даст меорад.

Б84 Агар корхона битавонад ба таври объективӣ муқаррар намояд, ки назорати мол ё хизматрасонӣ мутобиқ бо мушаххасоти мувофиқашудаи шартнома ба харидор гузаштааст, пас тавассути харидор қабул гардидани назорат расмиёт буда, ба хулосаи корхона нисбат ба ин масъала, ки дар кадом давра харидор назорати мол ё хизматрасониро ба даст овардааст, таъсир намерасонад. Масалан, агар шартҳои тавассути харидор қабул гардидани назорат дар мувофиқат ба мушаххасоти ҷойдоштаи андоза ва вазн асос ёфта бошанд, корхона имкон хоҳад дошт, ки иҷрои ин меъёрҳоро пеш аз мавриди тасдиқи қарор тавассути харидор муқаррар намояд. Таҷрибаи корхона, ки марбут ба шартномаҳо барои мол ё хизматрасонии ҳаммонанд мебошад, метавонад аз он шаҳодат диҳад, ки мол ё хизматрасонии ба харидор пешниҳодшуда ба мушаххасоти мувофиқашуда, ки дар шартнома пешбинӣ шудааст, мувофиқат мекунад. Ҳатто, агар даромад аз фурӯш то мавриди қабул тавассути харидор эътироф карда шавад ҳам, корхона бояд уҳдадорӣ барои иҷроро, ки боқӣ мондааст (масалан, уҳдадории насби дастгоҳ) таҳлил карда, оё зарур будани баҳисобгирии онро бояд ба таври алоҳида арзёбӣ намояд.

Б85 Ҳамин тариқ, агар корхона имкони ба таври объективӣ муқаррар намудани мутобиқати мол ё хизматрасонии ба харидор интиқолшударо бо мушаххасоти мувофиқашуда, ки дар шартнома пешбинӣ гардидааст, надошта бошад, пас корхона наметавонад дар ин бора ба хулосае ояд, ки харидор то он мавриде, ки корхона дар бораи тавассути харидор қабул гардидани назорат маълумот намегирад, назоратро ба даст овардааст. Ин бо он сабаб рӯй медиҳад, ки дар чунин шароит корхона муқаррар карда наметавонад, оё харидор имконият дорад, ки тарзи истифодаи мол ё хизматрасониро муайян карда, аз он тамоми манфиати боқимондаро амалан ба даст оварад.

Б86 Агар корхона маҳсулотро ба харидор бо мақсади баргузор кардани тести озмоишӣ ё арзёбӣ таҳвил диҳад ва вобаста ба пардохти ягон гуна ҷуброн то фарорасии давраи озмоишӣ аз ҷониби харидор уҳдадорӣ ба миён наояд, назорати маҳсулот танҳо пас аз ин маврид, ҳангоме, ки харидор маҳсулотро қабул мекунад ё давраи озмоишӣ фаро мерасад, ба харидор мегузарад.

## Ифшои маълумот дар бораи даромад аз фурӯши дақиқшуда

Б87 Мутобиқи моддаи 114 корхона бояд маълумотро дар бораи даромад аз фурӯши марбут ба шартнома бо харидорон ба гурӯҳҳои нишондиҳандаи ин омил возеҳ созад, ки омилҳои иқтисодӣ чӣ гуна ба хусусият, маблағ, муҳлат ва номуайянии даромад аз фурӯш ва воситаҳои пулӣ таъсир мерасонанд. Аз ин рӯ, сатҳи возеҳ сохтани даромад аз фурӯш бо мақсади иҷрои талаботи мазкур нисбат ба ифшои маълумот аз далел ва ҳолатҳои марбут ба шартномаҳои корхона бо харидорон вобаста мебошад. Баъзе корхонаҳо имкон доранд барои ноил гардидан ба ҳадафи возеҳ сохтани даромад аз фурӯш дар банди 114 зиёда якчанд гурӯҳро истифода баранд. Дигар корхона метавонанд чунин ҳадафро бо истифодаи танҳо як гурӯҳ барои возеҳ сохтани даромад аз фурӯш ба даст оранд.

Б88 Ҳангоми интихоби гурӯҳ (ё гурӯҳҳо), ки барои ҷузъикунонии даромад аз фурӯш истифода мешавад, корхона бояд муқаррар намояд, ки бо кадом тарз маълумот дар бораи даромад аз фурӯши корхона барои мақсадҳои дигар, аз ҷумла, дар бораи инҳо пешниҳод шудааст:

(а) ифшои маълумот берун аз доираи ҳисоботи молиявӣ (масалан, дар ҳисобот дар бораи фоида, ҳисоботи солона ё тақдимот барои сармоягузорон);

(б) маълумоте, ки ба таври мунтазам тавассути роҳбарияти тасмимгирандаи амалиёт бобати арзёбии натиҷаҳои молиявии сегментҳои амалиётӣ баррасӣ карда мешавад; ва

(в) дигар иттилооти монанд ба намудҳои маълумоте, ки дар бандҳои Б88(а) ва (б) мушаххас гардида, аз ҷониби корхона ё истифодабарандагони ҳисоботи молиявии корхона барои арзёбии натиҷаҳои молиявии корхона ё қабули қарорҳо дар бораи тақсимоти захираҳо истифода мешавад.

Б89 Намунаи гурӯҳҳое, ки метавонанд барои ҷузъикунонӣ маусаднок бошанд ва аз ҷумла, тамоми намунаҳои дар зер овардашударо дар бар мегиранд:

(а) навъи мол ё хизматрасонӣ (масалан, навъҳои асосии маҳсулот);

(б) минтақаи ҷуғрофӣ (масалан, кишвар ё минтақа);

(в) бозор ё гурӯҳи харидорон (масалан, истеъмолкунандагони бахшҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ);

(г) намуди шартнома (масалан, шартномаҳои дорои нархи собитшуда ва шартномаҳо бо пардохти арзиши хароҷоти давраи фаъолият ва маводи сарфшуда);

(ғ) муҳлати амали шартнома (масалан, шартномаҳои кутоҳмуддат ва дарозмуддат);

(д) муҳлати интиқоли мол ё хизматрасонӣ (масалан, даромад аз фурӯши молу хизматрасоние, ки дар фосилаи вақти муайян ба харидорон дода шудааст ва даромад аз фурӯши молу хизматрасонӣ дар муддати давра интиқол шудааст); ва

(е) роҳҳои фурӯш (масалан, молҳое, ки бевосита ба истеъмолкунандагон фурӯхта мешаванд ва молҳое, ки тавассути миёнаравон фурӯхта мешаванд).

© Фонди СБҲМ

# Замимаи В
# Санаи эътибор пайдо намудан ва муқаррароти интиқолӣ

*Замимаи мазкур қисми ҷудонопазири Стандарти мазкур маҳсуб ёфта, бо қисматҳои дигари Стандарти мазкур дорои эътибори якхела мебошад.*

## Санаи эътибор пайдо намудан

В1 Корхона бояд Стандарти мазкурро нисбат ба давраҳои ҳисоботи солона, ки аз 1 январи соли 2018 ё пас аз ин сана оғоз мешаванд, татбиқ намояд. Татбиқи пеш аз мӯҳлат иҷозат дода мешавад. Агар корхона Стандарти мазкурро пеш аз мӯҳлат татбиқ кунад, пас бояд чунин далелро ифшо намояд.

В1А Ба СБҲМ 16 *"Иҷора"*, ки моҳи январи соли 2016 нашр шудааст, ба бандҳои 5, 97, Б66 ва Б70 тағйирот ворид карда шудааст. Корхона бояд ин тағйиротро дар баробари татбиқи СБҲМ 16 мавриди татбиқ қарор диҳад.

В1Б Тавассути ҳуҷҷати *"Тафсироти Стандарти байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) 15 "Даромад аз фурӯш тибқи шартнома бо харидорон"*, ки моҳи апрели соли 2016 нашр шудааст, ба бандҳои 26, 27, 29, Б1, Б34–Б38, Б52–Б53, Б58, В2 , В5 ва В7 тағйирот ворид карда шуда, , банди Б57 хориҷ карда шудааст ва бандҳои Б34А, Б35А, Б35Б, Б37А, Б59А, Б63А, Б63Б, В7А ва В8А илова гардидаанд. Корхона бояд ин тағйиротро нисбат ба давраҳои ҳисоботии солона, ки аз 1 январи соли 2018 ё пас аз он оғоз мешаванд, татбиқ намояд. Татбиқи пеш аз мӯҳлат иҷозат дода мешавад. Агар корхона ин ислоҳотро нисбат ба давраи пештар татбиқ кунад, пас бояд чунин далелро ифшо намояд.

В1В Дар СБҲМ 17, ки моҳи майи соли 2017 нашр шудааст, ба банди 5 ислоҳот ворид карда шудааст. Корхона бояд ин ислоҳотро дар баробари татбиқи СБҲМ 17 мавриди татбиқ қарор диҳад.

## Муқаррароти интиқолӣ

В2 Барои мақсадҳои муқаррароти интиқолӣ бандҳои В3-В8А:

(а) санаи татбиқи аввалия оғози давраи ҳисоботие мебошад, ки дар он корхона бори аввал Стандарти мазкурро истифода мекунад;

(б) шартномаи иҷрошуда шартномаест, ки тибқи он корхона тамоми мол ё хизматрасонии тибқи СББМ 11 *"Шартномаи сохтмон"*, СББМ 18 *"Даромад аз фурӯш"* ва тафсироти марбута мушаххасшударо интиқол додааст.

В3 Корхона бояд Стандарти мазкурро бо истифода аз яке аз ду усулҳои зерин татбиқ намояд:

(а) ба таври гузаштанигарӣ нисбат ба ҳар як давраи ҳисоботии қаблӣ, ки мутобиқ бо СББМ 8 *"Сиёсати баҳисобгирӣ, тағйирот дар арзёбии муҳосибӣ ва хатоҳо"* пешниҳод шудааст, бо назардошти соддагардонии банди В5 ҷойдошта; ё

(б) ба таври гузаштанигарӣ тавассути эътироф намудани таъсири умумии татбиқи аввалияи Стандарти мазкур дар санаи татбиқи аввалия тибқи бандҳои В7-В8.

В4 Сарфи назар аз талаботи банди 28 СББМ 8, ҳангоми бори аввал татбиқ намудани Стандарти мазкур корхона бояд маълумоти миқдориеро, ки тавассути банди 28(д) СББМ 8 талаб карда мешавад, танҳо барои давраи солонаи бевоситаи пеш аз давраи якуми солонае, ки Стандарти мазкур дар он истифода шудааст ("давраи бевоситаи қаблӣ"), пешниҳод намояд ва танҳо дар ин сурат, агар корхона Стандарти мазкурро тибқи банди В3(а) ба таври гузаштанигарӣ татбиқ намояд. Корхона инчунин ҳуқуқ дорад, вале уҳдадор намебошад, чунин маълумоти давраи ҷорӣ ё давраҳои муқоисавии қаблиро пешниҳод намояд.

В5 Корхона метавонад як ё якчанд соддагардонии хусусияти амалидоштаи зеринро бо истифодаи Стандарти мазкур тибқи банди В3(а) ба таври гузаштанигарӣ истифода барад:

(а) дар мавриди шартномаҳои иҷрошуда корхона набояд шартномаҳоро аз нав нишон диҳад:

(i) мӯҳлати амал, ки дар доираи як давраи ҳисоботии солона оғоз гардида, ба охир мерасад; ё

(ii) шартномаҳое, ки дар аввали аз ҳама давраи пештарини давраҳои пешниҳодшуда иҷрошуда маҳсуб меёбад.

(б) дар мавриди шартномаҳои иҷрошуда бо чуброни тағйирёбанда, корхона ҳуқуқ дорад нархи амалиётро дар санае, ки дар он шартнома иҷро гардидааст, бар ивази арзёбии маблағи ҷуброни тағйирёбанда дар давраҳои ҳисоботии муқоисавӣ истифода барад.

(в) дар мавриди шартномаҳое, ки пеш аз оғози аз ҳама давраи пештарини давраҳои пешниҳодшуда тағйир дода шудаанд, корхона набояд шартномаро ба таври гузаштанигарӣ бо мақсади ба инобат гирифтани ин тағйирдиҳӣ тибқи бандҳои 20-21 мавриди азнавҳисобкунӣ қарор диҳад. Бар ивази ин, корхона бояд таъсири умумии тамоми тағйирёбиро, ки пеш аз оғози аз ҳама давраи пештарини давраҳои пешниҳодшуда дар ҳолатҳои зерин ба вуҷуд омадаанд, инъикос намояд:

(i) ҳангоми муқаррар намудани уҳдадориҳои иҷрошуда ва иҷронашуда;

(ii) ҳангоми муқаррар намудани нархи амалиёт; ва

(iii) ҳангоми тақсим кардани нархи амалиёт ба уҳдадориҳои иҷрошуда ва иҷронашуда барои иҷро.

(г) барои тамоми давраҳои ҳисоботие, ки то санаи татбиқи аввалия пешниҳод шудаанд, корхона набояд маблағи нархи амалиётро, ки ба уҳдадориҳои боқимондаи мавриди иҷро тақсим шудааст ва тавзеҳот дар бораи даврае, ки корхона интизор дорад чунин маблағро ба сифати даромад аз фурӯш эътироф намояд (ба банди 120 нигаред).

B6 Агар корхона яке аз усулҳои соддагардонии хусусияти амалидоштаи банди B5-ро истифода барад, корхона бояд онро ба таври пайваста дар робита ба тамоми шартномаҳо дар доираи ҳама давраҳои ҳисоботии пешниҳодшуда татбиқ намояд. Илова бар ин, корхона бояд ҳама маълумоти зеринро ифшо намояд:

(а) соддагардонии истифодашуда;

(б) ба ҳамон дараҷае, қобили қабул бошад, арзёбии сифатии таъсири ҳисоббаробарии истифодаи ҳар яке аз чунин соддагардониҳо.

B7 Агар корхона имконияти татбиқи Стандарти мазкурро тибқи банди B3(б) ба таври гузаштанигарӣ истифода барад, корхона бояд таъсири умумии аз татбиқи аввалияи Стандарти мазкур пайдошударо ба сифати тасҳеҳи бақияи фоидаи тақсимнашуда (ё ба таври мувофиқ, дигар ҷузъи сармояи хусусӣ) дар оғози давраи ҳисоботии солона, ки санаи татбиқи аввалияро дар бар мегирад, эътироф намояд. Тибқи ин усули гузариш ба тартиби нави баҳисобгирӣ корхона имкон дорад тасмим гирад, ки Стандарти мазкурро ба таври гузаштанигарӣ, танҳо дар робита ба шартномаҳое, ки дар санаи татбиқи аввалия иҷронашуда боқӣ мондаанд (масалан, 1 январи соли 2018 барои корхонае, ки соли ҳисоботии он дар таъиихи 31 декабр ба итмом мерасад), истифода кунад.

B7A Корхонае, ки Стандарти мазкурро ба таври гузаштанигарӣ тибқи банди B3(б) татбиқ мекунад, метавонад инчунин соддагардонии хусусияти амалидоштаи дар банди B5(в) тавсифшударо дар робита ба инҳо истифода барад:

(а) тамоми тағйироти шартнома, ки то оғози аз ҳама давраи пештарини давраҳои пешниҳодшуда ба миён омадаанд; ё

(б) тамоми тағйироти шартнома, ки то санаи татбиқи аввалия ба вуҷуд омадаанд.

Агар корхона ин соддагардонии хусусияти амалидоштаро истифода барад, пас бояд соддагардониро дар робита ба тамоми шартномаҳо ба таври пайваста татбиқ намуда, мутобиқи талаботи банди B6 маълумотро ифшо намояд.

B8 Агар тибқи банди B3(б) Стандарти мазкур ба таври гузаштанигарӣ татбиқ карда шавад, пас барои давраҳои ҳисоботӣ, ки санаи татбиқи аввалияро дар бар мегиранд, корхона бояд маълумоти дар зербандҳои зерин зикршударо ба таври иловагӣ ифшо намояд:

(а) маблағе, ки ҳар як моддаи ҳисоботи молиявӣ дар давраи ҳисоботии ҷорӣ дар натиҷаи татбиқи Стандарти мазкур дар муқоиса бо СББМ 11, СББМ 18 ва тафсироти алоқаманде, ки то ворид гардидани ислоҳот амал мекарданд, тағйир меёбад; ва

(б) шарҳи сабабҳои тағйироти ҷиддие, ки дар банди B8(а) муайян шудаанд.

B8A Корхона бояд *"Тафсироти СБҲМ 15 "Даромад аз фурӯш тибқи шартнома бо харидорон"* (ба банди B1Б нигаред)-ро ба таври гузаштанигарӣ тибқи СББМ 8 татбиқ намояд. Ҳангоми татбиқи ин ислоҳот ба таври гузаштанигарӣ корхона бояд онро тавре татбиқ намояд, ки гӯё онҳо дар санаи татбиқи аввалия ба стандарти СБҲМ 15 дохил карда шуда бошанд. Аз ин рӯ, корхона набояд ин тағйиротро ба давраҳои ҳисоботӣ ё шартномаҳое татбиқ намояд, ки дар робита ба онҳо талаботи СБҲМ 15 тибқи бандҳои B2–B8 татбиқ намегардад. Масалан, агар корхона СБҲМ 15-ро тибқи банди B3(б) танҳо нисбати шартномаҳое татбиқ намояд, ки дар санаи татбиқи аввалия иҷронашуда

боқӣ мондаанд, корхона набояд шартномаҳои иҷрошудаеро дар санаи татбиқи аввалияи СБҲМ 15 бо назардошти чунин ислоҳот ба инобат гирад.

### Истинод ба СБҲМ 9

B9 Агар корхона Стандарти мазкурро мавриди татбиқ қарор дода, вале то ҳол СБҲМ 9 *"Воситаҳои молиявӣ"*-ро татбиқ накарда бошад, пас истиноди дахлдор ба СБҲМ 9 бояд ҳамчун истинод ба СББМ 39 *"Воситаҳои молиявӣ: эътироф ва арзёбӣ"* ба инобат гирифта шавад.

## Қатъи амали дигар стандартҳо

B10 Стандарти мазкур стандартҳои зеринро иваз менамояд:

(а) СББМ 11 *"Шартномаҳои сохтмон"*;

(б) СББМ 18 *"Даромад аз фурӯш"*;

(в) Тафсироти КТҲМБ 13 *"Барномаҳои садоқати харидорон"*;

(г) Тафсироти КТҲМБ 15 *"Шартномаҳои сохтмони амволи ғайриманқул"*;

(ғ) Тафсироти КТҲМБ 18 *"Интиқоли дороиҳо тавассути харидорон;* ва

(д) Тафсироти КТС 31 *"Даромад – Амалиёти мубодилавии (мубодилавии) дорои хизматрасонии таблиғотӣ"*.